ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ:80/81:811.21/22 (573.32)

ШЕРДИЛОВА СУРАЙЁ ФАРМОНБЕКОВНА

ТАҲҚИҚОТИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҒОРОН

(АЗ ГУРӮҲИ ЛАҲҶАҲОИ ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ)

ИХТИСОС 10.02.19. – НАЗАРИЯИ ЗАБОН

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент
Матробиён С. Қ.

Мушовири илмӣ: д.и.ф., профессор
Н. Офаридаев

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО----------4

МУҚАДДИМА----------5-8

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ----------9-15

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҒОРОН

1.1. Маълумоти мухтасар доир ба минтақаи таҳқиқот----------16-18

1.2. Пажӯҳишҳои шевашиносиву этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик----------18-22

1.2.1. Доир ба корбурди истилоҳоти этнолингвистика ва шевашиносӣ----22-26

1.3. Этнографизмҳо ва диалектизмҳои лексикӣ------- ----------26-43

Хулосаи боби якум----------44-46

БОБИ II. ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОН ВА ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ОНҲО

2.1. Лексикаи соҳавӣ----------48-49

2.1.1. Лексикаи соҳаи дӯзандагӣ----------49-56

2.1.2. Лексикаи соҳаи бофандагӣ----------56-59

2.1.3. Лексикаи соҳаи намадмолӣ----------59-61

2.1.4. Лексикаи соҳаи хонасозӣ----------61-64

2.1.5. Лексикаи соҳаи осиёбсозӣ----------64-66

2.1.6. Лексикаи соҳаи пазандагӣ (хӯрокворӣ)----------66-73

2.1.7. Лексикаи марбут ба зебу зинат, ороиши занон----------73-81

2.1.8. Лексикаи соҳаи зироаткорӣ----------81-86

2.1.9. Лексикаи соҳаи чорводорӣ----------86-97

2.2. Лексикаи мероси маънавӣ----------97-98

2.2.1. Лексикаи марбут ба маросими тӯю сур----------98-108

2.2.2. Лексикаи ҷашнҳои мардумӣ----------109-113

2.2.3. Лексикаи маросими мотам ва азодорӣ----------113-117

2.2.4. Лексикаи истилоҳоти хешутаборӣ----------117-123

Хулосаи боби дуюм----------123-126

БОБИ III. МАНБАЪҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҒОРОН

3.1. Калимаҳои умумитоҷикӣ----------128-133

3.2. Калимаҳои умумибадахшонӣ----------133-137

3.3. Калимаҳои иқтибосӣ----------137-140

3.3.1. Иқтибосоти арабӣ----------140-148

3.3.2. Иқтибосоти туркӣ – ӯзбекӣ (муғулӣ)----------148-150

3.3.3. Иқтибосоти русӣ – аврупоӣ----------151-155

Хулосаи боби сеюм----------155-157

ХУЛОСА----------158-161

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ-------162

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ----------163-176

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ----------177-178

ЗАМИМА: ЛУҒАТИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОН----------179-199

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

А. – Андароб (Ғорон)	И. – Ишкошим
Аф. – Афғонистон	Кл. – Кӯҳилаъл (Ғорон)
Б. – Баршор (Ғорон)	Р. – Рӯшон
Б.ғ. – Бағуш (Ғорон)	С. – Сангоб (Ғорон)
В. – Вогз (Ғорон)	Сҳ. – Сиёҳоб (Ғорон)
Вх. – Вахон	Х. – Хараг (Ғорон)
Г. – Гармчашма (Ғорон)	Хд. – Хедък (Ғорон)
Ғ. – Ғорҷ (Ғорон)	Дт. – Дашт (Ғорон)
Д. – Девлох (Ғорон)	Дк. – Даштък (Ғорон)

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Масъалаи таҳқиқи лексикаи гӯйишҳои ин ё он шева дар лаҳҷашиносии тоҷик аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарра маҳсуб мешавад. Шеваҳои забони тоҷикӣ, ки дар асоси лаҳҷаю гӯйишҳои алоҳида сар мезананд, яке аз сарчашмаҳои асосии рушди таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ва таҳкурсии он ба шумор мераванд, зеро онҳо бо ҳаёт ва таърихи халқи тоҷик алоқаи ногусастанӣ доранд. Забони адабӣ ҷойи холигии таркиби луғавии худро ҳамеша аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи шеваҳо пурра мекунад, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам ривоҷ дорад. Ин як воситаи асосии ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои шевагӣ дар забони адабист, чунки дар луғати лаҳҷаҳо, ба қавли Ф. П. Филин, “таърихи чандинасраи халқ инъикос ёфтааст” [115, 52]. Воқеан, таърихи забон ва урфу одатҳои миллӣ дар шеваю лаҳҷаҳо бештару беҳтар маҳфуз мондаанд. Вале дар шевашиносии тоҷик масъалаи лексикаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз назари этнолингвистӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст.

Аз ин рӯ, мо лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғоронро, ки дар ҳудуди ноҳияи Ишкошими ВМКБ интишор дорад, аз нигоҳи этнолингвистӣ мавриди таҳқиқ қарор додем.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва таҳдиди он ба забонҳои миллӣ пурра ва ҳаматарафа омӯхтани лексикаи гӯйишу лаҳҷаҳо айни муддаост. Бинобар ин, мо зарур донистем, ки лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғоронро дар робита ба масъалаҳои этнолингвистӣ омӯхта, диалектизмҳо ва этнографизмҳоеро, ки дар тасвири забонии соҳибони ин гӯйиш мавриди истифодаанд, аз назари илмӣ муайян намоем. Гӯйиши тоҷикони водии Ғоронро муҳаққиқон ба лаҳҷаи бадахшонӣ, ки онҳо дар навбати худ ба шеваи ҷанубӣ дохил мешаванд, мансуб донистаанд.

Қобили қайд аст, ки шевашинос В. С. Расторгуева шеваи ҷанубии забони тоҷикиро ба чор лаҳҷа тақсим менамояд: 1. лаҳҷаи қаротегинӣ; 2. лаҳҷаи кӯлобӣ; 3. лаҳҷаи роғӣ; 4. лаҳҷаи бадахшонӣ [102, 27]. Лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ дар водии Ғорон, Ишкошим, баъзе деҳаҳои

водиҳои Вахони ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷо гирифтааст. Мувофиқи тақсимоти А. З. Розенфелд, лаҳҷаи мазкур ба чаҳор шоха ҷудо мешавад: тоҷикии мунҷонӣ (водии Шоҳдара), ғоронӣ (водии Ғорон), тоҷикии ишкошимӣ (водии Ишкошим), тоҷикии вахонӣ (водии Вахон). Яъне, лаҳҷаи бадахшонӣ аз чаҳор гӯйиш иборат аст: мунҷонӣ, ғоронӣ, гӯйиши вахонӣ ва ишкошимӣ (ё нудӣ). Хотиррасон бояд кард, ки бо номи ишкошимӣ забони алоҳида аз гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) мавҷуд аст. Вале азбаски ҳудуди паҳншавии гӯйиши мазкурро деҳаи Нуд (ҳозира Ишкошим) ташкил медиҳад, ин гӯйишро метавон гӯйиши нудӣ номид.

Гӯйиши ғоронӣ нисбат ба гӯйишҳои болозикр васеътар густариш дошта, дар соҳили рости дарёи Панҷ 15 деҳа ва дар соҳили чапи дарёи Панҷ мутаносибан ҳамин миқдор деҳа ва, дар маҷмӯъ, бо номи водии Ғорон маъмул аст. Ҳамзамон, деҳаҳои ҳамшафати соҳили чапи дарёи Панҷ, ки ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мансубанд, низ бо гӯйиши ғоронӣ гуфтугӯ мекунанд. Аммо дар кори худ мо онҳоро мавриди таҳқиқ қарор надодем.

Лексикаи гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии тоҷикони водии Ғорон дар қатори дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар мубодилаи афкор, муносибат ва гуфтугӯи байни одамон хизмат мекунад. Аз ин ҷиҳат, ҳаматарафа омӯхтан ва дуруст таҳқиқ намудани лексикаи гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии тоҷикони водии Ғорон дар марҳилаи ҳозира яке аз мавзуъҳои мубрами шевашиносии тоҷик ба маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи лексикаи шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ на фақат барои рушди забони адабӣ, балки барои инкишофи таърихшиносӣ, этнография ва, хусусан, барои муайян намудани масъалаҳои таърихи забони адабии тоҷик низ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар асоси гуфтаҳои болозикр, мубрамии мавзуъ муайян мегардад, ки кори мазкур ба таҳқиқи хусусиятҳои этнолингвистии гӯйиши Ғоронии лаҳҷаи бадахшонии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ анҷом пазируфта шудааст. Чунки таҳқиқи хусусиятҳои этнолингвистии гӯйиши мазкур имкон фароҳам меорад, то дарки олами атроф аз ҷониби гӯяндагони

он, урфу одат, расму ойин, анъана ва фарҳанги онҳо амиқтару дақиқтар омӯхта шуда хусусиятҳои хосу умумии он муайян карда шавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Маълумоти аввалинро оид ба лаҳҷаи бадахшонӣ ва гӯйиши тоҷикони водии Ғорон дар осори сайёҳон, муҳаққиқон ва таҳқиқгарони рус (А. А. Бобринской, О. Олуфсен, А. А. Семёнов, М. С. Андреев, И. И. Зарубин, А. Н. Болдирев), ки охири асри 19 ва аввали асри 20 ба омӯзиши сарзамини Бадахшон машғул шуда буданд, метавон дарёфт намуд.

Аз он ҷумла, О. Олуфсен солҳои 1898-99 ҳангоми сафараш ба Бадахшон дар асари хеш “Тавссути Помир (Вахон ва Ғорон) (Through the unknown Pamirs (Vakhan and Garon))”[1904] доир ба забон, тарзи зисту зиндагӣ, урфу одат ва либоспӯшии мардуми Ғорону Вахон ва Ишкошиму Шуғнон маълумот додааст. Ӯ аз чандин деҳоти Ғорон ва Вахон дидан карда, аксбардорӣ низ кардааст [120, 25-78].

Баъдан таҳқиқот оид ба фолклори водии Ғорон аз ҷониби шарқшиноси маъруфи рус А. Н. Болдирев анҷом пазируфта буд. Асари эшон “Фолклори Бадахшон (Бадахшанский фолклор)” [1948] дар бораи эҷодиёти шифоҳии Ғорон ва хусусиятҳои гӯйиши мазкур маълумоти пурарзишро дар бар гирифтааст [66, 225-294].

Солҳои 1952-1955 муҳаққиқи дигар Ю. И. Богорад ба таҳқиқи гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ машғул шуда, баъдан дар бораи баъзе хусусиятҳои фонетикӣ ва морфологии гӯйиши мазкур мақолаи алоҳида бо номи “Гӯйиши Ғоронии забони тоҷикӣ (Горонский говор таджикского языка)”[1963] таълиф намудааст, ки арзиши илмии худро то ҳол гум накардаст [64, 44-59].

Солҳои 60-уми асри гузашта тоҷикшиноси маъруфи рус А. З. Розенфелд ба омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ машғул шуда, рисолаи ҷудогонаи ӯ таҳти унвони “Бадахшанские говоры таджикского языка” (Гӯйишҳои бадахшонии забони тоҷикӣ) [1971] ба табъ расидааст. Дар ин асар оид ба вижагии савтӣ ва

сарфии гӯйиши мазкур маълумоти нисбатан васеътар пешниҳод шуда, оид ба робитаи лексикии он бо забонҳои дигари бадахшонӣ (помирӣ) равшанӣ андохта, ҳамчунин, дар он намунаи матнҳоро аз нутқи тоҷикони Ғорон-сокинони деҳоти Андароб, Бағуш, Гармчашма, Қозидеҳ, Кӯҳи-Лаъл, Сист, Шамбедеҳ; гӯйиши тоҷикони Ишкошим - деҳоти Мулвоҷ, Нуд, Яхшвол; гӯйиши тоҷикзабонони водии Вахон -нутқи аҳолии деҳоти Даршай, Нижгар, Удит, Чилтоқ, Ямг; гӯйиши тоҷикӣ-мунҷонӣ, ки ба гуфтори аҳолии деҳоти Сорҷ, Андарсит (д)з тааллуқ дорад, ворид гардидааст [108, 39-70-71].

Оид ба баъзе хусусиятҳои фонетикӣ, сарфию наҳвӣ ва луғавии гӯйиши ғоронӣ дар асари панҷҷилдаи “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” [1980] низ маълумот дода шудааст.

Ҳамчунин, дар “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” [2017] вожаҳои гӯйиши Ғоронӣ оварда шуда, бо забони адабии тоҷик ва дигар гӯйишҳои ҷанубӣ муқоиса карда шудаанд.

Ҳамин тавр, агар лексикаи лаҳҷаҳои шимоли ғарбии забони тоҷикӣ, лаҳҷаҳои тоҷикони бурунмарзӣ, қисман лаҳҷаҳои ҷанубию ҷануби шарқӣ то андозае мавриди омӯзиш қарор ёфта бошанд ҳам, доир ба лексикаи гӯйиши тоҷикии водии Ғорони ноҳияи Ишкошим олимони шевашинос ягон кори алоҳидаи илмӣ анҷом надодаанд, ҳол он ки лексикаи мазкур низ аз вожаҳои қадимӣ, ки дар онҳо тарзи зиндагӣ, расму оин, анъана, урфу одат таҷассум ёфтаанд, саршор аст. Аз ин рӯ, онҳоро ҷамъ оварда, яклухт дар шакли як рисола дастраси умум гардонидан ва ба ин восита ба таъриху мардумшиносии тоҷикони Ғорон равшанӣ андохтан аз аҳаммият холӣ нест.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқот дар робита бо мавзуъҳои илмии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ тасдиқ гардида буд, таҳия шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи асосии таҳқиқот тасвири пурраи синхронии низоми луғавии яке аз гӯйишҳои лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ – гӯйиши ғоронии тоҷикони водии Ғорон ва нишон додани хусусиятҳои фарққунандаи он дар қиёс бо забони адабии муосири тоҷик ва дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Ҳадафи зикршуда бо ҳалли вазифаҳои зер амалӣ мешавад:

-муайян намудани асосҳои назариявии лексикаи гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии тоҷикони Ғорон;

-нишон додани умумияти луғати гӯйиши Ғорон бо забони адабии ҳозираи тоҷик;

-муайян намудани хусусиятҳои луғавии гӯйиши мазкур дар муқоиса бо дигар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ;

-муайян намудани хусусиятҳои этнолингвистии гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ;

-муайян намудани робитаи луғавии гӯйиши ғоронӣ бо забонҳои ҳамсояи бадахшонӣ (помирӣ):

-дар асоси маводи мазкур таҳия намудани луғати гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣ гуфтори мардуми деҳоти тоҷикзабони водии Ғорони ВМКБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати этнолингвистӣ қарор гирифтааст, ки то ҳол аз назари муҳаққиқони шевашинос дур мондааст.

Мавзуи таҳқиқот. Мавзуи кор таҳқиқи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон аз ҷиҳати этнолингвистӣ мебошад.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон дар се марҳала сурат гирифт:

1. Солҳои 2014-2015 ҷамъоварии мавод, омӯзиши адабиёти марбут ба шевашиносии ватанию хориҷӣ, ки барои ташаккули назариявӣ ва бунёдии таҳқиқоти мазкур замина гузоштаанд, давом кард.

2. Солҳои 2016-2018 таснифи мавзуӣ, лексикаи соҳавӣ ва мероси маънавии тоҷикони водии Ғорон аз ҷиҳати этнолингвистӣ сурат гирифт.

3. Солҳои 2018-2020 калимаҳои иқтибосӣ - мақоми вожаҳои арабӣ, туркӣ, русӣ - аврупоӣ, помирӣ, дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Ғорон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳкурсии асосии назариявии рисолаи мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос, ки дар самти шевашиносӣ ва забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) таҳқиқоти боарзиш анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Дар ин кор саҳми олимони маъруфи рус А. А. Семёнов, И. И. Зарубин, С. М. Андреев, Ф. П. Филин, А. В. Калинина, А. Б. Колесникова, А. Н. Болдирев, О. Олуфсен, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, Л. В. Успенская, А. Л. Хромов, Ю. И. Богорад, ва дигарон бузург мебошад. Асоси назариявии рисоларо ҳамчунин, асару мақолаҳои олимони маъруфи тоҷик, аз зумраи Б. Ниёзмуҳаммадов [1960], М. Эшниёзов [1969], Т. Мақсудов [1977], Р. Ғаффоров [1979], Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев [1980], М. Маҳмудов, Ш. Исмоилов [2018], А. Ҳасанов [2003], Н. Гадоев [2009], Р. Сангинова [2012], С. Хоркашев (Раҳматуллозода С.) [2014], Г. Абдуллоева [2017], И. Сулаймонов [2019] ва дигарон ташкил медиҳанд. Ба ҷуз ин ҳама, масоили этнолингвистии лексика дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон А. Мирбобоев [1991], М. Аламшоев [2007], С. Матробиён [20012], Ш. Некӯшоева [2014], М. Броимшоева [2014], М. Бобомуродова [2012], ва дигарон таҳқиқ шудааст, ки дар рисолаи мазкур ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Гуногунрангии мавзуъ зарурат пеш овард, ки дар раванди таҳқиқи он мо аз методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, синхронӣ, диахронӣ ва дар мавридҳои зарурӣ аз таҳлили сохтории

вожаҳою ҷузъҳои алоҳидаи унсурҳои лаҳҷавӣ истифода намудем. Инчунин, дар рафти ҷамъ овардани мавод аз методҳои мушоҳидаи бевосита, суҳбат, муқоиса, методи забоншиносии ҷуғрофӣ ва глатохронологӣ низ кор гирифта шуд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Маводи асосии таҳқиқро унсурҳои луғавии гӯйиши сокинони муқимии Ғорон ва деҳаҳои гирду атрофи он, махсусан, мавзеъҳои **Хараг** (Хасхарағ), **Сангоw** (Сангоб), **Андароб**, **Дашт, Сиёw** (Сиёҳоб), **Сниб, Делох** (Девлох), **Гарчъшма** (Гармчашма), **Куйлал** (Кӯҳи лаъл), **Сист, Вогз, Шамбеде** (Шанбедех), **Қозде** (Қозидех), **Бъгуш** (Бағуш), **Баршор,** ки аз ҷиҳати маъмурӣ ба ноҳияи Ишкошими ВМКБ дохил мешаванд ва саросар тоҷикзабонанд фарогир мебошанд. Маводи истифодашударо, асосан, калимаҳои лаҳҷавӣ ташкил медиҳанд, ки солҳои 2014-2020 аз ҷониби муаллифи рисола ҷамъоварӣ гардидаанд. Мисолҳо аз хонавода, мактаб, чойхона, боғу майдонҳо, ҷамъомадҳои мардум, тӯю маъракаҳо, аз намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ: коргарон, ҳунармандон, тоҷирон, зиёиён, нафақахӯрон, аз одамони синну соли ҳархела – мактаббачагон, ҷавонон, миёнсолон ва аз ҳама зиёд аз лаҳни мӯйсафедону пиразанҳои хонашин, пирони барҷомонда, ки унсурҳои лаҳҷавӣ дар муоширати онҳо хеле зиёд маҳфуз мондаанд, гирд оварда шудаанд.

Дар асоси транскрипсияе, ки дар диссертатсия истифода шудааст, хати кирилиасоси забони тоҷикӣ меистад, вале барои боз ҳам пурратар акс кардани хусусиятҳои овозии гӯйиш ва муодилҳои гуногуни калимаҳо аломатҳоро ба таври илова истифода бурдем. Инчунин, йотбарсарҳо дар кор бо ду ҳарф нишон дода мешаванд: ю-йу, я-йа, ё-йо.

Барои аниқу дақиқ нишон додани хусусиятҳои луғавӣ ва ҳудуди интишори воҳидҳои марбут ба гӯйиши мазкур мисолҳо бо шакли лаҳҷавӣ зикр ёфта, дар қавсайн шакли адабии онҳо дода мешавад. Муодилҳои серистеъмоли калимаҳо дар аввал оварда мешаванд ва калимаҳое, ки ба ҳама

мавзеъҳои интишори гӯйиши тоҷикони Ғорон дахл доранд, бе ягон ишораи махсус зикр меёбанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Маводи диссертатсия асосан аз гуфтори сокинони водии Ғорон ҷамъоварӣ шуда, бо матолиби амалие, ки аз асарҳои Розенфелд [1971], Ю.А. Богорад [1963] ҷамъоварӣ гардида, дар таҳияи кор ба рисолаҳои А. З. Розенфелд [1971] ва Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев [1980] гирифта, такмил дода шуд. Зимни муқоиса маводи диалектологӣ ва этнолингвистӣ, ки аз асару мақолаҳои А. Мирбобоев [1991], М. Аламшоев [2007], Ш. Исмоилов [2018], С. Матробов [2012], Н. Гадоев [2009], С. Хоркашев (С. Раҳматуллозода) [2014], И. Сулаймонов [2018], М. Бобомуродова [2012], Г. Абдуллоева [2017], гирдоварӣ гардида, мавриди истифода қарор гирифт.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст хусусиятҳои этнолингвистии лексикаи соҳавии гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ ба сифати як рисолаи мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин, дар асоси маводи андӯхта гӯйиши тоҷикони водии Ғорон бо баъзе лаҳҷаю шеваҳои дигари забони тоҷикӣ мухтасар ва умумияту фарқияти онҳо то ҷое муайян карда шудааст. Ҳамзамон, этнографизмҳои гӯйиши мазкур, дар шакли луғати алоҳида таҳия гардидааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Ҳудуди густариши гӯйишҳои лаҳҷаи бадахшонии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз назари илмӣ муайян гардида, мавқеи устувори гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ дар байни соири шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ имкон медиҳад, ки муҳиммияти онҳо баррасӣ шавад.

2. Лексикаи маросимӣ ва соҳавии гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ ҳудуди амалкарди худро дошта, дорои диалектизмҳо ва этнографизмҳои хоси худ мебошад, ки ҷанбаҳои моддӣ ва маънавии ҳаёти мардумро инъикос мекунад.

3. Дараҷаи таъсири забони адабии тоҷикӣ ва субстратҳои забонҳои бадахшонӣ ба лексикаи гӯйиши ғоронӣ дар асоси унсурҳои луғавии иқтибосӣ дар гӯйиши мазкур таҳқиқ шуда, асари онҳо натиҷагирӣ мегардад.

4. Таҳаввулоти семантикии воҳидҳои луғавӣ дар муқоиса бо дигар гӯйишҳо ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ имконият фароҳам овард, ки манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули лексикаи гӯйиши мазкур вобаста ба густариши минтақавии он нишон дода шавад.

5. Хусусиятҳои этнолингвистии воҳидҳои луғавии лексикаи гӯйиши ғоронӣ дар робита ба рӯзгори мардум ва мавқеи ҷуғрофии онҳо таҳлил шуда, вожаҳои қадимии забони тоҷикӣ дар гӯйиши мазкур муқаррар гардиданд, ки ба мавриди истифода қарор додани онҳо дар забони муосири тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Қобили зикр аст, ки диссертатсияи мазкур метавонад барои корҳои таҳқиқотии минбаъда дар шевашиносии тоҷик ва забоншиносии қавмӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳаллу фасли бархе аз масъалаҳои амалӣ ва назариявии самтҳои номбурда метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замима барои пажӯҳиши минбаъдаи илмию назариявии шевашиносии тоҷик ва этнолингвистика хидмат намояд. Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон барои коркарди масоили назариявии ташаккули лексикаи шевагии забони тоҷикӣ аҳамияти калон дошта, ба омӯзиши муқоисавӣ – таърихии луғати шеваҳои забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар натиҷаҳои пажӯҳиши мазкурро дар таҳқиқи ареалии забону гӯйишҳои Бадахшон метавон истифода кард ва дар таҳқиқоти муқоисавӣ – таърихии забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ аз маводи диссертатсия истифода кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими курсҳои шевашиносӣ, луғатшиносӣ забоншиносии қавмӣ, инчунин барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанни шевашиносӣ ва забоншиносии қавмӣ истифода бурда шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро барои тайёр намудани мавод ва дастурҳои омӯзиши

забони тоҷикӣ, хусусан, шевашиносии тоҷик дар муассисаҳои олӣ дар вақти гузаронидани курсҳои махсус, семинарҳо ва лексияҳо метавон истифода кард. Дар таъсиси барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанни шевашиносӣ ва забоншиносии қавмӣ натиҷаҳои таҳқиқотро низ истифода бурдан мумкин аст.

Маводи диссертатсияро инчунин метавон дар таҳияи фарҳангҳои шевагии забони тоҷикӣ ва фарҳангҳои этимологии забонҳои эронии минтақа мавриди истифода қарор дод.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур ба таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфта, боиси системанок таҳқиқ гардидани лексикаи гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон шудааст.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19.-Назарияи забон мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Таҳқиқи этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон бори нахуст дар шакли диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ карда шуд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии устодон, аспирантон ва донишҷуёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Маркази Ҷумҳуриявии таълимию методӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев (суратҷаласаи №9 аз 28-уми майи

соли 2022) ва ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (суратҷаласаи №1 аз 30-юми августи соли 2022) мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 12 мақола чоп шудааст, ки аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ки ҳар кадом аз зербобҳо иборат аст, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат буда, дар ҳаҷми 177 саҳифаи чопи компютерӣ бе дарназардошти замима ҷамъбаст ёфтааст. Замима луғати мухтасари шевагиро дар бар мегирад.

БОБИ I

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҒОРОН

1.1. Маълумоти мухтасар доир ба минтақаи таҳқиқот

Воқеан, ноҳияи Ишкошим аз ноҳияҳои бисёрзабонаи на танҳо Бадахшон, балки тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ҷолиб аст, ки тамоми забонҳое, ки дар деҳоти ноҳия истеъмол мегарданд, ба гурӯҳи эронии шохаи ориёии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубанд, ки гувоҳи эронитабор ва ориёнинажод будани сокинони ноҳия мебошад. Аз байни се забоне, ки дар ин ноҳия ба кор мераванд, гӯйишҳои бадахшонии забони тоҷикӣ ба гурӯҳи форсии забонҳои эронии ҷанубӣ ва забонҳои ишкошимӣ ва вахонӣ ба шохаи ҷанубии гурӯҳи забонҳои помирӣ, ки мансуб ба шохаи забонҳои эронии ҷануби шарқӣ мебошанд, тааллуқ доранд.

«Қадимтарин осори забоние, ки то замони мо расидааст, номҳои ҷуғрофии деҳот ва маҳалҳои гуногуни (топонимияи) ноҳия мебошад, ки ба даврони қадими инкишофи забонҳои эронӣ мансуб буда, аз назари забонҳои имрӯза шарҳу тавзеҳ додани онҳо аз имкон берун аст. Масалан, номи як қатор номҳои рустоҳои ин ноҳия ба ҳадде қадимӣ мебошанд, ки нишонаҳои онҳоро дар қадимтарин осори китобии мардуми эронитабор -«Авесто» метавон пайдо кард.

Аз сӯи дигар, агар ба номи минтақаҳои ноҳияи Ишкошим низ аз лиҳози забоншиносӣ назар андозем, маълум мешавад, ки ин топонимҳо низ ҳанӯз дар даврони эронии қадим ташаккул ёфтаанд. Масалан, Ғорон аз вожаи қадими «ғар» ё «ғор» маншаъ гирифта, маъноияш «кӯҳ» мебошад ва ба ҳамин тариқ, ин калима «макони кӯҳҳо, сарзамини кӯҳсор, кӯҳистон» маънидод мешавад [157, 15-16].

Ғорон водиест, ки дар ноҳияи Ишкошим ҷойгир мебошад. Аҳолии он сокинони муқимии ин водӣ буда, дар ду ҷамоат истиқомат доранд. Шуғли асосии аҳолӣ чорводорӣ, зироаткорӣ ва боғдорӣ мебошад. Ҳаким Носири

Хусрав ба ин водӣ омада, аз мардум меҳрубониву илтифоти зиёде дида, водиро «Ганҷдорони Ғорон» ном мениҳанд.

Соли 1909 ботаники рус Б. А. Федченко барои кашфи геоботаникӣ вориди Ғорону Вахон мешавад, диққати олимро харобаҳои қалъаҳо ба худ ҷалб карда, аз ҷумла қалъаи Зангибор, хушрӯманораи Дарвоза (нимсоата роҳ аз деҳаи Вранг), Тӯпхона дар Шитхарв, Даршай ва Мазор дар Гармчашмаро ба қайд гирифтааст.

Ҷалол Икромӣ дар китоби «Аҷоиботи сафар» -и худ қайд намудааст: «Ҳанӯз дар солҳои бисту ҳаштум, дар Самарқанд, ё дар Бухоро китоби хонише ба дастам афтоду ҳамин як ҷумларо хонда, ҳайрон шуда будам: «Ҳошим Ишкошимист». Он вақт чӣ будан ва дар куҷо будани Ишкошимро намедонистам. Аз муаллиме пурсидам, донистам, ки ин ном як мавзеъ, номи як қишлоқи калоне аст, дар Помири Ғарбӣ, дар канори дарёи Панҷ» [165, 285].

Ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Ишкошим, аз минтақаҳои Ғорон, Ишкошим ва Вахон иборат аст, ки сарнавишти таърихии печидае доранд. Ин минтақаҳо дар тӯли таърих гоҳҳо ба шакли давлатҳои хурди мустақил баромад карда, гоҳе дар таркиби ҳам буданд ва гоҳе мутааллиқияти нисбӣ ё комиле ба ин ё он давлати хурду бузурге доштанд.

«Пас аз инқирози давлати Кушониён дар миёнаҳои асри V сулолаи Ҳайтолиён ба сари қудрат омада, давлатҳои хурди атроф, аз ҷумла Вахону Ишкошиму Ғоронро ба тобеияти худ даровардaнд» [165, 23]. Нодиртарин сарвати Ғорон кӯҳи лаъл воқеъ дар деҳаи Кӯҳилаъл буда, санги нодири он ба номи лаъли Бадахшон шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Барои мардум сарвати муҳимзаосойи Ғорон, чашмаҳои гарму сарду зулолу мусаффояш монанди Гармчашма, Жунд, обҳои маъдании Сист, Баршор, Ғорҷ (дар деҳаи Гармчашма), Андароб ва боз даҳҳо чашмаҳои дигаранд, ки дармонбахши ҳазорон маризон гаштаанд. Водии Ғорон иборат аз ду ҷамоат – ҷамоати Андароб (ба номи Аскар Замиров, аҳолиаш 3200) ва ҷамоати Қозидеҳ (аҳолиаш 2600) мебошад. Бо гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони

тоҷикӣ аҳолии минтақаи Ғорони ВМКБ ва Бадахшони Афғонистон муошират менамоянд. Инчунин деҳае бо номи Ғоронболо (Ғорони боло) дар Бадахшони Афғонистон ҷойгир мебошад. Таҳти унвони лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ дар шевашиносии тоҷик гӯйишҳои сокинони водии Ғорони ноҳияи Ишкошим ва як қатор деҳоти тоҷикзабони водии Вахон дар назар дошта мешавад.

Географ Карл Риттер «Ба таври мушаххас қисматҳои Библияи Помирро, на танҳо ватани мардуми ориёӣ, балки тамоми инсоният нишон додаст». Модоме ки, ба қавли Карл Риттер, Помир ватани тамоми инсоният бошад, пас аз таърихи инсоният ёдгории таърихии зиёде дорад.

1.2. Пажӯҳишҳои шевашиносиву этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик.

Аз соли 1929 то соли 1947 бо роҳбарии М. С. Андреев, дар фаъолиятҳои экспедитсионӣ донишмандоне чун А. А. Семёнов, Н. А. Кисляков, Е. М. Пешерова, А. К. Писарчик, Н. Н. Ершов, Е. А. Мончадская, Т. В. Саглина ва дигарон фаъолона ширкат намуда, муваффақиятҳои зиёде ба даст оварданд. Масоили зиёди мардумшиносӣ аз қабили ҳунармандиҳои дастӣ, чорводориву заминкорӣ, эътиқод, тибби мардумӣ, расму русуми маргу дафн, ҷашнҳои мардумӣ ва таомули оиладорӣ, таҳқиқи забонҳову лаҳҷаҳои маҳал, гирдоварии эҷодиёти шифоҳии мардум ва амсоли инҳо дар маърази таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтанд. Яке аз аввалин тадқиқоти ин минтақаҳо дар китоби классикии М. С. Андреев «Тоҷикони водии Хуф» ва баъдан аз ҷониби донишманди дигар А. К. Писарчик анҷом дода шудааст. Аз қайду ишороти боло маълум мегардад, ки оид ба луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон то ҳол чунин як асари алоҳида ва мукаммалу муфассал, ки таҳқиқи тамоми мавзӯю мавзӯъчаҳои марбут ба таркиби луғавии онро фаро гирифта тавонад, ба майдони истифода наомадааст. Илова бар ин, он маълумоти мухтасар ва намунаи луғат, ки дар асарҳои муҳаққиқони номбурда ҷо-ҷо дода шудаанд,

комил нестанд ва захираи луғати гӯйиши мазкурро бо ҳама ҷузъиёт наметавонанд инъикос кунанд.

Таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ҳанӯз аз охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX шурӯъ гардида буд [Григорев 1861, Семёнов 1900, 1901, Кузнетсов 1915], вале асарҳое, ки дар ин давра таълиф ёфтанд, ниҳоят мухтасар буда, ҷиҳатҳои умумию фарқкунандаи ҳамаҷонибаи лаҳҷаҳоро ба таври мукаммал дар бар нагирифтаанд. Омӯзиши ҷиддию ҳамаҷонибаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ асосан, дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ оғоз гардид. Корҳои таҳқиқотии И. И. Зарубин (1925) ва шогирдони ӯ, инчунин як қатор тоҷикшиносон – шевашиносон, аз ҷумла, олимони тоҷик ба роҳи ҳақиқии инкишофи худ даромад. Соли 1949 мазмуни мухтасари диссертатсияи номзадии О. Ҷалолов таҳти унвони «Муносибати шеваи Чуст бо забони адабии тоҷик чоп шуд. Соли 1950 бошад Л. В. Успенская дар Москва дар мавзӯи «Шеваи Қаратоғи забони тоҷикӣ» диссертатсия ҳимоя намуд. Соли 1952 мақолаҳои В. С. Соколова, Р. Л. Неменова, Ю. И. Богорад оид ба фонетикаи шеваҳои ҷанубӣ – шарқии забони тоҷикӣ ба чоп расиданд. Дар соли 1956 мақолаи С. Ю. Иванова «Материалҳо оид ба шеваи Панҷакенти забони тоҷикӣ» чоп шуд. Алалхусус, дар доираи солҳои 50-уми асри XX олимон дар заминаи маводи лаҳҷаҳои алоҳида рисолаҳои ниҳоят пурмуҳтаво офариданд (Расторгуева 1962, 33-66). Маводи омӯхтаи шевашиносон имкон пеш овард, ки соли 1964 В. С. Расторгуева «Опыт сравнительного изучения таджикских говоров» – як асари ҷамъбастӣ нависад ва дар он ҷиҳатҳои умумию фарқноки лаҳҷаҳои тоҷикиро зимни истеъмоли овозҳои садонок ва қисман феъл ба таври муқоиса нишон диҳад (Расторгуева 1964). Баъдтар ин кори оғозбахшидаи В. С. Расторгуева аз ҷониби ходимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон давом дода шуд ва онҳо китоберо бо номи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» дар панҷ ҷилд ба табъ расониданд.

Ба туфайли ин ҳама, дар ин давра як қатор шеваҳо тадқиқ карда шуданд ва натиҷаи баъзе аз онҳо дар монографияҳои зерин гирд оварда шуданд: Х. Ҳамроқулов «Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун» (1961), А. Л. Хромов

«Шеваҳои тоҷикони райони Мастчоҳ» (1962), Л. В. Успенская «Шеваҳои тоҷикони райони Ҳисор» (1962), А. З. Розенфелд «Шеваҳои ванҷии забони тоҷикӣ» (1964) М. Эшниёзов «Шеваи ҳардурӣ» (1967), О. Ҷалолов «Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон» (1967).

Дар соли 1971 кори монографии А. З. Розенфелд «Шеваҳои бадахшонии забони тоҷикӣ» дар Ленинград аз чоп баромада, ки вай хусусиятҳои фонетикии шеваҳои тоҷикӣ – форсӣ ё «порсигӯ» – ёни ғарбии Помир, сохти морфологӣ ва лексикии онҳоро дар бар мегирад. Дар асар ҷойи шеваҳои бадахшонӣ дар байни шеваҳои тоҷикӣ муайян карда шудааст.

Дар охирҳои соли 1971 кори тадқиқотии як гурӯҳ кормандони илмии шуъбаи шевашиносии Институти забон ва адабиёти тоҷик ҷамъбаст карда шуд. Аз ҷумла М. Маҳмудов дар мавзуи «Шеваҳои тоҷикони райони Китоб», Б. Саъдуллоев дар мавзуи «Шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз», Б. Бердиев «Шеваҳои Ромит» диссертатсияи номзадӣ ҳимоя намуданд. Соли 1972 бошад М. Махадов диссертатсияи худро ҳимоя намуд.

Чунон ки дида мешавад, таҳқиқу тадқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз омӯзиши маводи лаҳҷаҳои ҷудогона сар шуда, оҳиста-оҳиста ба дараҷаи омӯзиши муқоисавӣ ва ҷамъбасти илмии лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ омада расид. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки натиҷагирӣ аз қисматҳои алоҳидаи нутқи лаҳҷавӣ дар шевашиносии тоҷик аз ибтидо дар як сатҳ сурат нагирифт. Масалан, аз рӯйи далелҳои бадастомада, то охири солҳои 50-уми асри XX бештар бахшҳои фонетикаву морфологияи лаҳҷаҳо таҳқиқ шудаанд ва доир ба луғати лаҳҷаҳо бошад, баъзе асару мақолаҳо аз аввали солҳои 60-ум то инҷониб ба майдон омадаанд (Қосимов 1961, 210; Ҳамроқулов 1961, 23-51). Соли 1963 ба табъ расидани китоби В. С. Расторгуева «Очерки по таджикской диалектологии», ки луғати тоҷикӣ ба русӣ буда, иддае аз воҳидҳои луғавии лаҳҷаҳои шимоли ғарбиро фаро мегирад, дар шевашиносии тоҷик дастоварди нав буд. Ин асар, ғайр аз он ки хусусияти луғатнигорӣ дорад, мураттиб роҳҳои баррасии масоили марбут ба лексикаи лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ба аҳли таҳқиқ нишон додааст. Ин буд, ки дар

ҳудуди солҳои 60-70-уми асри ХХ бахшида ба ин қисмати нутқи лаҳҷавии забони тоҷикӣ як силсила мақолаҳо аз чоп баромаданд (Розенфелд 1963, 68-80; Розенфелд 1967, 47-48; Маҳмудов 1964, 74-84, Махадов 1968-1970, Атобуллоев 1968-1969, Мурувватов 1965-1968, Раҳматуллоев 1970, 178-188). Як қисми мақолаҳои маҷмӯаи «Масъалаҳои шевашиносии тоҷик», ки онро кормандони шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ аз чоп бароварданд, аз луғати лаҳҷаҳои алоҳида (лаҳҷаҳои Ромит, Ёхсу, Панҷакент, Шаҳритуз, ҷануби Кӯлоб, арабҳои тоҷикзабон) иборат аст (Масъалаҳои шевашиносии тоҷик 1970). Асари Т. Мақсудов бахшида ба лексика ва фразеологияи лаҳҷаи тоҷикони Исфара рӯйи чоп омад (Мақсудов 1977). Соли 1979 ҷилди дуюми китоби дарсии М. Эшниёзов «Диалектологияи тоҷик» интишор ёфт, ки дар он намунаи луғати як қисми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гирд оварда шудааст (Эшниёзов 1979). Дар ҳамин солҳо мақолаҳои А. З. Розенфелд ва Ғ. Ҷӯраев (Розенфелд 1976; Ҷӯраев 1973, 1976) доир ба луғати лаҳҷаҳои алоҳида, мақолаҳои Ш. Исмоилов оид ба лексикаи лаҳҷаи водии Қаротегин (Исмоилов 1974, 1976, 1978) ба табъ расиданд. Соли 1980 ҷилди якуми асари панҷгонаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» аз чоп баромад, ки боби дуюми он ба таҳқиқ ва ҷамъбасти илмии луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ дахл дорад (Неменова, Ҷӯраев 1980, 84-294).

Бояд зикр кард, ки аз солҳои 80-уми асри 20 то имрӯз зимни таҳқиқи масоили марбут ба луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд: рисолаҳои номзадии (Исмоилов 1982; Истамова 1983; Атобуллоева 1984; Кабиров 1995; Қаҳҳоров 1998; Гадоев 2009;), рисолаи доктории (Ҷӯраев 1992, Ҳасанов 2003) ҳимоя гардиданд, як луғати дузабона (Розенфелд 1982) ва луғатҳои тафсирии лаҳҷавии (Маҳмудов, Бердиев 1989; Қосимӣ, Мирбобоев, Карамшоев 1997; Маҳмудов, Ҷӯраев 1997, 2012) аз чоп баромаданд. Ҳамчунин дастурамал оид ба ҷамъ овардани луғати лаҳҷаҳо дастраси омма гардид (Ҷӯраев, Мақсудов, Маҳмудов 1982), дастур оид ба таълими меъёрҳои забони адабӣ дар муҳити лаҳҷа таълиф ёфт (Исмоилов 1994), вобаста ба масъалаҳои гунонгуни лексикаи лаҳҷаҳои алоҳида як қатор

мақолаҳо интишор ёфтанд (Ҷӯраев 1984; Кабиров 1991, 1994, Қаҳҳоров 1994; Гадоев 2006, 2007), Хоркашев (Раҳматуллозода) 2006, 2013, 2014, 2015, 2019), Сулаймонов (2002, 2004, 2005, 2009).

1.2.1. Доир ба корбурди истилоҳоти этнолингвистика ва шевашиносӣ

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар забоншиносии муосир бо ҳам бархӯрд мекунанд, робитаи забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва шевашиносӣ маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии қавмӣ низ лексикаи шеваҳо, лаҳҷаҳо, гӯйишҳо, ки аз назари ҳудудӣ ва доираи паҳншавиашон аз якдигар фарқ мекунанд, таҳқиқ мешаванд. Истилоҳоти этнографизмҳо дар забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва диалектизмҳо дар шевашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор доранд, ки барои муҳаққиқон ин равшан аст.

Ҳарчанд омӯзиши шеваҳои забони тоҷикӣ аз солҳои пеш аз Инқилоб (1917) оғоз шуда бошад ҳам, аммо баъд аз нашри асари И. И. Зарубин бо номи «Рисолае дар бораи лаҳҷаи яҳудиёни Самарқанд» дар соли 1928 ва китоби «Ахбороти мухтасари баъзе хусусиятҳои шеваҳои тоҷикӣ» аз ҷониби М. С. Андреев дар соли 1930 шевашиносӣ дар забоншиносии тоҷик маъруфият пайдо кард ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши шеваю лаҷаҳои алоҳида бештар гардид. Шевашиноси тоҷик М. Эшниёзов дар ин бора чунин менигорад: «Хусусиятҳои маҳаллии забон дар қатори намудҳои материалҳои маданияти моддӣ ва маънавии халқ ҳамчун яке аз хусусиятҳои алоҳидаи ин ё он гурӯҳи этникӣ муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, бо ин равия то соли 1929 оид ба омӯхтани баъзе лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ материалҳои ҷудогона ва иҷмолӣ гирд овардаанд» [54, 6].

Дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ», ки аз ҷониби Х. Ҳусейнов, К. Шукурова таълиф шудааст, *диалект* ҳамчун *лаҳҷа, шева* шарҳ дода шудааст ва истилоҳҳои шевашиносӣ ба қадре тафсир ёфта, байни *диалект*, *шева* ва *лаҳҷа* тафовут гузоштаанд: «Диалект аз ҷиҳати доираи ҳудуди паҳншавиаш ба шеваю лаҳҷаҳо ҷудо мешавад. Шева, мумкин аст, танҳо дар ҳудуди як деҳа паҳн бошад, аммо лаҳҷа метавонад доираи чандин шеваҳоро дар бар гирад. Шева танҳо бо мафҳуми ҳудуд (территория) алоқаманд аст. Диалект

шеваю лаҳҷаро дар якҷоягӣ ифода карда метавонад… Диалекти территориявӣ (шеваи маҳал, шеваи вилоят). Шевае, ки дар ҳудуди муайян паҳн шудааст» [140, 42].

Дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ» вожаи «лаҳҷа» чунин тафсир ёфтааст: «лаҳҷа – забони мубодилаи мардумони ягон ҳудуди муайян, ки интишори васеъ надорад.» [140, 112]. Вожаи «шева»: «ниг. Диалект. Нутқи ба аҳолии як маҳал ё якчанд маҳал хосе, ки дар ҳудуди ин ё он забон дар лексика, фонетика ва граммтика (бештар дар фонетикаю лексика) хусусиятҳои фарққунанда доранд» [140, 212]. Шевашиносӣ (ниг. Диалектология). Қисми забоншиносӣ, ки ба омӯхтани шеваю лаҳҷаҳо машғул аст [140, 212].

Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» вожаҳои «лаҳҷа ва шева» ба таври зерин шарҳ дода шудаанд: «лаҳҷа – *ниг.* шевашиносӣ» [166, 609], «шева – қисми калонтари забони маҳаллӣ. Гурӯҳҳои лаҳҷаҳоеро фаро мегирад, ки баробари фарқҳои ҷузъӣ хусусиятҳои умумӣ низ доранд. Калимаҳои шева ва лаҳҷа дар адабиёти илмӣ то солҳои 70 ҳамчун муродиф бетафовут ба ҷойи ҳамдигар истифода мешуданд. Ҳоло фарқи истилоҳии онҳо таъин шудааст. Лаҳҷа мафҳуми танг, шохаи хурд. Шева мафҳуми васеъ, маҷмӯи чанд шохаеро, ки аломатҳои якхела доранд, ифода мекунанд… Ба омӯзиши шева ва лаҳҷаҳо илми шевашиносӣ машғул аст.» [с.125-126: мақолаи Р. Ғаффоров]. «шевашиносӣ – диалектология, як қисми забоншиносист, ки лаҳҷа ва шеваҳои маҳаллии забонро меомӯзад.» [10, 128].

Ҷиҳати инъикоси чигунагии истилоҳҳоти шевашиносӣ мо ба фарҳангҳои тарҷумавӣ таваҷҷуҳ намудем. Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (1986) вожаи «диалектология» чунин тарҷума шудааст: «диалектология *ж. лингв.* диалектология, лаҳҷашиносӣ» [126, 214] ва вожаи «диалект» ҳамчунин: «диалект – лаҳҷа, шева, диалект» тарҷума шудааст [126, 213]. Калимаҳои «говор» ва «наречие» ба таври зайл тарҷума шудаанд: «говор – *лингв.* шева; лаҳҷа»; «наречие – *лингв.* лаҳҷа; шева» [126, 533].

Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2004; 2005) вожаҳои «шевашиносӣ» ҳамчун «диалектология» ва «шева» «наречие; говор; диалект» тарҷума шудааст [138, 412-413]. Ҳамзамон, вожаи «лаҳҷа» ҳамчун «говор; наречие; диалект», «лаҳҷашиносӣ» «диалектология» [138, 317] ва «гӯйиш» «наречие; говор» [138, 157] тарҷума шудааст. Аз фарҳангҳои мазкур маълум гардид, ки аз сабаби дар соҳаи шевашиносии тоҷик дақиқ набудани ҳудуди истилоҳии шева, лаҳҷа ва гӯйиш, дар шаклҳои гуногун тарҷума шудаанд.

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» Алиасғари Шеърдӯст истилоҳи «гӯйишшиносӣ» -ро иавриди истифода қарор дода, зикр намудааст, ки «гӯишшиносӣ яке аз шохаҳои муҳимми илми забоншиносист, ки пешинаи тӯлонӣ дорад» [137, 3] ва дар қисмати муқаддимаи Фарҳанг мураттибон танҳо истилоҳҳои «лаҳҷашиносӣ» ва «лаҳҷашинос» -ро истифода намуда, боре ҳам вожаи «шевашиносӣ» кор нагирифтаанд. Танҳо ҳангоми таснифоти забони гуфтории тоҷикӣ ба шеваҳо (4 шева) ва лаҳҷаҳо ҷудо шудани забони тоҷикиро таъкид намуда, ҳамчунин ба чор лаҳҷа ҷудо шудани шеваи ҷанубии забони тоҷикиро вобаста ба таснифоти В. С. Расторгуева зикр намудаанд. Ҳамчунин, ҷудошавии лаҳҷаҳоро шоха номидаанд, яъне ҳар як лаҳҷа дар навбати худ метавонад, ба шохаҳо ҷудо шаванд [137, 13].

А. С. Малахов дар китоби худ «Русская диалектология: теория и практика» (2013) истилоҳҳои зеринро корбурд намудааст (барои исботи фикр иқтибосро айнан бе тарҷума меоварем): «**Говор** – самая мелкая, далее неделимая единица диалектного членения… По ряду особенностей говоры можно объединить в ***группу говоров***. **Наречие** – основные исторически сложившиеся разновидности данного языка; совокупности групп говоров, объединенных общими языковыми признаками и в то же время представляющих собой лишь часть языка…» [89, 5]. О. И. Блинова дар асараш «Русская диалектология» (1984) доир ба таснифоти **забони шевагӣ** (диалектный язык) сухан ронда, таъкид мекунад, ки забони шевагӣ низ як навъи забони миллӣ буда, дар навбати худ метавонад чунин тасниф шавад (айнан): «**Говор** – предельная далее неделимая единица диалектная языка

характеризующаяся единством всех элементов языковой структуры… В одном населённом пункте может быть несколько говоров… Несколько говоров имущих значительную общность элементов структуры, составляют **группу говоров**, или **диалект**; диалекты с общностью многих черт объединяют в **наречия**» [89, 5]. Мақсад аз зикри айнии иқтибосот ин нишон додани истифодаи истилоҳоти шевашиносӣ дар забоншиносии рус буд. Аз рӯйи иқтибосот маълум гардид, ки дар забоншиносии рус як ҳудуди муайяни истифодаи ин истилоҳот мавҷуд аст ва дар кори муҳаққиқон гуногунфикрӣ дар ин истифодаи истилоҳҳои мазкур дида намешавад.

Дар асарҳои ба шевашиносии тоҷик бахшидашудаи забоншиносон, мавқеи истилоҳҳои шевашиносӣ ***гӯйиш, лаҳҷа, шева*** дуруст муайян нашудааст. Ҳарчанд хатти сарҳади истифодаи истилоҳҳои лаҳҷа ва шева дар мақолаи энсиклопедии Р. Ғаффоров дуруст кашида шудааст, аммо дар корҳои илмии баъдина ин таснифот ба назар гирифта нашуда, муҳаққиқон ин истилоҳҳоро дар забони тоҷикӣ ба тарзҳои гуногун истифода бурдаанд. Бархе аз муҳаққиқон дар робита ба истифодаи ин истилоҳҳо назари дуруст доранд, вале агар аз истилоҳи ягона корбурд мекарданд, мушкилот дар ин раванд ба вуҷуд намеомад.

М. Эшниёзов дар дастури таълимии худ «Машғулиятҳои амалӣ ва шевашиносии тоҷик» (1969) дар аввал истилоҳи «шевашиносӣ» -ро истифода кардааст. Аммо баъдан дастури дигари таълимии худро бо номи «Диалектологияи тоҷик» (қисм 1, 1977, қисм 2, 1979, қисм 3, 1986) ба табъ мерасонад. Дар ин асараш ҳарчанд истилоҳи «диалект» -ро истифода бурдааст, аммо дар баробари он истилоҳи «шева» -ро низ корбурд намудааст. Вале истилоҳи мазкурро зиёдтар дар шакли ҷамъ «шеваҳо» навишта, зимни он лаҳҷаҳо (дар асоси таснифоти Р. Ғаффоров) дар назар дошта шудааст. Муаллифи мазкур соли 1996 китоберо таҳти унвони «Лаҳҷашиносӣ» чоп мекунад, ки истилоҳҳои «шевашиносӣ» ва «лаҳҷашиносӣ» -ро ҳамчун муродиф истифода кардааст. Дар ҳамин асар муаллиф доир ба мавриди истифодаи истилоҳҳои **шева** ва **лаҳҷа** ақидаи худро ба таври зер баён

намудааст: «Дар забоншиносии тоҷик истилоҳҳои шеваю лаҳҷа мафҳум ва маъноҳои алоҳида доранд. Дар шевашиносӣ воҳиди аз ҳама хурдтарин намуди забонро, ки ба дигар қисмҳо ҷудо намешаванд, шева меноманд. Лафзе, ки дар заминаи иттифоқи гурӯҳи алоҳидаи шеваҳо ташаккул ёфта, аломатҳои умумӣ дорад ва дар айни замон бо аломатҳои ҷуфтгонаи худ аз гурӯҳи дигар каму беш фарқ мекунанд, лаҳҷа номида мешавад. Лаҳҷа поя ё намуди асосии таърихан ташаккулёфтаи ин ё он забон ба шумор меравад» [54, 10].

Дар асарҳои бархе аз муҳаққиқон шева ба маънои лаҳҷа ва гӯйиш истифода шудааст. Масалан, Ҷ. Мурватов («Маълумоти мухтасар дар бораи шеваи Файзобод» (мақола, 1967), «Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон» (1974)), Х. Ҳамроқулов («Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун» (1961)), О. Ҷалолов («Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон» (1971)), С. Қурбонов («Ибораҳои номӣ дар шеваи Бойсун» (2003)), А. Ҳасанов («Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XII дар гӯйиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ)» (2003)), Ш. Бобомуродов ва З. Мухторов (Луғати истилоҳоти забоншиносӣ) ва ғ.

Таҳлилҳои боло нишон доданд, ки дар шевашиносии тоҷик корбурди истилоҳоти ягона мавҷуд набуда, бо шаклҳои гуногун истилоҳҳои **шева, лаҳҷа ва гӯйиш** ба таври омехта истифода шудаанд, ки он таъсири худро ба тақиқоти этнолингвисӣ низ мегузорад. Мо дар кори худ тасмим гирифтем, ки истилоҳоти мазкури шевашиносиро ин тавр гурӯҳбандӣ намудем:

- **гӯйиш** – хурдтарин воҳиди шевашиносӣ, ки дигар ба қисматҳо тақсим намешавад;

- **лаҳҷа** – воҳиди шевашиносӣ, ки чанд гӯйишро дар бар мегирад;

- **шева** – калонтарин воҳиди шевашиносӣ, ки аз гурӯҳи лаҳҷаҳо ташкил меёбад.

1.3. Этнографизмҳо ва диалектизмҳои лексикӣ

Истилоҳи этнографизм дар забоншиносии тоҷик дар кори С. Матробиён ба таври васеъ корбаст шудааст [2012]. Мавсуф дар мақолаҳои

алоҳида бо номи «Этнографизмҳои Наврӯзӣ» этнографизмҳои хоси Наврӯзи Вахонро таҳлил намудааст [23, 15-18]. Этнографизмҳоро бархе аз забоншиносон як навъи диалектизмҳо шуморида, гурӯҳи дигари забоншиносон онҳоро аз диалектизмҳо ҷудо медонанд. Ин гуна ақидаҳо дар миёни забоншиносони рус бештар мавриди баҳс қарор дорад [70, 71, 87, 111]. Ба андешаи мо, этнографизмҳо наметавонанд як ҷузъи диалектизмҳо бошанд, зеро диалектизмҳо маҳз ба гӯйиш, лаҳҷа ё шеваи як забон хосанд. **Аммо этнографизмҳо метавонанд ба забонҳои дигаре, ки дар як минтақаи маҳдуд мавҷуданд, низ тааллуқ дошта бошанд ва онҳо бештар номи ашёҳоеро мефаҳмонанд, ки танҳо дар ин маҳал маълуманд ва дар забони умумиистифодабаранда муодил надоранд.** Этнографизмҳо бештар истилоҳоти урфу одат ва расму анъанаҳо мебошанд, ки баъзан марзи забониро убур мекунанд ва мутааллиқи ҳудуд ва маҳал мегарданд. Бархе аз этнографизмҳое, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дучор меоянд, дар забонҳои бадахшонӣ низ маъмуланд. Яъне ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зисту зиндагии ин мардум ва расму анъанаҳои якхелаи онҳо боиси он гаштааст, ки дар ин минтақа этнографизмҳои хоси он ба вуҷуд ояд. Этнографизмҳоро дар гӯйиши тоҷикони Ғорон мансуб ба соҳаҳои гуногун мушоҳида намудан мумкин аст[1], ки дар шакли калима, ибора ва ҷумла корбаст мешаванд.

Этнографизмҳои соҳаи хонасозӣ: сътън (сутун), **полък** (пойгаҳ), **дукон** (суфа), **чабнах** (як қисмати хона, ки дар он ҷо домоду арӯс мешинанд), **рузандарък** (равзана), **чалък** (ҷойи оташдон), **дигдон** (оташдон), **пузикӣ** (ҷойи муқаддас), **бърҷ** (кунҷ), **сартакя** (дӯкони нишасти меҳмонон).

Этнографизмҳои ашёҳои хона: бъкък/бъндулек (лӯлаболишт), **такя** (он чи бар он пушт ниҳода мешавад), **хасъхор** (чизу чора).

Этнографизмҳои сару либос: танбон (эзор), **шъwолак** (шим), **wоскат** (нимостин).

---

[1] Таҳлили луғавию этнолингвистии вожаҳои марбут ба соҳаҳои гуногун дар боби 3-юм дода мешавад.

Этнографизмҳои соҳаи дегдонсозӣ: ҷърай (навъи хок барои дегдонсозӣ), **чапидан** (андова кашидан), **мурик** (сӯрохи дӯдабаро), **саґоч** (санги калон барои дегдон), **дигдона дар додан** (рӯзи аввал дар дегдон оташ гирондан).

Этнографизмҳои соҳаи нонпазӣ: херидан (хамирро соиш додан), **дуґ задан** (хамири беҳадрасидаю аз табақ сарзада), **парчък** (мухпар), **нонхолзаник** (мухпар), **нонбандък** (рафида), **дасторхон (**дастархон), **тахтък** (тахтача).

Этнографизмҳои соҳаи зироаткорӣ: wолч (ҷӯяк), **хокпеч** (ҷӯякҳоро барои обгузарӣ тоза кардан), **мола** (ҳамвор кардани замин), **сихмола кардан** (баъд аз кишт намудани гандум ё боқло ҳамвор намудани теґи ҷӯякҳо), **ґанък** (дарзаҳои гандумро дар як ҷо туда кардан).

Этнографизмҳои соҳаи чорводорӣ: нъзем (меши дусола), **чапиш** (бузи дусола), **бъкъл** (гови нари дусола), **тарък** (барраи навзоидашуда), **таръкбъча** (бузґолаи навзоидашуда), **машкад** (гови нозоида).

Этнографизмҳое, ки вақтро муайян мекунанд: усарон (саҳар), **торикон** (шаб), **рузона** (рӯз), **намолӣ** (ҳозир), **усат** (он вақт), **саракпар** (офтобшин), **дами рӯз** (бомдод). Дар дигар лаҳҷаҳо ин калимаҳо дар шакли **мурґфарёд, чашми рӯз, бомдод** ба чашм мерасанд.

Этнографизмҳои оид ба ҳодисаҳои табиат: **чарха** (фуромадани сангҳо аз кӯҳ), **мъҷъкък** (жола), **қарасук** (туман), **кандан** (фурӯ рафтани теппа), **офтowборонак** (боридани борон дар вақти офтобӣ).

Этнографизмҳои амрози қабеҳ: сарша бъхрад (яъне мурад), **боҷта бълесъм (**боҷ хӯрдан), боҷ номи хӯроки маъмули мардуми Бадахшон мебошад, ки бештар онро дар маъракаи азодорӣ мепазанд; **боҷхърдък, боҷлесък**; **патфарша бъхрьм** (патфар хӯроке, ки дар рӯзи вафоти одам мепазанд); **да гур бътъкъмът** (гӯрат кунам), **рута бъканьм** (рӯят сиёҳ), **да қawр бъндозъмът** (дар қабр андозамат), **ба қawр мерай?** (ба қабр рафтан –

яъне мемурӣ?), **ба лад бъбаръмът** (ба лаҳад бурдан – яъне мурдан), **ба гур рафтък** (ба қабр рафтагӣ – яъне мурдагӣ), **рута ҷъдо кънъм** (рӯ ҷудо кардан – яъне рӯят сиёҳ).

Этнографизмҳои савганд хӯрдан: **нон бъзанадъм** (нон маро занад), **нон куръм кънад** (нон маро кӯр кунад), **офтоw қаламъм кънад** (яъне офтоб маро кушад), **шawи тор бъзанадъм** (шаб маро занад), **ба сари як тоқа бачам** (қасам ба номи писари ягонаам), **ба сари як тоқа биёръкъм** (қасам ба номи бародараи ягонаам), **нон таги пом** (нон зери пом), **ба арwои амъкъм** (ба арвоҳи амакам), **рум ба қибла** (рӯй ба тарафи қибла), **намози шом бъзанадъм** (намози шом занадам), **арwои бобом бъзанадъм** (арвоҳи бобом бизанадам).

Хуллас, этнографизмҳо дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон як қабати махсуси лексикаи урфу одати мардумро ташкил медиҳанд.

Диалектизмҳои лексикӣ дар баробари калимаҳои умумитоҷикӣ як қабати махсуси луғати лаҳҷаҳои маҳалли (гӯйиш)-ро ташкил медиҳанд. Онҳо дар доираи интишори ин ё он гурӯҳи лаҳҷаҳо ё шеваҳои алоҳида ба кор мераванд ва тамоми ҳудуди истеъмоли забони умумимиллиро фаро гирифта наметавонанд. Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати захираи луғавӣ ниҳоят ғановатманд буда, бойгариву дороии лаҳҷаҳо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар таркиби луғати онҳо дар қатори вожаҳои умумитоҷикӣ як қабати муайяни калимаҳо ба кор мераванд. Ин навъи воҳидҳои нутқ дар шевашиносӣ зери мафҳуми «калимаҳои хоси лаҳҷа» ё худ ба истилоҳ «диалектизмҳои лексикӣ» шинохтаву тадқиқ карда мешаванд.

Р. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев қайд намудаанд, ки таҳти мафҳуми истилоҳи «калимаҳои хоси лаҳҷа» ҳамон калимаҳоеро фаҳмидан мумкин аст, ки ин ё он лаҳҷаро аз лаҳҷаи дигар ва забони адабӣ фарқ мекунонанд. Калимаҳои хоси шева ё лаҳҷа дар доираи муайян маҳдуд мемонанд. Чунин диалектизми лексикие вуҷуд надорад, ки барои ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ баробар бошад. Диалектизмҳои лексикие низ мавҷуданд, ки аз чор ду ё се ҳиссаи шеваҳоро дар бар гирифта метавонанд [33, 95-96].

Диалектизмҳои лексикӣ, аз як тараф, василаи ҷудо намудани як лаҳҷа аз лаҳҷаҳои дигар, забони меъёр ҳисоб ёбанд, аз тарафи дигар, онҳо барои фарқ намудани ин ё он лаҳҷа аз забони адабӣ хизмат мекунанд. Оид ба моҳияту мазмуни диалектизмҳои лексикӣ дар забоншиносии рус олимон кайҳо арзи ақида карда буданд. Дар луғати сеҷилдаи энсиклопедӣ, ки соли 1953 ба табъ расидааст, истилоҳи «диалектизм» ба таври зерин маънидод шудааст: «Калима ё ифодаҳое, ки ба ин ё он мавзеъ, ё ягон лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабии умумихалқӣ дучор намеоянд» [145, 547].

Ҳамин гуна як кӯшиш дар ин мавзӯъ аз ҷониби мураттибони «Луғати калимаҳои хориҷӣ» низ ба назар мерасад: «Диалектизм калима ё мафҳуме мебошад, ки ба ягон лаҳҷа мансуб буда, дар забони адабӣ ба кор намеравад» [144, 222].

А. П. Филин соли 1961 собит намуд, ки калимаҳои хоси лаҳҷа ҳавзаи муайяни истеъмол доранд ва онҳоро аз таркиби луғавии забони адабӣ ёфтан мумкин нест. Ӯ мегӯяд: «Агар калима изоглосс (истеъмол ё доираи)-и муайяни худро надошта бошад, сарфи назар аз муносибати он ба ин ё он қисмати лексика, диалектизми лексикӣ буда наметавонад» [115, 22]. А. Б. Калинин менависад, ки «Ин калима, ибора, таркиби овозӣ ё аломати махсуси грамматикист, ки мансуб ба лаҳҷа буда, ҳамчун унсури забони адабӣ қабул кардани он мумкин нест» [84, 124]. Луғатшиноси маъруф Н. М. Шанский оид ба ин истилоҳ ибрози ақида карда, андешаи худро ба таври зерин ҷамъбаст менамояд: «Диалектизмҳои лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки дар забони адабӣ роиҷ нестанд» [119, 118]. Дар китоби дарсии «Русская диалектология» зимни маънидоди истилоҳи «диалектизми лексикӣ» назари муаллифон ин тавр аст: «Калимаҳои маҳаллӣ, ки решаи онҳо дар забони адабӣ вуҷуд надорад, ё худ шаклҳое, ки аз решаҳои адабӣ сохта мешаванд ва дар лаҳҷа маънои махсус пайдо мекунанд, диалектизми лексикӣ мебошанд» [110, 258]. Мураттибони луғати истилоҳоти забоншиносӣ Д. Э. Розентал ва М. А. Таленкова дар хусуси истилоҳи мазкур чунин ақида доранд: Инҳо «номи

маҳаллии ашёву ҳодисотанд, ки дар забони адабӣ муодили дигар доранд» [143, 96].

Чи тавре ки аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, назари олимон ва донишмандони соҳа доир ба мафҳуми диалектизмҳои лексикӣ як хел набуда, фикрҳо гуногун баён шудаанд.

Бояд гуфт, ки масъалаи ҷудо намудани диалектизмҳои лексикӣ аз дигар воҳидҳои луғавии забон ба ҳисоб гирифтани таносуби оҳангу маънии калимаҳо ба ашёву рӯйдодҳои олами воқеӣ ва муносибати этимологии онҳо нисбат ба ҳодисоти табиат дар доираи интишори шеваву лаҳҷаҳо аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Аз ин баёни муфассал бармеояд, ки диалектизми лексикӣ чунин воҳиди луғавиест, ки дар доираи густариши ин ё он лаҳҷа ё гурӯҳи лаҳҷаҳои як шева истеъмол меёбад ва хатти интишори он то забони адабӣ ва шеваҳои дигар тӯл намекашад.

Дар ҳақиқат, дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ диалектизмҳои лексикӣ хеле зиёданд ва онҳо калимаҳои лаҳҷавӣ ҳисоб меёбанд. Зеро тавассути онҳо лаҳҷа, аз як тараф, аз забони адабӣ ва аз ҷониби дигар, аз лаҳҷаҳои дигар ҷудо шуда меистад. Чунон ки Ш. Исмоилов қайд намудааст, дар бобати шинохтани диалектизмҳои лексикӣ бояд ду меъёр ҳатман ба назар гирифта шавад:

1. Иртиботи луғати лаҳҷа бо забони адабии муосир;
2. Иртиботи луғати лаҳҷа бо шеваю лаҳҷаҳои дигар [17, 23].

Агар аз ин нуқтаи назар ба таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон назар андозем, метавонем, ба воҳидҳои зиёди луғавӣ рӯ ба рӯ шавем, ки воқеан, ҳудуди васеи истеъмол надоранд ва онҳо аз доираи гӯйиши мазкур берун рафта наметавонанд. Масалан, **ҷия** (модар), **додӣ** (падар), **мъдо** (мақсад), **палпалосинък** (шапарак), **баргаса** (аралаш, титу тор), **фиршак** (уштак кашидан), **нънамълънд** (хислати модарӣ доштан), **сапалинг** (калон пой), ва ғ.

Аммо баръакси ин, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон боз калимаҳоеро низ пайдо кардан мумкин аст, ки доираи истеъмоли онҳо як андоза васеътар аст ва онҳо аз ҳудуди гӯйиши мазкур баромада, то гӯйишу лаҳҷаҳои ба он наздик рафта мерасанд. Инҳо диалектизмҳои лексикӣ мебошанд, ки ба гӯйиши тоҷикони Ғорон ва лаҳҷаҳои ба он наздик, аз ҷумла лаҳҷаҳои роғӣ ва лаҳҷаҳои ҷанубу шарқӣ (Ванҷ, Дарвоз) дахл доранд. Аз қабили, **хъртек** (хурд), **кшо** (кучо), **раша** (сабзазори ду тарафи ҷӯй) **сънор** (келин), **шуридан** (кофтан, ҷустуҷӯ кардани касеро ё чизеро, гумшудаеро кофтан), **шъғ** (шиғ).

То нимаи дуюми солҳои 70-и асри ХХ дар лаҳҷашиносии тоҷик зимни пайравӣ бо олимони рус диалектизмҳоро ба навъҳои зиёд тасниф мекарданд: диалектизмҳои семантикӣ, диалектизмҳои этнографӣ, диалектизмҳои хосса (дифференсиалӣ), диалектизмҳои фонетикӣ ва амсоли инҳо [77-36]. Аммо баъдтар Ғ. Ҷӯраев ва Ш. Исмоилов дар ифодаи навъҳои гуногуни диалектизмҳои лексикӣ танҳо аз ду истилоҳ – «диалектизмҳои лексикии нопурра» ва «диалектизмҳои лексикии пурра» истифода намуданд [Ғ. Ҷӯраев 1976, 131; Ш. Исмоилов 1982, 7], ки ин ду истилоҳ, ба назари мо, комилан қобили қабуланд, зеро таҳти мафҳуми онҳо метавон, тамоми навъҳои диалектизмҳоро, ки муҳаққиқони қаблӣ дар рисолаҳои худ гурӯҳбандӣ кардаанд, муттаҳид сохт. Аз ин ҷиҳат муҳаққиқони баъдӣ низ ин истилоҳотро пазируфтанд ва диалектизмҳои лексикии лаҳҷаҳои мавриди тадқиқи худро дар асоси ҳамин ду гурӯҳ ба тадқиқ гирифтаанд [Кабиров 1995, 9; Гадоев 2009,6; Замонов 2010, 6-7; Сангинова 2012, 7-8; Абдуллоева 2017, 21-29, Сулаймонов 2019].

Диалектизмҳои лексикии нопурра. Ба ақидаи бархе аз шевашиносон «диалектизмҳои лексикӣ» вобаста ба таркиби овозии худ бо забони адабӣ якхела бошанд ҳам, аз лиҳози маънӣ фарқ мекунанд. Яъне, маъниҳое, ки онҳо мефаҳмонанд, ба лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба кор намераванд ва агар ба кор раванд ҳам, аз доираи лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ берун баромада наметавонанд. Ин навъи диалектизмҳо метавонанд, ки аз ҳисоби ҳам калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам калимаҳои иқтибосӣ ба вуҷуд

оянд. Як бахши луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон маҳз аз ҳамин гуна унсурҳои нутқ иборат мебошад. Масалан, калимаҳои **қапидан**, **тахт, айкал/ҳайкал,** ҳамин гуна хусусият доранд. Чунки инҳо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон на ба он маънии умумитоҷикии худ (**қапидан**-чизеро маҳкам доштан, **тахт –** тахти шоҳӣ, **ҳайкал** – ҷуссаи одам, балки ба маъниҳои «**ҷанг кардан»**, **«ҷойи нишасти домоду арӯс**», «**тӯмори калон»** истифода мешаванд.

*Орусу шаҳмард то рузи сейӣ да **тахт** мешинан ва бади саршъwон тахта ҷамъ мекнан. Уно рафтан ай пеши халифа **айкал** гърфтан (Д).*
*Ами къртаи тъ **ба лақаб** нодухта монд. Нодираву Латиф қатии амдигар қар уно **қапида** бъдан як вахт (Девлох).*

Ғайр аз ин дар таркиби гӯйиши тоҷикони водии Ғорон чунин калимаҳое вуҷуд доранд, ки аз ҷиҳати таркиби морфологии худ ва забони адабӣ якхел буда, вале аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд. Дар шевашиносии тоҷик ин гуна калимаҳоро **диалектизмҳои семантикӣ** ном мебаранд. Калимаи **ранг** дар забони адабӣ намуди зоҳирии ҳар чиз, ки ба чашми бинанда сафед, сурх сабз ва ғ менамояд, моддаҳои рангин, сиёҳӣ барои навиштанро ифода кунад, дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон, маънои **бузи кӯҳиро** ифода мекунад. **Дина да айлоқ рангои бақъвата дидем.** *(Дирӯз дар айлоқ бузҳои кӯҳии боқувватро дидем(С).* Инчунин калимаи **ҷондор** дар забони адабии тоҷик маънои ба маънои **ҳар чизе ки ҷон дошта бошад, зинда, ҳайвон** ояд дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон **гӯсфанди нари калонро** меноманд, ки синонимаш **нарбара** мебошад. Дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ифодагари он **қушқор** аст. Калимаҳои **ҳайвон/лаґна/мол** номи кулли ҳайвонот бузу гӯсфанд гову гусола мебошад.

Дар таркиби гӯйиши тоҷикони Ғорон, инчунин, як гурӯҳи вожаҳоеро метавон, мушоҳида намуд, ки онҳо ҳам ба маънии адабӣ ва ҳам ба маънии лаҳҷавӣ кор фармуда мешаванд. Мисол, калимаву таркибҳои **бедимоґ, димоґсухтагӣ, пешонӣ, awрат, даст пеши бар** ва амсоли инҳоро намуна меорем. Маъниҳои лаҳҷавии ин калимаҳо ва таркибҳо, ки заминаи маҷозӣ доранд, чунинанд: **бедъмоґ** (ранҷидагӣ), **дъмоґсухтагӣ** (аз касе беҳурматӣ

дидан), **awрат** (зан), **дъст пеши бар** (ҳурмат кардан). Калимаи **аврат** дар луғат ба маънои зан, завҷа омадааст [132, 35]. Дар забони вахонӣ язғуломӣ низ дар шакли аврат истифода мешавад.. *Да маҷлис awраторам иштирок мекнан (С).*

Тазаккур додан лозим аст, ки дар баъзе калимаҳои боло маънии лаҳҷавӣ бартарӣ пайдо кардааст, аз ин рӯ, дар ҷараёни нутқ маънии адабии онҳо то ҷое ноаён мемонад. Ин ҳодиса дар калимаҳои **бедимоғ, димоғсухтагӣ, даст пеши бар** ва мисли инҳо ба назар мерасад. Аммо дар гурӯҳи дигари калимаҳо баръакс, мавқеи маънии адабӣ устувор буда, доираи маънии лаҳҷавии онҳоро маҳдуд месозад. Чунин ҳолат дар вожаҳои **пешонӣ, awрат (аврат)** дучор меоянд, ки мо онҳоро шартан ба гурӯҳи дуюм нисбат додем. Калимаҳои гурӯҳи дуюм дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон дар муқоиса бо гурӯҳи якум чанд баробар зиёданд, ки ин ҳодиса, албатта, сабаб дорад ва дучор шудани забони адабӣ бо лаҳҷаҳои мазкур, таъсири ҳамаҷонибаи забони адабӣ ба онҳо ва дар ин замина рафта-рафта танг гардидану оқибат аз истеъмоли соҳибони лаҳҷа боз мондани маънии лаҳҷавии онҳо вобастагӣ дорад.

Диалектизмҳои лексикии пурра. Диалектизмҳои лексикии пурра чунин гурӯҳи вожаҳое мебошанд, ки аз рӯйи шакли фонетикиву маънии луғавии худ ба ин ё он лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ кор фармуда намешаванд ва агар кор фармуда шаванд ҳам, доираи интишори онҳо чандон васеъ нест ва аз ҳудуди лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ берун баромада наметавонанд. Ин навъи вожаҳо як қисмати асосии луғати гӯйиши тоҷикони Ғоронро ташкил дода, дар забони адабӣ мафҳумҳое, ки онҳо ифода мекунанд, муодили дигар доранд.

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба бисёр воҳидҳои луғавие дучор меоем, ки онҳо ба воситаи унсурҳои морфологӣ сохта мешаванд ва маъноҳои гуногуни лаҳҷавиро ифода мекунанд:

а) бо пешванди бе-: **бекафан//бегур** (чизе надоштан), **беру** (бешарм), **беадаб** (беодоб), **беномус** (беномус), **бетаб** (чиркин), **биёбру//беобру** (беобрӯ), **бетакалъф** (бепарво, бекина).

б) бо пасванди -ък: **качък** (мушт), **кърък** (мурғи курук), **ҳалқък** (ҳалқа), **харък** (харак), **пъхмък** (пат), **лъфтък** (лухтак), **пашмък** (пашм), **лалмък** (замини лалм), **лашък** (ҷав), **патък** (як намуди ғалладонагӣ).

в) бо пасвандҳои -ок: **пъшок** (сару либос), **нимърдок** (нимҷон), **арвок** (шапарак), **нимкъҷок** (ним кушода).

г) бо пасванди -ин: **шошин** (қум), **шъпалин** (навъи хок), **сангин**, **регин** (рег, қум) **пушин** (навъи растанӣ). Ин вожаҳо номи чарогоҳҳо ва пӯштакӯҳҳо мебошанд.

Калимаҳое, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд: нубат (навбати пода), **wоскат** (нимостин), **қew** (фарёд) – Ин калима бештар дар байни забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) дар шакли **қiw** серистеъмол мебошад. **Потахс** (туҳфа), **афунат** (макр), **кълша** (ҳамаша), **калewa** (гаранг), **чабнах** (як қисми хона), **бъзowез** (тахтаи васлкунандаи ду сутуни хона), **насақ шондан** (боб кардан), **мъҷозо** (аҳвол), **хъш** (маъқул), **съхт** (хушбахтӣ), **сузък додан** (нишон додан), **лоша** (хароб).

Калимаҳое, ки мафҳуми ғайрипредметӣ доранд. Ба ин гурӯҳ силсилаи вожаҳое дохил мешаванд, ки сифат, аломат, хислату хусусият, амалиёти одамону ҳайвонот ва мафҳумҳои абстрактро ифода менамоянд:

Калимаҳое, ки сифату хислати одамонро ифода мекунанд: фисма (оҳистакор), **ҷазмӣ** (девонаавзо), **дангалӣ** (одаме, ки гапро рӯйи рост дар рӯйи одам мегӯяд), **айғър** (ҷангара), **тақалӣ** (нозгар), **бодӣ** (ҳавобаланд), **фусма** (одами пурхӯр), **ҷаґат** (ҷангара), **нотарбаробар** (ноҷур, нобаробар), **нозбълул** (нозгар), **носеръм** (одаме, ки пур мехӯрад, сер намешавад), **абота** (сода), **лawда** (сода), **фowa** (сода), **чатоқ** (одами хислати нохубдошта), **пешпарък** (хушомадхӯҷа), **мазоқӣ** (шӯх), **хапък** (хап, одами камгап**),** **нозадагирён** (касе, ки тез ба гиря меояд), **битъ бат** (касе, ки ба сару либосу

афту андоми худ аҳамият намедиҳад), **lawy линҷин** (касе, ки қавоқаш овезон аст). Калимаи **тимтак** дар баъзе гӯйишҳо дар шакли **тентак** ба кор меравад.

Калимаҳое, ки ҷиҳати зоҳирӣ афту андоми одамонро ифода менамоянд: хода (қадбаланд), **беқолиб** (безеб), **мъндъқ** (паст), **бетаб** (нофорам), **кърмът** (кӯтоҳ, паст), **пахтасew** (сафедпӯст), **коҷ** (кач), **каҷала** (кач), **курмуш** (чашмтанг), **сияхар** (сиёҳ), **бъқпъшт** (кузпушт), **бълқчъшм** (калончашм), **гъсолачъшм** (калончашм), **катасар** (калонсар), **кабутру** (сиёҳпӯст), **сапалинг** (калонпо), **боқлоқад** (қадпаст).

Калимаҳое, ки маҳфуми амалу ҳаракатро дар бар мегиранд. Инҳо аслан феълҳое мебошанд, ки ду шакл доранд: шакли сода ва таркибӣ:

Феълҳои сода: песондан (чашм ало кардан), **пълосидан** (ба чи коре банд будан), пахсондан (масхара кардан), **хамбидан** (фуромадан), **қапидан** (ҷанг кардан), **гъръфтан** (газидан), **лъмбидан** (фурӯ рафтан), **шуридан** (кофтан), **лъштан (**лесидан), **хамбондан** (ба поён фуровардан), **дъридан** (даридан), **шапидан** (задан), **туридан** (тарсидан), **ҷъқидан** (қапидан), **ҷулидан** (печу тоб хурдан), **дърондан** (дарондан).

Феълҳои таркибӣ: Инҳо асосан феълҳои таркибии номианд, ки ҷузъи номии онҳо хусусияти лаҳҷавӣ доранд: **сълтaw додан** (дакка додан), **олуда кардан** (чиркин кардан), **лосък шъдан** (хароб шудан), **рурафтък шъдан** (ноайён шудан), **чапалох задан** (шаппотӣ задан). Дар лаҷаҳои дигари ҷанубӣ бошад дар шакли **шапалоқ** истифода бурда мешавад. **алалот кардан** (ҷанг кардан), **фъл задан** (нигоҳ кардан), **пъртък кашидан** (песондан), **калапо шъдан** (поён фуромадан), **нафрин кардан** (ҷанг кардан), **ҷинг задан** (ожанг пайдо кардан), **аръ фар кардан** (беҳуда дод задан), **тълтък бастан** (дақшавии мӯйи сар, аз шона накардан часпидани мӯй), **финг – финг кардан** (гиря кардан), **мънг – мънг доштан** (гиря кардан), **калтък хърдан** (бо калтак шаллоқ хӯрдан). Дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар шакли **калтак хӯрдан** бештар меояд. **Бърт – бърт кардан** (чизе гуфтан), **хawoc шъдан** (хавотир шудан), **чурт задан** (фикр кардан), **съст кардан** (нарм кардан), **афунат бъдан** (макор будан), **тълапи омадан** (ногоҳ пайдо шудан),

ҷиндӣ кардан (девона кардан), **чук истодан** (рост истодан) дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли **чъхт истодан** меояд. **зар шъдан** (дардманд шудан), **бълаласт кардан** (доду вой кардан), **ғамӣ шъдан** (монда шудан), **аёс кашидан** (шамол задан), **talwaca кардан** (фикр кардан), **шъклък задан** (ҳаво додан), **фиршак кардан** (уштак кашидан), **тора задан** (аз тарс гурехтан), **пърчъшм шъдан** (бешарм шудан), **шемон шъдан** (пушаймон шудан), **хормол кардан** (ром кардан), **сангък бастан** (сахт шудан). Қисме аз ин феълҳои таркибӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар гуфтугӯи омма қарор доранд.

Дар феълҳои таркибии номӣ феъли ёридиҳандаи *хӯрдан, бурдан, гирифтан, дуздидан, шудан, гуфтан, будан* ҳамеша дар шакли лаҳҷавии **хърдан, бърдан, гъръфтан, дъздидан, шъдан, гъфтан, бъдан** ба кор мераванд.

Калимаҳое, ки ба ченак, андоза ва вазн мансубанд (нумеративҳо): як қълоч (як метр), **як ангишт** (як ангушт), **як гала** (бисёр), **як ҷywол, як қанор, як қап** (ниҳоят зиёд), **як қawза** (як қабза), **сар** (мансуб ба ҳайвон) понздаҳ сар гӯсфанд, **як бордон** (бисёр).

Калимаҳое, ки миқдору дарачаро мефаҳмонанд: **иқа** (ин қадар), **камкък** (камтар), **пър** (зиёд) **иқа пър** (ин қадар зиёд), **lawболарез** (аз ҳад зиёд), **lawболaw** (бисёр), **нимъш** (нисф), **илекък** (камакак), **камтарък** (кам), **иқадарък** (камакак).

Калимаҳое, ки ба вазифаи пешоянду пасоянд ва пайвандак меоянд: агане, ага (агар); **ywорӣ, утарӣ, нawтарӣ** (мисли); **чъба** (барои чӣ), **бе мъ** (бе ман).

Калимаҳое, ки ба сифати инсон вобастаанд: **тимтак** (бодӣ). Ин вожа дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли **тентак** мавриди истифода қарор мегирад. Калимаи **ғажд** дар ҳамаи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) серистеъмол буда, маънои одами **чиркинро** ифода мекунад. **Зика** (ба маъноҳои зане, ки табиати тоза дорад, зани зебо, тоза, озода), дар шеваи ҳардурӣ бошад, ба ин маъноҳо ҳамин калимаро ба шакли **зука** ба кор

мебаранд ва бештар ба сифати **зани хуштабъ** ва **одами доною хуштабиат** нисбат медиҳанд. Дар Ванҷ барои ифодаи мафҳуми «зани зебо» калимаи **қърма** истеъмол меёбад [55, 23].

Диалектизмҳои лексикии пурра вобаста ба хати интишори худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ин фарқият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми онҳо танҳо дар марзи гӯйиши тоҷикони Ғорон ба кор мераванд, аммо қисми дигар аз доираи ин лаҳҷа баромада, дар баъзе аз лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ истеъмол меёбанд.

Дар воқеъ, ин ҳодиса хеле маъмул аст ва дар ҳама шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба назар мерасад. «Аз ин рӯ, дар тадқиқоти баъзе олимон онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуда, таҳти номи «диалектизмҳои лексикии мухолиф» ва «диалектизмҳои лексикии ғайримухолиф» мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд» [79, 7]. Дар рисолаи мо низ диалектизмҳои лексикии пурра дар иртибот ба ҳамин ду гурӯҳ таҳқиқ карда мешаванд.

Ба гурӯҳи якум диалектизмҳое дохил мешаванд, ки доираи истеъмолашон васеъ буда, дар як қисми лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ ҳам кор фармуда мешаванд.

Масалан, вожаҳои: ***хъсър*** *(падаршавҳар, падарарӯс)* ***хъшдоман*** *(модаршавҳар)*, ***танow*** *(банд)*, ***търинг*** *(боқувват, бардам)*, ***ширбат*** *(хӯроки маъмулии мардуми Бадахшон, ки аз ширу равған ва орд тайёр карда мешавад, дигдон (дегдон)*, ***сънор*** *(келин)*. Дар лаҳҷаи ҷануби шарқӣ дар шакли **сънҳор** истифода бурда мешавад. ***Хъwарзо*** *(фарзандони апа ва хоҳар)*. Дар дигар лаҳҷаҳои чанубӣ ва ҷануби шарқӣ калимаи **хорзо**-ро истифода мебаранд. ***Кшо*** *(кӯҷо)*, ***шуридан*** *(кофтан)*, ***хънъс*** *(мумсик)*. Дар лаҳҷаи кулобӣ дар шакли **кънск** мавриди истифодаи мардум қарор мегирад. ***Шъг*** *(химчаи дарахти бед)*, ***ғнаҷӣ*** *(гови модаи дусола)*, ***манша*** *(масхара кардан)*, ***мъ*** *(ман)*, ***тъ*** *(ту)*. Дар лаҳҷаҳои роғӣ ва қаротегинӣ ин калимаҳо дар ҳамин шакл истифода бурда мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм диалектизмҳое мансубанд, ки доираи интишорашон маҳдуд буда, аз мавзеъҳои паҳншудаи гӯйиши Ғорон берун рафта

наметавонанд: барбандӣ (дарозрӯя), **нъхор** (боқимондаи алаф дар оғил). Дар фасли зимистон вақте ки барфи зиёд меборад ҳайвонот дар оғил мемонанд ва хӯроки чорво дар зимистон алаф мебошад. **бордон** (якчанд банди ҳезум), **адга** (марз, ҳудуд), **нимкъҷок** (нимкушода), **саҷара** (аз калимаи шаҷара – насабнома), **wидък** (ресмон, ришта), **хънс** (хасис), **лаҷоҷ** (аблаҳ), **нафрин** (ҷанҷол), **кълша** (ҳамаша), **қир кард** (нест кард).

Дар рушди забони адабии тоҷик осори пурғановати классикони форсу тоҷик мавқеи муҳим дошта, маҳз ба воситаи осори назмию насрии онҳо давраҳои гуногуни таҳаввул ва такомули забони меъёрии тоҷикиро дуруст ва аниқ муайян намудан мумкин аст. Забони тоҷикӣ, ки дар давраҳои гуногуни инкишофи худ бо забону лаҳҷаҳои хешу бегона, дар вазъияти гуногун дар муносибати қавӣ қарор дошт, ба таърихи халқу халқиятҳои эронӣ алоқаманд аст. Олимони забоншинос масъалаи ба забони форсӣ-тоҷикӣ дохил шудани вожаҳои зиёди арабӣ, туркӣ, юнонӣ, ҳиндиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз хусусияти архаистӣ касб кардани вожаҳои бо ном «классикӣ», дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои гуногун маҳфуз мондани онҳо мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст.

Маълум аст, ки диалектизмҳои лексикӣ дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ сарчашмаҳои пайдоиши худро доранд, ки дар асоси маводи гӯйиши тоҷикони Ғорон баъзе аз ин сарчашмаҳоро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

1. Мавҷудияти унсурҳои архаистӣ, ки аз адабиёти классикӣ ба мерос мондаанд. Дар нутқи мардуми таҳҷоии Ғорон мо вожаҳоеро пайдо карда метавонем, ки онҳо бевосита аз адабиёти классикӣ ба ёдгор мондаанд. Масалан, агар воҳиди луғавии **нахчиргоҳ** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба маънои чарогоҳи бузу гӯсфанди кӯҳӣ кор фармуда шавад, дар «Шоҳнома» -и безаволи Фирдавсӣ низ айнан ба ҳамин мафҳум омадааст:

Чу наздики **нахчиргоҳ** омаданд,
Шитобон ҳама кинахоҳ омаданд (Фирдавсӣ).

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон, калимаҳои **вирд, аласт, алҹ амон, ар ҹ ар, балад** ва ғайра мавриди истеъмол қарор доранд, ки дар вақташ дар эҷодиёти адибони маъруфи адабиёти классикии тоҷик истифода шудаанд.

Калимаи **вирд,** ки дар адабиёти классикӣ ба маънии «такрор кардан», истифода шудааст [131, 236], дар гӯйиши тоҷикони Ғорон маънои «дар сари забони ҳама будан, мавриди гуфтугӯи умум гаштани номи касе ё чизе»-ро дорад.

Бисёр махӯр, **вирд** макун, фош масоз.

Гаҳ-гаҳ хӯру кам - кам хӯру пинҳон хур (Хайём).

Аксари ин вожаҳо ба қабати лексикаи адабии китобӣ дохил шуда, ҳоло на танҳо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон, балки дар забонҳои помирӣ ҳам бо ҳамон шакл ва маъноянашон маҳфуз мондаанд. Тафтиш, ҷустуҷӯ, омӯзиш ва дуруст муайян намудани калимаҳои классикӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар забони муосири тоҷик аллакай аз байн рафтаанд ва қисмати дигар дар давраи азбайнравӣ қарор доранд.

Вожаи **балад** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «воқиф, огоҳ, бохабар, роҳнамо» шарҳ ёфтааст [131, 135].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон **балад** маънои **бо ҳамдигар шинос будани писару духтарро** ифода мекунад.

Сафина қатии Мурод ай вахтӣ балад бъданд (С). *(Сафина қатии Мурод барвақт шинос буданд).*

Таҳқиқи маводи ҷамъшуда собит месозад, ки як қатор калимаҳои забони адабии классикӣ ҳоло дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ҳамчун воситаи мубодилаи афкор кор фармуда мешаванд. Аз қабили: ***лунҷ/линҷ, кочор, девлох*** ва ғайра.

Вожаи **линҷ/лунҷ** ба маънои ду тарафи даҳон аз дарун то ҷойи ба устухон начаспида кор фармуда мешавад:

Чашм пурдарду нишаста ӯ ба кунҷ,

Рӯ туруш карда фурӯ афганда **лунҷ** (Ҷалолиддин Балхӣ).

Воҳиди луғавии мазкур дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ҳам дар ҳамин маънӣ роиҷ аст.

У занъка диди, ки чӣ хел авқот мехрад ду тарафи линҷоша пър кардаст (Ш). *(Он зана дидед, ки чӣ хел хӯрок мехӯрад, ду тарафи лунҷашро аз хӯрок пур кардааст).*

Истилоҳи «**девлох»** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «чарогоҳи аз ободӣ дур» шарҳ ёфтааст [131, 361]. Дар осори Унсурӣ низ ба ҳамин маъно омадааст:

Чарида **девлох** огандапаҳлу,

Ба тан фарбеҳ, миён чун мӯй лоғар (Унсурӣ).

Вожаи **девлох** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон маъмулан бе тағйироти маънӣ маҳфуз мондааст ва баъзан мавридҳо ба ҷойи истилоҳи *девлох* мардум *делох* истифода мекунанд. Дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ ин калима мавриди истифодаи мардум қарор дорад.

Мо дина молора ба делох бърда бъдем (Б). *(Мо дирӯз рамаро ба девлох бурда будем).*

Истилоҳи «**даф»,** ки дар забони тоҷикӣ ҷойи онро исми доира гирифтааст, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон фаровон истифода мешаванд.

Ин воҳиди луғавӣ дар адабиёти классикӣ бо ҳамин маънӣ ба кор рафтааст: *Бонги наю даф аз даҳлезҳо берун меомад (Аҳмади Дониш).*

Да Шогун занъко амқа дафи хушру заданд (Қ). *(Дар иди Наврӯз занҳо доиразании хуб карданд).*

Вожаи «**кочор»** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои кочол «асбобу анҷоми хона, коло» шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон низ ба ҳамин маъно ифода меёбад. Дар водии Ғорон асбобу анҷом ва ашёи хонаро кочор мегӯянд.

И Сайрам кочоръпарша гръфтаст рафтаст (С). *(Ин Сайрам асбобу анҷомша гирифта рафтаст).*

Вожаи **беоб** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар шакли ***биёб*** истифода мешавад. Зан ё духтаре, ки ба корҳои бад даст мезанад ва шаъну шарафи

худро паст мекунад, хамон шахсро биёб мегӯянд. **Дъхтари бийоб.** (Духтари беоб). **Як зани бийоби бетамиз**. (Як зани беоби бетамиз). ***Уно як кори биёбӣ карданд (Д).*** *(Онҳо як кори беодобӣ кардаанд).* Муродифи **беоб** дар водии Ғорон **бийобру** (беобрӯ) мебошад.

Воқеан, ин воҳиди нутқ дар забони адабиёти классикӣ дар шакли *беоб* ҳамин маъноро ифода кардасст:

Ҷуғз мегуфт: ин сазои он касе,

К - ӯ чу **беобон** шавад ҷуфти касе (Ҷалолиддини Балхӣ).

Калимаи **бъна (буна),** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон маънии «асбобу анҷом, рахти хона» -ро ифода мекунад. *Кампиро бору бънашона заданд айлоқ меран (Сиёҳоб)*.

Инчунини дигар дар Ғорон муродифи вожаи **бъна** хоҷагӣ, оила, хонадон мебошад. ***Имсол чанд бъна айлоқ меран (Ш).*** *(Имсол чанд хоҷагӣ айлоқ меран).*

Буна дар адабиёти классикӣ ба маънои **иқоматгоҳ** омадааст. Ва (лашкари Маҳмуд) аз он ҷо ба соҳили Сайҳун ҳамерафтанд, то бар бунаи эшон расиданд ва бунаро ғорат карданд [151,192].

Ба маънои асбобу анҷоми хона дар адабиёти классикӣ низ омадааст: *Рӯдакӣ чун ба Самарқанд расид, чаҳорсад шутур зери бунаи ӯ буд* [159, 65].

Садриддин Айнӣ дар асари «Одина» таркиби **бору бунаро** ҳамчун ҷиҳоз ба кор бурдааст: *Мо **бору бунаи** шуморо мебинем, ҳисобашро месанҷем* [149, 74].

Вожаи «**кочӣ»** номи атолаеро мефаҳмонад, ки аз орду шир, шакар тайёр карда мешавад. Ва ин амал то имрӯз ҳам ҳамин тавр дар Ғорон идома дорад. Хотирасон бояд кард, ки урфу одати мардуми Бадахшон аз дигар манотиқҳои Тоҷикистон ба куллӣ фарқ дорад ва мо низ дар кори худ хусусиятҳои хоси ҳамон мардумро ба риштаи таҳқиқ овардем. Ин калимаро Савдо бо ҳамин маънӣ истифода кардааст:

Он чи аз атъима ошӯби курои шикам аст,

Оши **кочист**, ки бешубҳа балои шикам аст (Савдо).

Мъмом пешо кочии бамаза мепухт (С). *(Момои ман дар замони пеш кочии бомазза мепухт)*.

Парер //пареррӯз. Ин вожа дар Ғорон маънои рӯзи гузаштаро ифода менамояд.

Парер қиблаи аҳрор Зовулистон буд,

Чунон, ки Каъба аст имрӯз аҳли имонро.

Парер мо ай айлоқ омадем *(В.) (Дирӯз мо аз айлоқ омадем).*

Вожаи кола/коло, ки ҳоло дар ҳамаи лаҳҷаҳои бадахшонӣ кор фармуда мешавад, аз забони давраи классикӣ сарчашма мегирад. Ин калима дар гӯйиши мазкур ба маънои *сару либоси арӯс, матое, ки аз он занон курта медӯзанд*, омадааст.

Вожаи мазкур дар «Сиёсатнома» -и Низомулмулк ба маънои чизу чора борҳо кор фармуда шудааст. *Ва мардумони Қуқа…бисёре гӯсфанд ва асп ва колои аз они вай бибурданд. «Таърихи Сиистон»; Яке корхона андар сарой, набуд коларо бар замин низ ҷой (Фирдавсӣ).*

Аз калимаи кола дар гӯйиши мазкур калимаҳои мураккаб низ сохта мешавад: **колабин** – ин маросим дар вақти **колаи сар** (қалингирӣ)-и домоду арӯс дар хонаи арӯс намоиш дода мешавад, **колабърѝ** – буридани курта, **колатанѝ** – танидани кола, **колашуѝ** – пеш аз дӯхтани курта коларо шустушӯй кардан, **коладузѝ –** дӯхтани матоъ.

Ин навъи диалектизмҳо, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) вожаҳое, ки шаклу маъноянашон бе тағйир боқӣ мондааст:

русум (расмҳо), **азал** (ибтидо, тақдир), **фалак** (чархи гардун, осмон), **олуда** (чиркин), **хӯ** (й) (табиат, одат, тиннат).

Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,

Бардоштаме ман ин фалакро зи миён (Хайём).

Расму русуми мардуми мо амики орусро баъди як сол ба хонаи пъдаръш меоранд. *(Расму одати мардуми мо ҳамин аст, ки арӯсро баъди як сол ба хонаи падараш меоранд*). **И бача да берун пъшокоша соф задаст олуда кардаст.** *(Ин бача дар берун либосҳои худро чиркин кардааст*. **Ино ху-**

у хислатшон ай вахти ҳами хел бъд, ки ба ягон кас хел намегъръфтан. *(Инҳо ху-у хислаташон барвақт ҳаминхел буд, ки бо ягон кас унс намегирифтанд)*.

ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Хулоса, аз таҳлили боло маълум гардид, ки луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон, аз як тараф, бо хусусиятҳои хоси худ ба лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ умумиятҳо дорад. Аз тарафи дигар, фарқиятҳои назаррас низ дида мешаванд, ки чунин тафовутҳо аз гӯйиши алоҳида будани он шаҳодат медиҳанд. Умумияти онҳо дар истеъмоли калимаҳои умумитоҷикист, ки ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар гӯйиши тоҷикони Ғорон шаклу маънии якхела доранд. Бештари калимаҳои гӯйиши тоҷикони Ғорон умумитоҷикӣ мебошанд. Аз он ҷумла: зан, мард, хола, ситора, осмон, соф, китоб, дафтар, қалам, шир, чой, мошин, саг, хирс, шер, паланг, хок, санг, лой, хона, дар, гарм, сард, сар, бинӣ, бадан, ранг ва ғ.

Тафовути онҳоро бошад, ба таври зерин метавон арзёбӣ намуд:

- аз гӯйиши ин мардум калимаю истилоҳотеро пайдо намудан мумкин аст, ки дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ё истеъмол намеёбанд ва ё камистеъмоланд ва хусусияти баръало фарққунанда низ доранд.

Дар муқоиса бо забони адабии тоҷик лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон фарқиятҳои назаррас дорад:

а) аз нигоҳи овоӣ: **гъно** (гуноҳ), **бъз** (буз), **дъхтар** (духтар), **wегаи (**бегоҳӣ), **гъл** (гул), **wардоштан (**бардоштан), **мехрад (**мехурад), **гъръфт** (гирифт), **owърд** (овард), **бъд (**буд), **бъсйо** (бисёр), **оли (**ҳозир), **дъст (**даст), **дърахт (**дарахт), **ку** (кӯҳ), **зъмин** (замин), **дъроз** (дароз), **сия** (сиёҳ**), съфед (**сафед).

б) бисёр воҳидҳои луғавие дар гуфтугӯи ин мардум дучор меоянд, ки маҳсули давраи таърихии ҳаёти халқамон ба шумор мераванд, вале дар забони адабии тоҷик ё аз нигоҳи маъно тағйир ёфтаанд ва ё баъзе аз онҳо аз байн рафтаанд. Масалан, вожаи **сара,** маъноҳои «хуб нағз, чидаю баргузида, писандида» -ро дорад. Дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон ва тоҷикони водии

Ишкошим ва Вахон ба маънои **ром** кардан ва ба зери итоати худ даровардани барзаговони ҷуфтӣ маъмул аст. Дар лаҳҷаи Тагнов низ ба ҳамин маъно ром кардани барзагов барои ҷуфтронӣ ва дигар корҳои деҳқонӣ истифода бурда мешавад.

Шъмо ҷъвонатона сара кардето? (Қ). *(Шумо говатонро барои шудгор ром кардед?).*

Агар аз ин нуқтаи назар ба таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон назар андозем, метавонем, ба воҳидҳои зиёди луғавӣ рӯ ба рӯ шавем, ки воқеан, ҳудуди васеи истеъмол надоранд ва онҳо аз доираи гӯйиши мазкур берун рафта наметавонанд. Масалан, **ҷия** (модар), **додӣ** (падар), **мъдо** (мақсад), **палпалосинък** (шапарак), **баргаса** (аралаш, титу тор), **фиршак** (уштак кашидан), **нънамълънд** (характери модарро доштан) ва ғ.

Аммо баръакси ин, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон боз калимаҳоеро низ пайдо кардан мумкин аст, ки доираи истеъмоли онҳо як андоза васеътар аст ва онҳо аз ҳудуди гӯйиши мазкур баромада, то гӯйишу лаҳҷаҳои ба он наздик рафта мерасанд. Инҳо диалектизмҳои лексикӣ мебошанд, ки ба гӯйиши тоҷикони Ғорон ва лаҳҷаҳои ба он наздик, аз ҷумла лаҳҷаҳои роғӣ ва лаҳҷаҳои ҷанубу шарқӣ (Ванҷ, Дарвоз) дахл доранд. Аз қабили, **хъртек** (хурд), **кшо** (куҷо), **раша** (сабзазори ду тарафи ҷӯй), **сънор** (келин), **шуридан** (кофтан, ҷустуҷӯ кардани касеро ё чизеро, гумшудаеро кофтан), **шъғ** (шиғ).

- дар луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон як силсила калимаҳо ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ бо забони адабӣ якхела бошанд ҳам, аз лиҳози маънӣ аз он фарқ мекунанд. Ин навъи воҳидҳои луғавӣ таҳти унвони «диалектизмҳои лексикаи нопурра» мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Яъне, маъниҳое, ки онҳо мефаҳмонанд, ба лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба кор намераванд ва агар ба кор раванд ҳам, аз доираи лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ берун баромада наметавонанд. Ин навъи диалектизмҳо метавонанд, ки аз ҳисоби ҳам калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам калимаҳои иқтибосӣ ба вуҷуд оянд. Як бахши луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон маҳз аз

ҳамин гуна унсурҳои нутқ иборат мебошад. Масалан, калимаҳои **қапидан**, **тахт, айкал/ҳайкал,** ҳамин гуна хусусият доранд. Чунки инҳо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон на ба он маънии умумиҳоҷикии худ (**қапидан** – чизеро маҳкам доштан, **тахт** –тахти шоҳӣ, **ҳайкал** – ҷуссаи одам, балки ба маъниҳои «**ҷанг кардан**», «**ҷойи нишасти домоду арӯс**», «**тӯмори калон**» истифода мешаванд.

*Орусу шаҳмард то рузи сейӣ да **тахт** мешинан ва бади саршъwон тахта ҷамъ мекнан. Уно рафтан ай пеши халифа **айкал** гъръфтан (Д).*

*Ами къртаи тъ **ба лақаб** нодухта монд. Нодираву Латиф қатии амдигар қар уно **қапида** бъдан ку (Деҳлох).*

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон як гурӯҳ калимаҳо дучор меоянд, ки решаи онҳоро дар забони адабӣ пайдо кардан аз имкон дур аст. Ин қабил унсурҳои нутқ қабати «диалектизмҳои лексикии пурра» -ро ташкил медиҳанд ва зери ҳамин ном ба тадқиқ гирифта шудаанд. Масалан, **айд** (маърака), **ғъндокин** (кинадор), **занемък** (зани амак), **зиря** (беҳуда), **зъғайри** (ба ғайри), **къландък** (калон), к**урисйоқ** (шарманда), **қарасук** (туман), **съх** (хушбахтӣ).

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба бисёр воҳидҳои луғавие дучор меоем, ки онҳо ба воситаи унсурҳои морфологӣ сохта мешаванд ва маъноҳои гуногуни лаҳҷавиро ифода мекунанд:

а) бо пешванди бе-: **бекафан//бегур** (чизе надоштан), **беру** (бешарм), **беадаб** (беодоб), **беномус** (беномус), **бетаб** (чиркин), **биёбру//беобру** (беобрӯ), **бетакалъф** (бепарво, бекина).

б) бо пасванди -ък: **кацък** (мушт), **кърък** (мурғи курук), **ҳалқък** (ҳалқа), **харък** (харак), **пъхмък** (пат), **лъфтък** (лухтак), **пашмък** (пашм), **лалмък** (замини лалм), **лашък** (ҷав), **патък** (як намуди ғалладонагӣ).

Ҳамзамон, як қатор вожаҳои марбут ба урфу одат ва касбу кори мардуманд, ки дар дигар манотиқи мавриди истифода нестанд ва дар рисола онҳоро бо номи этнографизмҳо ба риштаи таҳлил овардем.

БОБИ II

ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОН ВА ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ОНҲО

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки то имрӯз луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз нигоҳи мавзуъ ба таври пурра ва мукаммал омӯхта нашудааст. Дар ҳоле ки дар забоншиносии тоҷик ин яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад. Аммо чунон ки гуфта шуд, луғати ин гӯйиш ва дигар гӯйишҳое, ки дар атрофи Ғорон интишор доранд, то имрӯз мавриди таҳқиқ ва гурӯҳбандӣ қарор нагирифтаанд. Таркиби луғавии ҳар лаҳҷаву гӯйишҳо чун забони адабии ҳозираи тоҷик рангорангу гуногун аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон қайд намудаанд, ки «Ҳарчанд то истиқлолият тавассути омӯзиши асотир, фолклор, этнография ва этимологияи мардуми тоҷик корҳои назаррас ба анҷом расида бошанд ҳам, аммо паҳлуҳои норавшан дар ин самт ҳоло низ ба мушоҳида мерасанд. Ҳамзамон қисми зиёди маводе, ки дар осорхонаҳо ва озмоишгоҳҳои илмию пажӯҳиши ҷамъоварӣ шудаанд, то ҳанӯз бе таҳқиқу баррасӣ мондаанд ва баъзе аз онҳо дар ҳолати нобудшавӣ қарор доранд [155, 1]. Таҳқиқоти илмии этнографӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 1920-ум шурӯъ шудааст. Пажӯҳишҳои нахустини этнографӣ аз тарафи олимони рус М. С. Андреев, А. А. Семёнов, Н. А. Кисляков, Е. М. Пешерева ва дигарон анҷом дода шудаанд. Сипас мардумшиносони тоҷик М. Раҳимов, Н. Нурҷонов, О. Муродов, И. Муҳиддинов, А. Мардонова, Н. Турсунов, У. Ҷаҳонов, Х. Эшонқулов, М. Ҳомидҷонова ва инчунин этнографҳои тоҷикшиноси рус Н. Н. Ершов, З. А. Широкова, А. Давидов, А. К. Писарчик, Р. Л. Неменова ва дигарон ба омӯзиши ва таҳлили этнографияи сокинони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон машғул шуда, асарҳои илмӣ офариданд.

Дар баробари ин, калимаву истилоҳоте, ки ба бахшҳои маишату маърифати ворисони гӯйиши тоҷикони Ғорон иртибот мегиранд, низ кам нестанд.

2.1. Лексикаи соҳавӣ

Лексикаи соҳавии гӯйиши тоҷикони Ғорон як қисми ҷудонопазири лексикаи касбии забони миллии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши лексикаи соҳавии гӯйиши тоҷикони Ғорон аз як тараф, барои такмил додан ва пурра сохтани қабатҳои гуногуни таркиби луғавии забони адабии тоҷик аҳамият пайдо намояд, аз тарафи дигар, барои тартиб додани луғатҳои соҳавӣ, истилоҳотӣ дар бахшҳои гуногуни касбу ҳунар ва ба тартиб даровардану рушд бахшидани ҷиҳатҳои маъноии истилоҳоти забони тоҷикӣ дар маҷмӯъ аҳамияти муҳим дорад. Қабати асосии лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон аз ҷиҳати таркиб хусусияти умумитоҷикӣ дорад ва бо вуҷуди ин дар гӯйиши мазкур боз калимаҳое истеъмол меёбанд, ки онҳо хоси ин гӯйиш мебошанд ва ҳаёти мардуми таҳҷойиро фаро гирифта, як қисми муҳими лексикаи онро ташкил медиҳанд.

Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои инкишофи он омӯзишу баррасии илмии лексикаи касбу ҳунар аҳамияти муҳим дорад. Лексикаи касбу ҳунар дар забоншиносии тоҷик яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқшуда ба шумор меравад. Дар ин бобат мақолаҳои алоҳида ба табъ расида, чанд рисолаи номзадӣ дифоъ шуда бошанд ҳам, ҳанӯз онҳо тамоми соҳаҳои касбу ҳунарро фаро гирифта наметавонанд. Аз ҷумла, асару мақолаҳои В. Қосимов доир ба лексикаи касбу ҳунар дар шеваи тоҷикони Самарқанд, Ф. Зикриёев, А. Холова оид ба лексикаи ороишию бофандагӣ дар забони тоҷикӣ ва дигар осорро метавон номбар кард, вале мавзуи лексикаи соҳаи ҳунармандӣ дар водии Ғорон то ҳол ба таври пурра омӯхта нашудааст.

Қабати асосии лексикаи гӯйиши Ғорон аз ҷиҳати таркиби иҷтимоии худ хусусияти умумитоҷикӣ дорад. Бо вуҷуди ин, дар гӯйиши мазкур боз калимаҳое истеъмол меёбанд, ки онҳо лаҳҷавианд ва ҳаёти мардуми бумиро фаро гирифта, як қисми муҳими лексикаи онро ташкил медиҳанд. Ин вожаҳо бештар дар соҳаи ҳунармандӣ ва фаъолияти ҳунарии мардум ба назар

мерасанд. Ҳунармандӣ дар Ғорон тайи чандин асрҳо боз идома дорад ва то имрӯз бисёре аз намудҳои он дар ин водӣ ривоҷу равнақ ёфта истодаанд.

Косибони Ғорон ба бештар аз чанд намуди ҳунармандӣ машғул буданд, ки мутаассифона, бисёр навъҳои ҳунармандӣ дар айни замон аз байн рафтаанд. Занҳои Ғоронзамин дар ҳунармандӣ аз қадим шуҳрат доштанд ва имрӯз ҳам онро идома медиҳанд. Онҳо касбҳои дӯзандагӣ, буррандагӣ, ресандагӣ, намадмолӣ, ҷуроббофӣ, тоқидӯзӣ, бандбофӣ, рангуборгарӣ, муҳрабофӣ, кулолӣ ва дигарҳоро аз аҷдодон ба насли имрӯза оварда расониданд. Маҳз занҳо арзишҳои қадимии халқи моро гиромӣ дошта, расму оин ва ҳунарҳои хубро пос медоранд ва арҷ мегузоранд.

Вожаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон хеле зиёданд ва тамоми бахшҳои фаъолияти ҳунармандии мардуми таҳҷоиро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, онҳоро мо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем: лексикаи дӯзандагӣ, лексикаи бофандагӣ, лексикаи намадмолӣ, лексикаи хонасозӣ, лексикаи осиёбсозӣ, лексикаи пазандагӣ (хӯрокворӣ), лексикаи марбут ба зебу зинат, ороиши занон.

2.1.1. Лексикаи соҳаи дӯзандагӣ. Дӯзандагӣ аз қадимтарин касбу ҳунарҳои мардумӣ буда, инсонҳо пас аз шикори ҳайвоноти ваҳшӣ аз пӯсти онҳо барои пӯшиши бадани хеш навъе либос медӯхтанд. Дар Ғорон шохаи маъмултарину калонтарини ҳунармандӣ – дӯзандагӣ ба шумор меравад. Занҳои Ғорон ба намудҳои гуногуни дӯзандагӣ машғуланд. Аз ин рӯ, истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ дар таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон як қабати калонро ташкил медиҳад. Масалан, вожаҳои **калтача** (нимостин, ҷомачаи занона ва мардона). **Калтача** як навъи либосе, ки назар ба ҷома кӯтоҳ ва беостин мешавад. Дар Ғорон калтача ду навъ мешавад мардона ва занона. Ин навъи либосро ҳам занон ва ҳам мардон ба тан бабар мекунанд. Фарқияти калтачаи занон аз мардон дар он аст, ки аз занон бештар гулдор мешавад ва аз мардон бегул.

Истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ: кънтаи гъреwондор (куртаи гиребондор), **камзул** (нимостин, ҷомача), **ошхорак** (ошхӯраки кӯдакон),

woскат (ҷомача), **таркӣ** (рӯйпӯши курпача), **сарбандък** (сарбанди арӯсон). Дар водии Ғорон умуман Ишкошим, Шуғнон, Рӯшон либосҳои арӯс ва тарзи пӯшондани арӯс аз дигар манотиқҳои Тоҷикистон фарқ мекунад. Чанд сол пеш арӯсро 6 шол ва 4 курта мепӯшониданд ва ин шолҳоро бо **сарбанд ё пешонибанд** мебастанд, то ки ин шолҳо аз сари арӯс наафтанд. Ин анъана айни ҳол ҳам давом дорад, танҳо миқдори онҳоро кам намудааанд, **болопӯш** (куртаи болопӯши арӯсон) -ин ҳамон куртае аст, ки аз болои ҳамаи куртаҳо пӯшонда мешавад, **доман** (домани куртаи занона) намунаи онҳо мебошанд.

Соҳаи дӯзандагӣ, дар навбати худ, бахшҳои зиёд дорад, ки он бахшҳо бо истилоҳоти зерин номгузорӣ шудаанд: **кърта**дузӣ, **шерозидузӣ, поҷомадузӣ, тоқидузӣ, кӯрпадузӣ, кӯрпачадузӣ, таркидузӣ** (дар шеваҳои шимол дар шакли қурокдӯзӣ), **ҷомадузӣ, гълдузӣ** (гулдӯзӣ) ва ғ. Муҳаққиқ Р. Сангинова дар рисолаи худ «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Конибодом» қайд мекунад, дар лаҳҷаи Конибодом дар ифодаи мафҳуми косиб истилоҳоти **дӯзанда, чевар** ва **мошиначӣ** ба кор мераванд [38, 70] ва ногуфта намонад, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон низ дар ин бобат ҳамин истилоҳот корбаст мегарданд.

Гълдузӣ (гулдӯзӣ), навъи санъати ороиши амалии халқӣ, ки дастӣ (бо сӯзан ва чангакҳои махсус) ё ба воситаи мошинаи махсуси гулдӯзӣ дар рӯйи матоъҳои гуногун, бо ресмонҳои пахтагӣ абрешимӣ, инчунин бо сангҳои қиматбаҳо, мураҳои хурд, марҷону марворидҳо дӯхта мешаванд. Зардузӣ ва таркидӯзӣ (таркдӯзӣ) як ҷузъи гулдӯзӣ мебошанд. Гулдӯзӣ аз ҳунарҳои нафис ва такмилёфтаи санъати қадимӣ буда, мардуми ҳар минтақа сабки хосси худро дошт, ки намунаҳои нодири он то ба замони мо расидаанд.

Чунон ки гуфтем, соҳаи дӯзандагӣ бахшҳои зиёд дорад, ки онҳо бо истилоҳоти гуногун номгузорӣ шудаанд. Аз ин рӯ, онҳоро боз ба гурӯҳҳои алоҳида тасниф кардан лозим аст.

Бахши куртадӯзӣ. Дар Ғорон куртадӯзӣ яке аз бахшҳои асосии соҳаи дӯзандагӣ мебошад. Дар гӯйиши мазкур дар ифодаи номи ашхосе, ки ба дӯхтани курта машғуланд, истилоҳи умумитоҷикии **кърта**дуз, **дузанда**

(дӯзанда) истифода бурда мешавад. Дар ин бахш ибораҳои хеле зиёданд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин мебояд гурӯҳбандӣ намуд:

Номи навъҳои курта: **кърта**и **тоҷикӣ** (куртаи тоҷикӣ), **кърта**и **пешкъшода** (куртаи пешкушода), **кърта**и **гиреwондор** (куртаи гиребондор), **кърта**и **пешсахт** (куртае, ки пешаш маҳкам). Ин навъи куртаҳоро дар водии Ғорон бештар барои занҳои калонсол омода мекунанд. **Кърта**и **орусӣ** (куртаи арӯсӣ) – куртаест, ки ҳангоми тӯйи арӯсӣ духта мешавад, онро танҳо арӯсон ба бар мекунанд. **Кърта**и **померӣ** (куртаи помирӣ) – куртаест, ки бо нақшу нигораш аз дигар манотиқҳои Тоҷикистон фарқ мекунад. Гирди гиребон ва остини ин навъи куртаҳо шероза духта мешавад. Куртаҳои помирӣ занона, мардона ва кӯдакона мешаванд. Либоси расмии мактаббачагонро дар водии Ғорон **куртаи мактабӣ** ё **форма** (аз забони русӣ иқтибос шудааст) мегӯянд.

Номи ҷузъҳои курта: **қад** (дарозӣ), **бар** (бар), **остин** (остин), **пешък** (пеши курта), **пасък** (қафи курта), **ҷебък** (ҷайб, киса).

Дар Ғорон ба ҷойи мафҳуми матоъ истилоҳи **кола**-ро бештар истифода мебаранд, инчунини баъзан вожаи русии **материалро** низ истифода мебаранд.

Куртадӯзҳо ба ғайр аз курта боз **тамбон** (эзор)-и занона ҳам медӯзанд, ки муродифи ин калима вожаҳои **поҷома, эзор** мебошанд. Дар гӯйиши ғоронӣ вожаи **тамбон** серистеъмол аст. Дар бобати истилоҳоти ба эзор вобаста лаҳҷаҳои бадахшонӣ аз маҳалҳои дигари ҷанубӣ то андозае фарқ мекунанд. Дар ин ҷо ба ҷуз калимаи умумии эзор, ки дар шаклҳои **изҳор// изор//ҳезор** ба кор бурда мешавад, инчунин воҳидҳои луғавии **шуволак, тамбон//тумбон** кор фармуда мешаванд [108, 181-182]. Қисмҳои **тамбон** дар гӯйиши мардуми Ғорон бо истилоҳоти зерин ифода меёбанд: **хиштак, астар, поча, поҷома**. Вожаи **хиштак** калимаи умумитоҷикӣ буда, ифодагари ду мафҳуми лаҳҷавӣ мебошад: 1) хишти хурд; 2) порчаи чоргӯшае, ки зери баҒали ҷома ва миёни почаҳои поҷома медӯзанд [132, 587].

Бахши кӯрпадӯзӣ. Дар Ғорон бахши кӯрпадӯзӣ истилоҳоти зиёдеро дар бар мегирад ва онҳо аз нигоҳи семантикӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро боз ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

Номи навъҳои кӯрпа ва дигар вожаҳои ба он алоқаманд: Дар Ғорон курпаҳо барои як нафар, ки онро **курпаи яккаса**, барои 2 нафар, ки онро **курпаи дъкаса** (курпаи дукасса) меноманд, дӯхта мешаванд, курпаи калон, майда, курпача, такя (тагсарӣ, болишти сар), такяи парин (тагсари парин), такяи пахтагин, лулаболишт, лулек, чодир, простин, руи лулаболишт, таркӣ. Таркидузӣ дар водии Ғорон ҳоло ҳам аз ҷониби занҳо ва духтарон ривоҷу равнақ дорад. Бештари вақтҳо барои арӯсон ҳамчун ҷиҳоз тайёр карда мешавад. Дар лаҳҷаҳои шимол ин анъанаро **қурақдузӣ** ном мебаранд. Дар луғат вожаи **чодир** чунин шарҳ дода шудааст: чодар, чодир, чодур – пардае, ки занон ба сар мегиранд [132, 542]. Дар гӯйиши мардуми Ғорон чодир ба маънои **матои сербаре, ки дар он кӯрпаҳоро печонида мебанданд ё рӯйи курпаву матрас** ба кор меравад.

Номи бистар. Дар ифодаи мафҳуми **бистар** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон калимаи **ҷога** роиҷ аст, ки он аз исми ҷой тавассути ҳамроҳ кардани пасванди -га (-гаҳ -гоҳ) сохта шудааст. Вожаи **ҷога** шакли лаҳҷавии исми **ҷойгоҳ** мебошад.

Ҷогаи мъра имшаw да хона бъмонет (Ш). *(Бистари хоби маро имшаб дар хона монед)*.

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон исми **ҷога** сермаъност ва боз ба маънои дигар, яъне **номи умумии зарфҳои рӯзгор** ва **пинҳон шудан** низ истифода мешавад:

Вахти ки авқота хърди, ҷогота ҷамъ бъкън, бъбар бъшушон, ки то сари намонан (Ш). *(Вақте ки хӯрок хӯрдӣ, зарфи хӯрокхӯрдагиятро то саҳар намонда, шуста мон).* **Талабо маллимора дидан хъдшона ҷога кардан** *(Талабагон муаллимонро дида худашонро пинҳон карданд).*

Агар занҳои Ғорон вожаи **чодирро** дар мавриди бастани кӯрпаю болин истифода кунанд, вожаҳои **бухча, бор, хасу хор** ҳангоми печонда бастани

либос ва ҳар гуна матоъ ба кор мебаранд. Вожаҳои **бор** ва **хасу хор** хоси гӯйиши мазкур ва як қисми лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба ҳисоб мераванд, аммо калимаи **бухча** хусусияти умумиторикӣ дорад ва дар ҳама лаҳҷаҳо истеъмол меёбад.

Амалиёте, ки кӯрпадӯзон ба анҷом мерасонанд, бо истилоҳоти зерин ифода меёбанд: пахташапак, пахтамонӣ, танидан, пахтапъркъниӣ (пахтапуркунӣ), кукгирӣ, пахтакашӣ (пахтабаркашӣ). Вожаи **пахташапак** дар нутқи дигар сокинони тоҷикзабонони шимол истилоҳи **тинг – тингкунӣ**-ро иваз мекунад. Ин вожаҳо қариб, ки дар ҳама лаҳҷаҳо дар истеъмоланд. ***Мо дина пахтаҳои кунагира ба пахташапак бърдем овърдем ай нав курпа духтем (С).*** *(Дирӯз мо пахтаҳои истифодашударо ба пахташапак бурда, аз нав кӯрпа дӯхтем).*

Бахши тахтдӯзӣ (тахти арӯсӣ). Тахтдӯзӣ як санъату маҳорати беандозаро талаб мекунад. Дар Ғорон ин тахт ба маънои тахти арӯсӣ ифода меёбад, ки онро занони Ғорон як рӯз пеш аз тӯй аз матои сурх тайёр мекунанд ва рӯзи тӯй ҳангоми омадани домод ба хонаи арӯс он тахтро дар ҷойе, ки арӯс бо дугонаҳояш мешинад, дар ду сутуни хона мебанданд. Ҳангоми рафтани домоду арӯс тахтро ҷӯраи шаҳ, ки рӯйгираки арӯсро аз рӯйяш мебардорад ва минбаъд падари арӯс, яъне падархонд ҳисоб меёбад, хола ё амаи арӯс он тахтро аз ширинӣ пур карда, ба китфи падари арӯс (ҷӯраи шаҳ) мебанданд. Ва ин тахтро ба хонаи домод бурда, боз дар ду сутуни хонаи онҳо мебанданд ва рӯзи сеюми тӯй дар Ғорон **тахтҷамъкнӣ** (тахтҷамъкунӣ) ном дорад, тахтро ҷамъ карда, онро ба падари арӯс (ҷӯраи шаҳ) туҳфа медиҳанд.

Тахт дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин тавр маънидод шудааст: тахт – курсӣ ё нишемангоҳи чорпоя аз оҳан ва чӯб, нишемангоҳи махсусе, ки подшоҳ дар маросимҳо бар он менишаст [132, 456]. Аммо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон, чунон ки дар боло шарҳ додем, он ҷойи махсусе, ки барои арӯсу домод тайёр мешавад.

Бахши ҷомадӯзӣ. Вожаи **ҷома** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба ҳамин маъно, **ҷома** истифода мешавад ва аз пӯст тайёркардаи онро **пустин** меноманд. Забоншинос Н. Гадоев қайд мекунад, ки вожаи **ҷома** дар лаҳҷаи Тагнов ду шакл дорад: ҷома ва ҷума [8, 53].

Ҷомадӯзҳои Ғорон ҷомаҳои гуногуннавъ медӯзанд, ки номҳои зерин доранд: ҷомаи занона, ҷомаи мардона, камзулча (нимостин), калтача, wоскат (калтача). Истилоҳи **калтача** доираи нисбатан васеи интишор дорад ва он ҷо-ҷо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ҳам ба кор меравад, ки оид ба он забоншиносон Р. Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев чунин мегӯянд: «Калима – истилоҳи «калтача» як навъи либоси рӯй буда, баръакси ҷома кӯтоҳ ва баъзан беостин мешавад» [33, 1980-154]. Вожаҳои **камзулча** (камзули кӯтоҳи пахтагини занона) ва **wоскат** (камзулчаи кӯдакона) низ дар гӯйиши Ғорон маъмуланд. Вожаи камзӯлча дар забони тоҷикӣ низ хеле серистеъмол мебошад. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” он чунин шарҳ дода шудааст: камзӯли беостини кӯтоҳ [131, 612].

Ҷомаҳои мардонаро аз матоъҳои беқасаб, сатини сиёҳ, сабз, кабуд ва балхи нилобӣ медӯзанд. Ҷомаҳои занонаро бошад, аз бахмали ҷигарӣ, сурх (вилвет) тайёр мекунанд. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба шакли **бахмал** истифода мешавад. Калимаи **бахмал** муодили вожаи махмал мебошад, ки дар адабиёти классикӣ борҳо ба кор рафтааст:

Ҳамчу **махмал** бирав, офот ба ғафлат магузор,

Дар ҷаҳон бехабар аз куфру зи ислом бихусп (Хоқонӣ).

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи **махмал** ҳамин тавр шарҳ ёфтааст: махмал – матои нафиси патдори якранг ва гулдор [132, 659].

Вожаи **сатин** дар луғат ба маънои навъе аз газвори гулдор ё бегули ҷилодор омадааст ва дар гӯйиши тоҷикони Ғорон низ ҳамин маъноро ифода мекунад. Калимаи **сатин** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон муродифҳои зиёдро доро мебошад: **кънтаи сатин** (куртаи сатин), **крепсатин, сатини сърх** (сатини сурх), **сатини кабут** (сатини кабуд).

Бахши шерозидӯзӣ. Дар байни мардуми Ғорон шерозидӯзӣ ҳунари маъмулӣ мебошад, ки аз қадим то ҳоло арзи ҳастӣ кардааст. Кӯкҳои шерозӣ

тавассути гирдгардонии картаҳои аз картон буридашуда ба вуҷуд меоянд. Занҳои ғоронӣ **шерозӣ тоқӣ, шерози сарбанд, шерози камарбанд, шерози мубанд, шерози миёнбандро** бо як санъату маҳорати беҳамто тайёр менамоянд. Шерозаҳои тоқӣ ҳар хел мешаванд: **шерозии тоқии дъхтарона** (духтарона), **бачагона, кудакона** (кӯдакона), **кампирона, мусафедона** (мӯйсафедона), **шерозии камарбанд ва миёнбанд**, ки онҳо ҳам мардонаву занона мешаванд. Гулҳои шерозии мардона ва занона аз ҳамдигар фарқ надоранд ва танҳо фарқияташон дар **пулкаки тоқӣ** аст, аз мардҳо пулкаки калон аз занҳо хурд. Шерозии **сарбандр**о барои бастани шолҳои арӯсон истифода мекунанд. Шерозии тоқии духтарона баъзан аз бачагона бо нусхаи гулҳояшон аз якдигар фарқ мекунанд. Шерозпочаро дар болои тагак **(тагък)** тавассути риштаҳои ранга нақшдӯзӣ мекунанд. Тагакҳо **ёздатайак** (ёздаҳтагак), **нутайак** (нуҳтагак), **афтак** (ҳафтагак), **панҷтайак** (панҷтагак), **сетайак** (сетагак) ном доранд. Яъне, дар болои тагаки шерозии ёздаҳтагак ёздаҳ кӯк, нуҳтагак нуҳ кӯк, сетайак се кӯк зада мешавад. Нусхаҳои шерозаи тоқӣ бо истилоҳоти **гълу бълбъл, садбарг, гъли олуча, товус, алқек, шахматгълък, ръбобък,** ифода меёбанд. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон шерозпочаро эзорпоча, **шерозии тамбон** низ мегӯянд. Нақшҳое, ки дар шерозпочаҳо тасвир мешаванд, чунин ном доранд: **ҳалқек** (ҳалқа), **гъли лола** (гули лола), **садбаргълък** (гулисадбарг), **шахматгълък** (шахматгулак).

Бахши гулдӯзӣ. Ҳунарҳои зебои занони Бадахшон ва Ғорон дар **тоқии бадахшонӣ, саростин, гиребону пешибарии курта, камарбанд, сарбандък** (пешонибанди кӯдакону арӯсон) хуб инъикос ёфтааст. Ин зебогӣ, бахусус, дар иди Наврӯз баъди ивази пӯшоки зимистона хеле таъсирбахш менамояд. Хурду калон, зану мард бо либосҳои идона ба кӯча баромада, як манзараи дилфиреби рангин аз ҳунари хоҳарону духтарон ва модарони ҳунарманд ба чашм мерасад. Вақте ки зебодухтари бадахшонӣ куртаи сафеди гулдӯзӣ ба бар, тоқии пур аз нақшу нигор ба сар, мӯйбандҳои сурхи тӯпидори бо садафҳо ороёфта, мораҳои (муҳраҳо) аз сангҳои рангаи ватанӣ дар гардан меовезад, симои ӯ дар зери осмони кабуд, кӯҳҳои сарсафед ва атрофи

сабзазор лаҳзаи нотакрори зебогии мулки кӯҳистонро ғанӣ мегардонад. Он нусха ва шерозаҳое, ки дар куртаи помирӣ, тоқӣ ва муҳраҳо дӯхта ва кашида мешаванд нусхаи онҳо як хел аст ва аз рангҳои гуногун ва муҳраҳои ранга иборат мебошанд. Дар онҳо тарҳи нақши гулҳои **морғалтонък** (расми мор), **лолек** (гули лола), **шахматгълък** (шахматгул) дӯхта мешаванд.

Номи асбобҳои дӯзандагӣ: Дар водии Ғорон одатан барои дӯхтани курта ва оро додани курта ҳам аз мошинаи либосдӯзӣ ва ҳам аз сӯзанҳои дастӣ истифода мебаранд.

Ангъштwона (ангуштпона, ҳуққаи мисӣ ё биринҷист, ки дар вақти дарздӯзӣ ба сари ангӯшт мегузаронанд, то ки сӯзан ба ангушт нахалад).

Ангуштпона, ангуштвона, ангуштбона, афзори зардӯзӣ, кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ, кӯрпадӯзӣ, болиштдӯзӣ ва сарулибосдӯзӣ, ки дӯзандаҳо ҳангоми кор ба сари ангуште (маъмулан ангушти миёна) мепӯшанд. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ ба ҳамин маъно ифода меёбад. Ангуштпона махрутшакл буда, барои налағжидани сӯзан сатҳи берунааш чуқуракҳо дорад. Ривоятест, ки ангуштпонаро заргаре барои озор наёфтани ангушти маъшуқааш ихтироъ кардааст [156, 853]. Ангуштпонаро аввалҳо аз тилло месохтанд ва ҳоло бошад аз филиззоти арзонбаҳо месозанд. Дар водии Ғорон духтароне, ки ба шавҳар мебароянд, дар ҷиҳози арӯсиашон ҳатман ангуштпона мебаранд. Ин анъана қариб дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Номи навъҳои курта: **кънтаи занона** (куртаи занона), **кънтаи мардона** (куртаи мардона), **кънтаи дъхтарона** (куртаи духтарон), **кънтаи бачагона** (куртаи писарон), **кънтаи шерозидор** (куртаи шерозидор), **кънтаи бешерозӣ** (куртаи бешерозӣ), **кънтаи кудакона** (куртаи кӯдакон).

Куртаҳои занона ва мардона шерозидор мешаванд ва танҳо фарқияти куртаи занона аз мардона дар он мешавад, ки куртаҳои занона дароз мешаванд ва куртаҳои мардона бошанд кӯтоҳ.

2.1.2. Лексикаи соҳаи бофандагӣ: Ин соҳа дар Ғорон бештар рушд кардааст ва то ин ҷониб дар ин водӣ занон ва духтарон ба ин касб машғуланд.

Ба истилоҳоти соҳаи бофандагӣ дохил мешаванд: **калowa** (баъди риштан ва рангу бор кардан риштаро калоба мекунанд), **калowакън** (шахсе, ки ришта калоба мекунад ва риштаҳои ресидаро шуставу хушк карда, барои дӯхтан ё бофтан омода месозад), **замч** (як навъи хоки шӯри зардчатоб барои рангу бор додани калоба), **мубандък** (мӯйбанд), **кокълък** (кокул), **нъсха** (тарҳи гули ҷӯроб, нақша), **сехък** (сихак, барои бофтани ҷӯроб, яксихак, чорсихак), **алқек** (як навъи гул дар ҷӯроб).

Бофандагӣ аз бахшҳои хеле муҳими ҳунармандии мардуми Ғорон маҳсуб меёбад. Ба касби бофандагӣ ҳам мардону ҳам занон машғул мебошанд. Истилоҳи бофандагиро дар гӯйиши мазкур вожаи бофанда низ иваз мекунад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар бахши бофандагӣ вожаҳои **коргар, бофанда** ва **коргоҳ** бештар ба кор мераванд, ки аз инҳо коргар ва **бофанда** шахсро ифода мекунанд.

Исми **коргоҳ** бошад, номи маконест, ки дар он ҷо **алоча** тайёр мешавад. Бофандаҳои Ғорон бештар ба бофтани ҷӯроб, банд, намад, гилеми тоҷикӣ машғул мебошанд.

Бахши ҷӯроббофӣ. Ҷӯроббофро дар ҳар хонадони сокини водии Ғорон дарёфтан мумкин аст. Ҷӯробҳо андозаҳои гуногун доранд. Таъиноти ҷӯробҳои калону дарози то зону барои фасли зимистон барои пӯшидан бо чамӯсу мӯза, бофта мешаванд. Ин ҷӯробҳо бо чор сихаи оҳанӣ бофта мешаванд ва нақшаҳои гуногунном, гуногунсохт ва гарму мустаҳкам онҳоро писанди мардум гардонидаанд. Ҷӯробҳои яксихаи кӯтоҳро бо пойафзоли кӯтоҳсоқ дар фаслҳои тирамоҳу баҳории барвақт мепӯшанд. Ҷӯробҳо барои хурду калон зану мард бофта мешаванд.

Номи асбобҳои ҷӯроббофӣ: **сехък** (сихак), **дъсехка** (дусиха), **чорсехка** (чорсиха), **яксехка** (яксиха).

Нақшҳое, ки дар ҷӯроб тасвир меёбанд: **гъли ҳалқек** (гули ҳалқа), **садбаргълък** (гули садбарг), **калонгълък** (калонгулак), **майдагълък** (майдагулак), **лолагълък** (гули лола), **гъли хърусък** (гули хурусак), **морғалтонък** (гули ранги мор), **шахматгълък** (шахматгулак).

Бахши гилембофӣ. Гилембофӣ касби мардон ҳисоб меёбад ва маҳсули меҳнати онҳо дар маҳал **гилами тоҷикӣ** ном дорад. Гилам аз **бъзму** (мӯйи буз) ва **мӯйи хашгов** (қутос) истеҳсол мешавад. Коркарди мавод аз ҳам ҷудо кардани нахҳо бо роҳи химчакӯбӣ сар мешавад. Ресидан ё тайёр кардани гилам бо ёрии ангуштон бештар иҷро мешавад. Гиламро дар дастгоҳи чӯбини гиламбофӣ мардон ба уҳда доранд. Расан ҳам аз мӯи буз ва хашгов (қутос) тайёр карда мешавад. Ин ҳунар ҳунари мардон ҳисоб ёфта, торҳои он ба монанди торҳои гилам буда, мувофиқи дилхоҳ панҷ-шаштора ва аз он зиёд мешавад. Истилоҳи **гилем** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон **гилам** ё ин ки **гилами тоҷикӣ** мебошад.

Бахши сабадбофӣ. Сабат (сабад) аз як навъи растанӣ, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бо номи **кълк** (килк, най, қамиш) маълум аст, бофта мешавад. Аз он навъҳои гуногуни сабадҳои гуногунандоза тайёр карда мешавад: **сабати меwаҷамкънӀ** (сабади барои нигоҳдории меваи хушк), **сабат барои пъшока** (сабади барои пӯшок), **сабати пашммонӀ** (сабади барои монондани пашм), **сабати ръсмон** (сабади барои ресмон), **сабати голамонӀ** (сабади барои пашм), **сабати нон** (сабад барои нигоҳдории нон) ва ғ.

Солҳои охир истеҳсоли ин маҳсулоти ҳунармандӣ қариб аз байн рафта, маводи он аз тарафи сокинон барои бомпӯшии хонаҳои истиқоматӣ истифода карда мешавад. Муҳимтарин олоти корӣ ва яке аз ҳунарҳои васеъ паҳншудаи мардон аз навдаҳои беди ҷангалӣ бофтани **каҷоwа** (сабади барои кашондани пору) мебошад.

Маънои ин вожа дар луғат чунин шарҳ дода шудааст: **каҷова** – сабад ё қуттие, ки барои кашондани бор (асосан мева) бо як банд аз ду паҳлуи асп, хар ё уштур овезон карда мешавад [135, 631].

Каҷоваро барои боркашонӣ бо қувваи **хар**, **хашгов** (қутос) ва худи одамон истифода мебаранд, ки то ҳанӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст.

Хусусан, ба айлоқҷойҳо бурда расонидани бор бо каҷоваҳои калони аз ду тараф ба хар боркарда васеъ истифода мешуд ва ягона роҳи боркашонӣ ба баландиҳо ҳисоб меёбад.

2.1.3. Лексикаи намадмолӣ: Намадмолӣ аз қадимулаём яке аз ҳунарҳои маъмули мардумӣ ҳисоб меёбад. То солҳои 50-уми асри ХХ матоъҳои шоҳию пахтагӣ, ки пурра дастраси мардум набуд, намад вазифаи бистари хобро иҷро мекард. Танҳо хоҷагиҳои доро метавонистанд, аз матои пахтагӣ ва ё худбофт истифода намоянд. Намадҳои пешина беранг буданд ва сифатнок молида мешуданд. Аз солҳои 60-уми асри ХХ сар карда, истеҳсоли намадҳои рангаи гулдор ба роҳ монда шуд. Намад танҳо аз пашми гӯсфанд тайёр карда мешавад ва он дар Ғорон ду навъ мешаванд:

1) намадҳои бегул, танҳо аз пашми гӯсфанди пашмаш сафед ё сиёҳ тайёр карда мешаванд;

2) намадҳои ранга аз пашмҳои рангакарда ё рангзада истеҳсол мешаванд.

Калимаву таркибҳое, ки ба раванди тайёр кардани намад мансубанд: **състкънии пашм** (ба воситаи дастон мулоим кардани пашм), **чърохчуб кардани пашм** (ба воситаи ду чуби борик пашмро кӯфта, чангу ғуборашро тоза мекунанд), **рангкънии пашм** (пашми сафедро бо ҳар гуна намуди рангҳои зард, сабз, сурх, кабуд бо илова намудани замч рангубор медиҳанд), **нонък кардани пашм** (пашмҳоро ба монанди нон гирд ва чоркунҷа монанд кардан), **гъландозѝ** (аввал гули намадро занҳо мекашанд ва ба воситаи пашмҳои ранга гул мегузоранд), **расанкашѝ** (расан ё риштаро ба намад баста мардон ё занон мекашанд), **гардowзанѝ** (аз орди боқило бо омехтаи об гард тайёр карда, ба болои намад дар раванди намадмолӣ мепошанд, то ки намад тезтар тайёр шавад ва сахту сифатноктар шавад).

Вожаҳое, ки номи ашхоси ҳунармандро ифода мекунанд: **гъландоз** (занҳое, ки гулро дар намад ба воситаи пашм мекашанд), **нъмадмол** (зан ё марде, ки намадро мемолад), **нъмадсоз** (намадмол), **расанкаш** (шахсе, ки ба воситаи расан намад мемолад).

Намадро дар Ғорон ҳам мардону ҳам занон тайёр мекунанд. Барои расанкаш намудани намад бештар дар ин амал қувваи мардон лозим аст, то ки ҳар чанд намадро сахт ва муддати дароз соиш диҳанд, ҳамон қадар сахттару босифат меояд. Як анъанаи дигар, ки аз қадимулаём ба мардуми Бадахшон мерос мондааст, ин ҳангоми ба хонаи шавҳар гусел кардани арӯс бояд дар бистари хобаш намад ҳатман дошта бошад.

Бахши ресмонресӣ. Ресмонресӣ дар Ғорон бештар баъди ҷамъоварии ҳосил сурат гирифта, то саршавии кишти баҳорӣ давом меёбад. Дар фасли тобистон бештар занон дар айлоқҷойҳо ба ин кор машғул мешаванд. Дар ин кор ҳамдастии ҳамсояҳо ва хешу табор низ истифода мешавад. Ба сифати ресмонресӣ талаботи махсус пешниҳод мешавад:

1) ресмон бояд ғафсии якхела, бе камбудиҳо ва ё ҷисмҳои дигаре, ки ба кандашавии он сабаб мешаванд, истеҳсол шавад;

2) ресмони дуқада (ду тори ресмонро бо ҳам якҷо кардан) **сердошт**, ки асосан, барои истеҳсоли ҷӯробҳо ва пуди газвор ресида мешавад, дар чархи ресандагӣ тайёр мекунанд. Кулӯлаҳои ресидаро нӯг ба нӯг оварда, ба боли **дӯк** (як қисмати чарх, ки риштаи ресидаро дар он пур мекунанд) пур мекунанд. Нӯгҳои охиринро бо ҳам дошта, чархро ба кор медароранд ва бо ҳам печхӯрии торҳо сар мешавад ва онро ба рӯи дасти чап бо ривоҷ додани ҳаракатҳои махсус ҷамъ менамоянд. Чархи ресмонресӣ дар Ғорон ду навъ мешавад:

1) **чархи ръсмонресии дъстъкѝ** (чархи хурди бе дӯк онро ба воситаи даст чарх мезананд);

2) **чархи ръсмонресии калон** (чархи ресмонресии калон).

Вожаҳое, ки ба қисмҳои чарх иртибот доранд: дук (дӯк), **чарх, дъста** (даста), **шох** (парраҳо), **танow** (банд), **пояк** (поя), **борсек** (як қисми чарх, ки дар мобайни дук ҷойгир аст).

Амалиёте, ки ресмонресон ба анҷом мерасонанд, бо истилоҳоти зерин ифода меёбанд: пашмсъсткънѝ (мулоим кардани пашм), **пашмхечкънѝ** (мулоимкунии пашм), **ърохчубкънѝ (**бо ду чӯб аз чангу

ғубор тоза кардани пашм), **гола** (пашми барои риштан омодакардашуда). **Гола** дар луғат ба ҳамин маъно шарҳ ёфтааст: «ба маънии дур аст, ки дар муқобили наздик бошад; ва гулӯлаи панбаи барзада ва ҳаллоҷикардаро низ гӯянд, ки ба ҷиҳати риштан муҳайё кунанд [135, 4], **ръсмонтоwдиӀ** (ду ресмони ресидаро бо ҳам васл намуда дар чарх тоб медиҳанд то ресмон мустаҳкам шавад), **калоwа** (калоба), **каловакънӀ** (пас аз тайёр шудани ресмон ин ресмонҳоро барои рангубордиҳӣ калоба мекунанд ва ин калобаҳоро бо рангҳои ҳархела рангубор медиҳанд).

Номи маҳсулоте, ки ҳунармандон аз ресмон тайёр мекунанд: **ҷураб** (ҷӯробҳои яксиха, чорсиха; ҷӯробҳои дароз кӯтоҳ, ҷӯробҳои калон ва хурд), **дъстбела** (дастпӯшак), **woскат** (нимостин), **калтача** (нимостин), **лата** (рӯймол), **мубофтък** (мӯйбандак), **кокълък** (кокул), **дъстбандък** (дастбанд барои гаҳвора).

2.1.4. Лексикаи соҳаи хонасозӣ. Истилоҳоти марбут ба хона ва хонасозӣ як қабати лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон, махсусан шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқиро дар бар мегирад. Қисми масолеҳи сохтмони аз хоку лой қисми дигар аз чӯб иборат мебошанд. Роҷеъ ба лексикаи хонасозӣ дар асари «Таджики Каратегина и Дарваза (1966) ва «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) маълумот дода шудаас. Инчунин, доир ба лексикаи хонасозии шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ С. Раҳматуллозода таҳқиқоти лингвистӣ бурда, анвои марбут ба хонаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар сохтани хона калимаҳои умумихалқии **рузан/равзан, девол, дар, сътън/сътъм,** серистеъмол мебошанд. Дар қолаби иборасозӣ, барои ифодаи умумии масолеҳи сохтмонӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ибораи **чубучахт, чубу чахти хонасозӣ**, дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли **чуву чахс, чуву чахси хонасозӣ, чувчахт** истифода бурда мешавад [48, 12]. Коркарди чӯб яке аз фаъолияти доимии мардум ҳисоб меёбад. Аз байни дарахтони маҳалӣ барои хонаю асбобсозӣ онҳое, ки қобили қабуланд, интихоб мешаванд. Дар водии Ғорон навъҳои гуногуни бед аз қабили: **сиябед** (сиёҳбед), **арар**

(аръар), **съфедор** (сафеддор), **мачнунбед, зардбед** ва ғайра меруяд. Чуби сиёҳбедро аслан дар атрофи деҳот, боғҳо, қади роҳҳо, чуйборҳо мешинонанд.

Номи асбобу анчоми хона, ки аз чуб тайёр мекунанд: **дар** (дари хона, дари оғилхона, дари ҳавлӣ), **тоқ** (тирезаи хона, тирезаи меҳмонхона), **рузан** (равзан), **дастак** (дастаки хона), **тир** (тирчуби хона), **юғу съпор (д)** (юғу сипор), **коса, чъмча** (қошуқ), **шамдонък** (шамъдон), **kawлез** (қошуқи чубии калон), **дъстаи белу кедман** (дастаи белу каланд) ва **tawapy теша** (табару теша), **шохину даф, таблак, ғалбел** ва ғ. Инчунин, аз шохчаҳои дарахтон **качowa, качъфч** (качоваи калон) мебофанд. Дарахтҳои сафедору аръар асосан барои сохтмон истифода мешаванд.

Дар Бадахшон хонаҳои истиқоматӣ, ки бо номи хонаи бадахшонӣ маъмуланд, асосан, аз сангу чуб сохта мешаванд. Сангҳое, ки барои деворсозанӣ истифода мебаранд, **деволсанг** (деворсанг) меноманд. Хонаҳо ду навъ мешаванд: **яксанга** ва **дусанга**. Яксангаро якдевола ва дусангаро дудевола мегуянд. Агар дусанга девор кунанд, ба он гуна деворҳо лой низ гузошта мешавад. Яъне, якқабат санг гузошта, болои онро бо лой пур мекунанд ва байни сангҳоро бо сангҳои майда пур мекунанд, ки ин гуна сангҳоро **чар** ё **майдасанг** меноманд. Номҳои маҳсулоти чубӣ, ки дар хонасозӣ истифода мешаванд: **тир** (ду тирчуби хона), **дастак** (72 дона), **съътън** (5 сутун), **шасътън** (шаҳсутун), **санчу** (санҷчуб, чубе, ки ба дукон якҷо маҳкам шудааст), **чорхона**, **walч** (васлкунандаҳои байни тир). Хонаҳои бадахшонӣ аз панҷ сутун ва ду тирчубу дастакҳо иборат мебошанд. Панҷ сутун то ислом рамзи фариштаҳои маздоясноӣ ва баъд аз ислом номҳои Пайғамбар Муҳаммад (с) ва аҳли байти ӯ Алӣ (р), Фотима (р), Ҳасан (р) ва Ҳусейн (р)) -ро гирифтаанд. **Шасътън** (шаҳсутун)- ин сутун дар васати хона қарор дорад ва дар дини ориёӣ рамзи нахустин офаридаи Худо – Суруш аст. Вай фариштаест, ки каломи яздонро ба хокиён мерасонад ва мазҳари таслиму фармонбардорӣ аз амри худовандист ва баъзе Сурушро ба Ҷабраил яке медонанд. Дар дини Ислом он рамзи пайғамбар Муҳаммад (с) мебошад. Муҳаммад пояи асосии дини Ислом ва шаҳсутуни ҳар як хонаи помирӣ аст.

Як вижаи хоси шаҳсутун дар он аст, ки болои он ва панҷ сутун куфтани мех мамнӯъ аст. Чун суруш ва Ҳазрати Муҳаммад (с) барои амри яздонӣ камар баста будааанд, ин сутунро «камарбаста» низ меноманд ва дар аксари хонаҳо қисми поёнии шаҳсутунро бо банди сурх ё рӯймоли сурх мебанданд. Ба ақидаи калонсолон, гӯё агар шаҳсутунро набанданд, зери он хоб кардан вазнин аст [163, 495].

Калимаҳое, ки ба қисматҳои хона марбутанд: Хона, истиқоматгоҳ, манзил**,** маконест, ки одамон дар он ҳаёт ба сар мебаранд. Хона барои муҳофизати инсон аз таъсири манфии шароити табиӣ мадад мерасонад. Дар асри санг одамони ҷамъияти ибтидоӣ ғор, камар, заминкан, чайларо ҳамчун иқоматгоҳ истифода мебурданд. Баробари ба ҳаёти муқимӣ гузаштани одамон намудҳои хона низ тағйир ёфт [156, 567]. Қисматҳои сатҳи даруни хонаи истиқоматӣ низ аз рӯйи тарз ва шароити зиндагонӣ номҳои гуногун доранд. Ба ғайр аз баъзе калимаҳои умумиҷиқӣ монанди пешгоҳ, дар баъзе лаҳҷаҳо **пешга, пойгоҳ, пога** ё **пойга** низ истеъмол меёбанд. Саҳни даруни хонаро дар Қаротегин ва Ванҷ «декӯн» меноманд. Дар Ғорон саҳни даруни хонаро **дукон** меноманд. Дукон ба қисмҳои зерин ҷудо мешавад: **дукони чабнах** (як қисми хона, ҷойи нишасти домоду арӯс; хилватгоҳи навхонадорон), **дукони сартакя** (ҷойи қабули меҳмонон), **дукони паси дар** (ин саҳн дар назди дари хона ҷойгир аст), **дукони сари дигдон** (ҷойе, ки дар он ҷо дегдон (дигдон) мавҷуд аст, инчунин дегу табақ, асбобу анҷомҳои хамиркунӣ, нонпазӣ ва хӯроктайёркунӣ низ дар он ҷо гузошта мешаванд), **долон** (пешайвон), **қушхона** (меҳмонхона), **учра** (ошпазхона), **бозпарон** (суфачаи хурде дар канори оташдон, ки дар қадим ҷойи нигоҳдории «боз» (паранда) буд, **чалъкӀ** (сандалӣ, ҷойи оташдон). Дар баъзе маҳалҳо, ҳатто оташдон ва ҷойҳои алоҳидаи он ва саҳни оташхона низ номҳои махсус доранд. Чунончи, дар Ванҷ ҷоеро, ки оташ месӯзад, **алоуга;** дар қишлоқи Мунҷи Бадахшон бошад «ҷойи муқаддаси оташдон»-ро **зинга** ва дар қишлоқҳои Мулвоҷ, Нуд ва Яхшиволи Ишкошим ҳамон «ҷойи муқаддас»-ро **пузикӀ** меноманд [54, 19]. Дар водии Ғорон низ ин ҷойи муқаддасро **пузикӀ**

меноманд. Дар Шуғнон ва Рӯшон бошад ин ҷойи муқаддасро **кицор** (оташдон) меноманд. **Оташдон** (Кицор – Арбон) (эрони қадим – Артадон – Арта – оташ) унсури марказии хона аст [163, 492]. **Пузикӣ** (оташдон) аз замони мозӣ то ин давр чун хонаи оташи муқаддас парастида мешавад ва имрӯз ҳам он ба мушоҳида мерасад. Чунончӣ ҳар як бадахшонӣ (помирӣ) ҳангоми ба сафар баромадан ҳатман оташдонро зиёрат мекунанд. Дар аснои иҷрои ин ё он маросими динию мардумӣ (этнографӣ), аз қабили дуохонӣ намоз идҳои гуногун тӯйи арусӣ ва ғайра болои оташдон бӯйи хуш дуд дода мешавад, то ки фариштагони нигаҳбони хонадон дуои хайр кунанд ва нияту орзуи соҳибхонаро бароварда гардонанд.

Бъзоwез (бузовез), тахтаи ҳамвори кандакорӣ, ки одатан дар роҳрави хонаҳои мардуми Бадахшон байни ду сутуни ҷуфти даромадгоҳи хона насб мешавад. Бузовезро барои маҳкам намудани сутунҳо ва баъдан барои овехта пӯст кардани бузу гӯсфанд истифода мебурданд, номаш низ аз ҳамин ҷост. Бузовезро аксаран аз чӯби тут ё зардолу, ки нисбатан мустаҳкамтар аст, месозанд. Дар ороиши бузовез бештар услубҳои кандакории ашколӣ ва нақшҳои гуногун меофаранд. Бузовезро ҳоло ҳам устоҳои маҳаллӣ дар хонаҳои истиқоматӣ истифода мебаранд ва нақшҳои рӯйи онро бо кандакорӣ ороиш медиҳанд.

2.1.5. Лексикаи соҳаи осиёбсозӣ: Дар деҳоти кӯҳистон осиёб яке аз воситаҳои муҳимми рӯзмарраи мардум ба ҳисоб меравад. Осиёб, дастгоҳест, ки дар он ғалладонаро орд мекунанд. «Орд кардани ғалла аз давраи палеолит ин ҷониб маъмул аст. Дар аҳди қадим одамон ғалларо бо дастос орд мекарданд» [166, 376]. Баъдан шаклҳои гуногуни осиёб (бодӣ, обӣ) ба вуҷуд омаданд. Пештар дар ҳудуди Бадахшон осиёби обӣ бештар маъмул буд. Ҳаҷми осиёб ба миқдори об, баландии обпарто вобаста аст), Осиёб чун обҷувоз дар хонаи алоҳида аз об якчанд метр поёнтар сохта мешавад. Об аз ҷӯйбор бо **howa** (нова) ба **чархи осиёб** ҷорӣ мешавад. Howa тақрибан 5-6 м дарозӣ дошта, даҳанаш назар ба нӯгаш васеътар сохта шудааст, то ки оби зиёде якбора ба нова рехта, босуръат ба поён ҷорӣ шавад. Чархи осиёб аз

чанд парра иборат буда, ҳангоми ба болои онҳо рехтани об чарх ба ҳаракат медарояд. Чарх аз қисматҳо иборат буда, ба воситаи об ба кор медарояд ва ба воситаи **търб** (асбоби барои пасту баланд кардани суръати осиёб) суръати нарм кардани ғалларо баробар мекунанд. Ҳангоми ба рафти акрабаки соат тоб додани гӯшаки **търб болосанг** (осиёбсанг) ба **таҳсанг** (осиёбсанг) ҷафстар шуда ғалларо маҳин орд мекунад. Санги осиёро, одатан, устоҳои сангтарош месозанд. Санг дар мобайн сӯрохие дорад ва ғалла тавассути **косек** (коса) аз дӯл ба ин сӯрохӣ мерезад. Барои он, ки ғалла ба як маром аз **косек** (коса) ба сӯрохии санг резад, аз шохаи дарахт **лаґък** (чубе, ки косаро меларзонад) сохта, як нӯги онро ба **косек** (коса) мепайванданд, нӯги дигари **лаґък** бошад, бевосита ба санги осиёб расида меистад. Ҳангоми давр задани санг **лаґък косек** (коса)-ро ба ларза медарорад ва аз коса ғалла ба сӯрохии санг рехта, санг онро нарм мекунад, ба орд табдил меёбад пас аз он дар **tawанг** (новае, ки дар он орд ҷамъ мешавад) ҷамъ меояд. Сипас ордро ба воситаи **фи** (белчаи чӯбии ордҷамъкунӣ) ва **пуст** (барои ҷамъ намудани орд, онро аз пусти гӯсфанд тайёр мекунанд) ба халта мемонанд. Дар анҷом осиёбро осиёббон **парчоw** (аз тарафи осиёб гардондани об ба дигар тараф) мекунад.

Калимаҳое, ки ба қисматҳои осиёб марбутанд: **Дул** (дӯл) яке аз ҷузъҳои асосии осиёбҳои ордкашӣ мебошад. Дар дӯл ғалларо пур намуда аз сӯрохии поёнии он ғалла оҳиста – оҳиста ба сӯрохии санги осиё рехта, орд мешавад. Дар поини дӯл **косек** (коса) мавҷуд аст, **чарх** (аз чӯб сохта шуда, парраҳо дорад, ки дар вақти чарх заданаш осиёбро ба кор меандозад). Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи **чарх** чунин тафсир шудааст: 1. ҳар чизи гирд, мудаввар ва гардон, 2. мач, осмон, фалак, сипеҳр [134, 455]; **орамък** (фишанге, ки санги осиёбро боло мебардорад), **гълу пър кардан** (вайрон шудани осиёб **ҷъwоздон** (ҷувоздон) – санге, ки дар он **съманък** (суманак) ва **бърёнѝ** (гандуми тафсонидашуда) -ро нарм мекунанд. Баъзан вақтҳо мешавад, ки барои орд намудани суманак ва бирёнӣ аз ҷувоздон истифода мебаранд, **анҷан** (олоти арғамчиншакле, ки аз химчаҳои тобдода сохта шуда,

дар охираш ҳалқа дорад, ки онро бо дастаи бел дароварда, ҳангоми тоза кардани ҷӯйбор ё корҳои дигар истифода мебаранд), **метин** – олоти оҳании сангшиканӣ, ба ибораи дигар тешаи калон), **сандон** (таҳсанги мустаҳкам, ки дар он оҳанро баъд аз тафсондан мекӯбанд).

Сандон дар «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ» -и Х. Рауфов ба ду маънӣ омадааст. Аввал маъруф аст, дувум, тангаи оҳанӣ бо мех ба тахтаи дар бидӯзанд, то агар касе хоҳад, ки соҳибхонаро аз омадани худ хабардор созад, ҳалқа бар он тангаи оҳан, ки онро сандон гӯянд, бизанад ва шарҳи иҷмоли (он) дар зайли луғати ҳалқа бар сандон задан дар «дар» -и дувум, ки муштамил аст аз луғоти мураккаби порсӣ ва арабӣ, марқум гашта [130, 111].

2.1.6. Лексикаи соҳаи пазандагӣ (хӯрокворӣ). Пазандагӣ як соҳаи бисёр муҳими фаъолияти мардумро ташкил дода, бахшҳои гуногунро дар бар мегирад. Оид ба ин мавзуъ забоншиносон Р. Л. Неменова «Таджики Варзоба» тадқиқоти этнолингвистӣ бурда, инчунин як қатор асарҳову мақолаҳои С. Раҳматуллозода «Воҳидҳои луғавии марбут ба анвои таом дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ» оид ба ин масъала чоп ва ҳимоя шудаанд. Вобаста ба ҳар як соҳаи он калимаву истилоҳоти махсус ба кор мераванд. Азбаски калимаву истилоҳоти соҳаи пазандагӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон хеле зиёданд, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем:

Калимаву истилоҳоти марбут ба нонпазӣ. Мардуми тоҷикро аз қадимулаём бо таомҳои болаззату нонҳои хушмазаашон мешиносанд ва қадр мекунанд. Нон яке аз хӯрданиҳои маъмул ва асосии тоҷикон ба шумор меравад. Дастархони мардуми тоҷикро нонҳои бомазаву ялаққосие, ки занҳои тоҷик бо як меҳру муҳаббати хосса тайёр мекунанд, зебу зинати беҳамто мебахшанд. Беҳуда нест, ки тоҷикон оини деринаи хеш – пешвозгирии меҳмонро бо нону намак то ҳол гум накардаанд [1, 87]. Дар бораи пайдоиши вожаи нон профессор Ҳ. Маҷидов дар китоби «Забони адабии муосири тоҷик» чунин овардааст: «Калимаи нон бошад, аз таркиби эронии қадим ni – kan сарчашма гирифта, ба маънои «ба қӯри алов гӯр кардан» дар истеъмол будааст. Яъне, дар ибтидо хамири нонро, чунон ки

имрӯз одати даҳмардаҳост, дар қӯри оташ гӯр карда мепӯхтаанд» [21, 37-38]. Дар гӯйиши мардуми Ғорон ҳоло чунин навъи нонро, **хамучӣ** (дар таги хокистар) мегӯянд. Вожаи **къмоч** аслан тоҷикӣ буда, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар шакли **қъмоч** дар истифода аст.

Кумоч, кӯмоч, қамоч, як навъ нони тоҷикӣ, ки аз орди гандум ва хамиртуруш мувофиқи табъ дунбаи реза **чаврӣ (**равғани гӯспанд) ҳамроҳ карда, мешӯранд. Баъдан хамирро дам дода, сипас онро дар дигдон (дегдон), танур ё кӯра мепазанд. Дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон, аз ҷумла водии Зарафшон кумочро аз орди гандум ва ширу равғани зард, баъзан бо мағзи чормағз тайёр мекунанд. Дар водии Ғорон кумочро зери хокистари оташдони болопӯшида 2-3 соат гӯр мекунанд. Дар водии Зарафшон низ ба ҳамин тавр кумочро тайёр мекунанд. Кумочро ҳоло ҳам дар деҳаҳо занҳо мепазанд.

Вобаста ба тарзҳои пухтани нон нонҳо **дегдонӣ, танӯрӣ, дегӣ** мешаванд. Асосан, дар Ғорон нонро аз ду навъи орд тайёр мекунанд, ки чунин ном доранд: **орди осиёбӣ ё тоҷикӣ** (орде, ки дар осиёб аз гандуму ҷав истеҳсол мешавад) ин ордро дар гӯйиши тоҷикони Ғорон орди **ҷойдорӣ** низ мегӯянд, **орди магазинӣ, русӣ** (орде, ки дар корхонаи ордбарорӣ истеҳсол мешавад). Ғайр аз ин дар гӯйиши тоҷикони Ғорон вожаҳое ба кор бурда мешаванд, ки онҳоро хоси гӯйиши мазкур ҳисобидан мумкин аст. Аз қабили: **орди алалашӣ** (орди тоҷикие, ки бо орди магазинӣ омехта карда мешавад), **орди сърх** (орди навъи сеюм), **орди мъҷъкин** (орде, ки аз нахӯд тайёр карда мешавад).

Дар мавриди омода кардани хамир чунин ҷумла ва калимаву ибораҳоро метавонем аз лафзи занҳои водии Ғорон шунавем: **хамер аз табақ сар задаст** (хамири дамида), **хамери фатир** (хамири нарасида), **хамери сангбарин** (хамири сахт херидашуда), **хамери нохерида** (хамири нохерида).

Калима ва истилоҳоти марбут ба анвои нонро ба таври зерин гурӯҳбандӣ менамоем:

Номи ашёе, ки дар мавриди пухтани нон истифода мешаванд: табақ (табақи хамир), **нонбандък** (рафида), **тахта** (тахта барои рост кардани

нон), **дасторхон** (хамирпечак), **парчък** (мухпар). Дар водии Ғорон, ки мардум бештар ба парвариши чорво машғулан, бештари ашёҳо ва либосворихоро аз пашми гӯсфанд омода мекунанд. **Нонбандък** (рафида)-ро низ аз пашми гӯсфанд омода месозанд. **Нонбандък** (рафида)-ро мисли намад гул монда занҳо мемоланд.

Ифодагари мафҳуми танӯр дар гӯйиши тоҷикони Ғорон **дигдон** мебошад, ки он муродифҳои дегдон, **дигдонпочик** (онро одатан дар беруни ҳавлӣ ё дар айлоқҷойҳо аз санг омода мекунанд) низ дорад. Аз инҳо доираи истеъмоли вожаи **дигдон** васеътар аст. Солҳои пешин дегдонро мардуми бадахшон одатан дар хона месохтанд ва фаслҳои зимистон дар он нон мепӯхтанд.

Номи суннатҳое, ки бо нон вобастагӣ доранд. Ин навъи суннатҳо дар байни мардуми Ғорон бисёранд ва бо калимаву таркибҳои гуногун ифода меёбанд: **нон мондан** (дар таги болишти кӯдак нон гузоштан). Ин маънои онро дорад, ки кӯдакро нон муҳофизат мекунад), **нон хъдои кардан** (дар вақти нохушӣ ё хоби бад дидан, садақа кардан).

Номи кулча: Кулча, навъи нон ки аз орди гандум бо ширу равған мепазанд. Орд, равғани зард, (дар Ғорон ин равғанро равғани тоҷикӣ ё равғани айлоқӣ равғани зард меноманд), шир, тухм, шакар ва хамиртурушро бо ҳам омехта, дар ҳарорати муътадили обу шир хамир мешӯранд. Баъд хамирро дар ҷойи гарм нигоҳ медоранд. Баъди расидани хамир мувофиқи заволаи гирифта рост мекунанд ва **парчък** (нонпар) зада ба рӯяш зардии тухм молида, дар танӯр ё дегдон мепазанд. Кулчаро тоҷикон маъмулан, дар маросимҳои хурсандӣ (тӯйу сур, гаҳворабандон, зодрӯз, иди Наврӯз, рафтан ба тӯйу меҳмонӣ) омода мекунанд. **кълчаи дигдонӣ** (кулчаи дегдонӣ), **кълчаи серруған** (кулчаи серравған), **кълчаи танурӣ** (кулчаи танӯрӣ), **кълчаи алоwӣ** (кулчаи дар алов пухташуда). **Кълчаи орус** (кулчаи арӯс). Ин навъи кулча танҳо барои арӯс пӯхта мешавад. Ин анъана дар ҳамаи навоии Бадахшон то имрӯз давом дорад. Рӯзи тӯй арӯс бо ҳамроии худ ба хонаи домод кулча ва **бурсоқ** (орзӯк) ҳамчун анъана аз ниёгон туҳфа мебарад.

Кълчапазон (кулчапазон) – маросими анъанавии ҷашни арӯсии мардуми водии Ғорон, умуман тоҷикон мебошад. Корро тибқи анъана занони рӯзгордида ва ботаҷрибаи деҳот бо нияти нек оғоз мекунанд. Сипас ҷавонзанҳову духтарон хамиршӯриро идома медиҳанд. Дар рӯзи ордбезон занҳои ҳамсоя ордро бехта, онро хамир карда, кулчаву **бурсоқ,** ки дар дигар лаҳҷаҳо онро **орзуқ** мегӯянд, тайёр мекунанд. Дар ноҳияи Ҳисор кадбонуҳо дар ин рӯз шаш адад нони калон мепӯхтанд, ки онро «кулчаи арӯс» ё «кулчаи нақшин» меноманд. Дар деҳаҳои Варзоб нонҳои чаппотӣ ва кулчаи қарсакии равғанӣ мепазанд.

Масолеҳе, ки дар хамир андохта мешавад: **хамермо** (хамирмо, хамиртуруш), **руған** (равған), **шир, ҷағзък** (равғани аз чарбӯи гӯсфанд тайёршуда).

Вожаи хамиртурушро дар забони адабии тоҷик ва дар аксарияти лаҳҷаҳо бо вожаи **хамермо – хамирмо – хамирмоя** иваз мекунанд, ки дар луғат чунин маънидод шудааст: 1. хамири туруше, ки онро бо орду обу намак омехта, хамир тайёр мекунанд; 2) маҷозан асос, асл, моҳият [132, 460]. Ҳоло бештар ба ҷои ин вожаҳо дар Ғорон калимаи аз русӣ иқтибосшудаи **дрож (дрожи)**-ро истифода мебаранд.

Номи таомҳо. Ифодагари мафҳуми таъом дар гӯйиши тоҷикони Ғорон вожаҳои авқот ва хӯрок мебошанд. Хӯроки саҳар, нисфирӯзӣ ва шом ба калимаҳои **наорѝ** (наҳорӣ) **чоштѝ** (қариби нисфирӯзӣ), **нимрузѝ** (нисфирӯзӣ), **пешинѝ** (баъди нисфирӯзӣ) ифода меёбад. Таъомпазӣ асосан, касби занон аст ва хонаводае низ пайдо мешавад, ки дар он мард ба ин ҳунар машғул аст.

Дар Ғорон зани ба ин касб машғул бударо **кадбону, пазанда** меноманд. Дар шеваи ҷанубӣ ба ин маънӣ муодили ин кайбону истеъмол мешавад, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин калима ба ду маънӣ ифода ёфтааст: 1. соҳибхоназан, бонуи хона; 2. зане, ки маъмури пухтупаз аст, сардори занони ошпаз [132, 525].

Маъмултарин хӯрокҳои болаззати мардуми Ғорон ош (оши палав) ва манту мебошанд. Вожаи **палоw** дар Ғорон бештар маъмул аст. Дар Ғорон вожаи ош исми сермаъно мебошад: **оши бърида, оши палоw, калпалоw (оши бегӯшт).** Оши буридаро дар Ғорон **оши тоҷикӣ** ном мебаранд, чунки он бо орди ҷойдории боқило пухта мешавад. Хамири он махсус тайёр карда шуда баъди тунунк кардан онро бо **шълки** (корди калон) бурида дар оби ҷӯшидаистода мепазанд. Қурутро дар оби пешакӣ тар карда мемонанд ва оби қурутдорро дар даруни ош мерезанд. Кабудиро низ реза карда дар даруни он меандозанд. Дар гузашта он хӯроки рӯзмарраи мардуми Бадахшон будааст. Ин хӯрок хусусияти табобатӣ низ дорад. Алъон ошро танҳо дар мавсими гармо тайёр мекунанд чунки ош баданро салқин нигоҳ медорад. Вожаи **ош**-ро дар таркиби номи расму русуме, ки аз гузаштагон боқӣ мондаанд, дарёфт карда метавонем: **оши сари хок** (шахсони аъзодор дар рӯзҳои ид ба сари гӯристон мебаранд), **палоwи саршъwон** (оши дар саршувони арӯсу домод пухташуда), **палоwи чъроғ** (оше, ки дар аъзодорӣ ва маросими чароғдаргиронӣ пухта мешавад), **оши хайр** (хайр кардан). «Оши хайр – оше, ки умаро ва салотин барои фуқаро муқаррар кунанд». Ва маҳалли хайр карданро лангар гӯянд [151, 16].

Калимаву истилоҳоти ба анвои таом алоқамандро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: **палоwи awғонӣ** (оши афғонӣ), **палоwи бадъмба** (оши бо равғани думба пухташуда), **палоwи ба зъғер** (оши бо равғани заҒир пухташуда), **калпалоw** (оши бегӯшт).

Номи навъҳои атола: зъғератола (заҒиратола), **ҷawзатола** (ҷавзатола), **къ́рутатола** (қурутатола), **дъмбаатола** (думбаатола), **талхъкатола** (атолаи бо донаи зардолуи талх пухташуда), **чормаҒзатола** (атолаи бо чормаҒз пухташуда), **ширатола** (атолаи бо шир пухташуда). Инҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ду ҷузъ сохта шудаанд, ҷузъи дуюми ин калимаҳо **атола** мебошад. Инчунин, ба ҳамин монанд як намуди дигари атола **реwъч** (ревич) мебошад. **Реwъч** (ревич) як навъи таоми миллии тоҷикӣ, ки аз равғани зард ё аз дигар намуди равған, орд ва намак тайёр карда мешавад.

Равғанро дар дег каме доғ (ширин) карда, ба он орд илова менамоянд ва онро сурх мекунанд. Баъд ба он каме об ҳамроҳ карда мепазанд. Дар давраҳои пеш ба ҷойи шир баъзан дар чой **ресъч** ҳамроҳ мекарданд. Инчунин, мардум ҳангоми дард кардани дандон аз ресъч истифода мебурданд. Ресъчро дар дандон мемонданд ва дарди дандонро кам мекард. Ин анъанаро дар деҳот то ҳол ҳам истифода мебаранд.

Номи хӯрокҳои хамирӣ: қърутоw (қурутоб), **шакарow** (шакароб), **қрутӀ** (нон бо қурут), **нонруған** (нонравған, хӯроки миллӣ, ки аз шир равған ва нон тайёр карда мешавад), **нонмаска** (нон бо маска ва шир), **нонмолик** (нон бо равғани зард)**.**

Номи хӯрокҳои ширӣ: ширбъринҷ (ширбиринҷ), **ширатола** (ширатола), **ширруған** (ширравған), **ширкочӀ** (атолаи бо шир), **ширбат** (бат), **дуғ, чакка, ҷърғот** (ҷурғот), **чалow** (чалоб), **ширфатир, саршир (қаймоқ), панир.**

Ширкаду як навъи таоме, ки аз давраҳои қадим дар байни халқҳои Шарқ, аз ҷумла, водии Ғорон низ маъмул аст. Тарзи тайёр кардани ширкаду дар аксар ноҳияҳои Тоҷикистон қариб якхел аст. Кадуи расидаро аз пӯст ҷудо карда мешӯянд ва онро одатан чоркунҷа-чоркунҷа бурида, дар об меҷӯшонанд. Баъд ба вай шир ҳамроҳ карда, ба мисли ширбиринҷ дуюмбора меҷӯшонанд. Ширкаду ғизои лазиз буда, дар Ғорон аз вай якчанд намуди хӯрок тайёр мекунанд, ба мисли самбӯсаи кадугӣ, мантуи кадугӣ ва амсоли инҳо.

Ширруған (ширравған) як навъи хӯроки маҳаллӣ. Ширро дар дег ҷӯшонда, баъд мувофиқи табъ ба он равғани маска ё **руғани айлоқӀ** (равғане, ки дар айлоқҷойҳо аз шири ҳайвонот тайёр карда мешавад), ба таври дигар онро **равғани зард** меноманд, андохта, нон реза карда мехӯранд. Инчунин, одамон барои гулӯдард аз ширравған истифода мебаранд. Ширруғанро дар Ғорон дар рӯзи тӯйи арӯсӣ хешу таборони домоду арӯс тайёр мекунанд ва дар сари роҳи онҳо ширрӯғанро бо ширинӣ бароварда аввал ба домоду арӯс ва баъд ҳозирин аз он менӯшанд. Ин маънои онро

дорад, ки шир рамзи сафедӣ, покизагӣ, роҳи сафед, иқболи некро дорад ва домоду арӯс ҳам зиндагияшон то абад мисли шир сафед бошад ва иқболи накӯ дошта бошад.

Ширчой як навъи таоми миллӣ, ки аз қадимулаём дар байни халқҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон, маъмул аст. Онро дар Ғорон ба ин тарз тайёр мекунанд: обро дар дег ё чойник ҷӯшонида, ба он як миқдор чойи хушк яъне чойи сиёҳ (ба ҷойи чой ягон алафҳои табии дигар, ба монанди: чойкаҳак, хуч, чормағз низ мегузоранд), мувофиқи табъ намак ҳамроҳ карда, бо ҳамроҳии шир меҷӯшонанд. Ҳангоми хӯрдан бо он маска, равғани зард ва қаймоқ омехта намуда мехӯранд.

Вақте ки сухан дар бораи хӯрокҳои ширӣ меравад, лозим медонем, ки аз калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи асбобҳои ба ширу ҷурғот алоқамандро ёдовар шавем. Дар ҳаёту мамоти мардуми тоҷик анъанаи аз шир ҷудо кардани равған амали қадимист. Ин боиси он гардидааст, ки вобаста ба амали мазкур чандин калимаву истилоҳоти нав пайдо шаванд. Ин калимаву истилоҳот бо ибораи **болодъстеки говдушӀ** ё **чалаки говдушӀ** (сатили говҷӯшӣ) оғоз меёбанд. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон истилоҳи **ширчахсзанък** ё **дасторък** (дока) барои полондани шир истеъмол меёбад, **табақи ширҷушонӀ**, **табақи чъқурък** (табақи чуқур), **мелок** (ин бештар дар айлоқҷойҳо мавҷуд аст, ки пиразанҳо онро аз ресмон сохта дар он зарфи пур аз ширро меовезанд). Дар бораи пайдоиши вожаи **мелок** профессор Ҳ. Маҷидов чунин овардааст: «Рехташавии калимаҳои сохта ва гум шудани қисмати пасвандҳои калимасоз низ аз ҳодисаи чандон нодир нест. Масалан, дар калимаи мелок (овезаи зарфи шир) дар муқоиса бо калимаҳои сохтаи бо он мушобеҳи пӯшок, хӯрок реша ва пасванди - **ок**-ро ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар гузаштаи дур решаи мел ба маънои **шир** истифода мешудааст» [21, 92].

Хъмбък (хуме, ки дар он дуғ мекашанд), **тасма** (тасмаҳое, ки бо парак васл шуда, онҳоро аз ду тараф мекашанд), **чахтък** (ҳалқаҳои махсуси чӯбини

бо чарх васлшуда), **парък** (чӯби сепояи махсус аст, ки чарх зада равғанро аз ҷурғот ҷудо менамояд).

Номи хӯрокҳое, ки аз аз ғалладона тайёр мешаванд: далйа яке аз қадимтарин таомҳои миллии тоҷикони Бадахшон мебошад, ки то кунун байни мардум роиҷ буда, чун таъоми парҳезӣ байни мардум маъмул аст. Аксарияти хӯрокҳои аҷдодии мардуми Ғорон, бахусус, хӯрокҳои наврӯзии мардуми ин минтақа, аз ширу равған тайёр мешуданд. Дар иди Наврӯз аз сар буридани гӯсфанд худдорӣ мекарданд ва тибқи анъанаи ниёгонамон дар иди Наврӯз ва дар рӯзи эҳёшавии табиат куштани ҳайвон убол (вабол) будааст. Дар арафаи иди Наврӯз мардуми Бадахшон кӯшиш менамуданд, ки бештар таъомҳои бегӯштро тайёр намоянд. Танҳо **боҷ** ва **далйа** аз зумраи он хӯрокҳое мебошанд, ки бо гӯшт омода карда мешуданд. Тарзи тайёр кардани ин намуди хӯрок чунин мебошад: орди гандумро аз элак гузаронда, сипас равғанро ба дег андохта, онро гарм мекунанд. Гӯштро бо равған андохта, то сурх шуданаш мезирбонанд. Баъдан онро бо каме об ва бо ҳамроҳии гандум меҷӯшонанд. Сипас, ба он ордро ҳамроҳ карда боз аз сари нав меҷӯшонанд. Дар сурати ғафс шуданаш ба дег оби ҷӯшидаро илова мекунанд, чунки ҳангоми илова кардани оби хунук гандум ва гӯшт ба дег мечаспанд. Сипас, ба он намак ҳамроҳ карда, то нарм шудани гӯшт ва орд ба он оби гарм рехта, лат зада меҷӯшонанд. Далйаро беист лат мезананд, то ки маҳсулоти он ба якдигар начаспанд, ба ҳамин тартиб ин навъи таъом пухта мешавад.

Номи маводе, ки барои хушлаззат шудани хӯрок истифода мешавад: зира (зира), **мурч** (мурч), **гашниз** (гашниз) **укроб** (шибит), **пиёз** (пиёз), **район** (райҳон), **занҷабил** (занҷабил), **шълха** (як навъи алаф), **зардгълък** (зардгулак), **пудина.**

Соҳаи пазандагӣ яке соҳаҳои муҳим дар гӯйиши мазкур ба шумор меравад, ки бештари маҳсулотӣ соҳаи пазандагӣ, маҳсулоти худӣ мебошад. Анвои ин соҳаро калимаҳои умумихалқӣ ва шевагӣ ташкил медиҳанд.

2.1.7. Лексикаи марбут ба зебу зинат ва ороиши занон. Вожагони марбути заргарӣ, ки марбути ороишоти занона мебошанд, дар таркиби

луғавии забонамон яке аз қишрҳои муҳимро фаро мегиранд ва ҳаёти рӯзмарраи муосирро бе истифодаи ин навъи вожаю ашёҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ифодаи ин вожагон вожаю таркиб ва ифодаҳои дар лаҳҷаву гӯйишҳои забони тоҷикӣ ба мисоли **зеби гардан, нози гардан, марҷон, муҳра, тавқ, хафабанд, тавқигуле, пайконча, ғалберак, зира, ҷавак, садаф, бозубанд, қулфи гиребон, ситораи шава** корбаст мешаванд.

Ин силсила аз вожаи умумихалқии «**марҷон**» оғоз ёфта, то **хафабанд, хафабандак, гулӯбанд, тавқи бехигулӯ, самак, марҷони гардан, зеби гардан** барин воҳидҳои забониро фаро гирифта, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба навъи ороиши занона мавриди истифода қарор мегиранд.

Вожаи **марҷон** марбути забони арабӣ буда, навъе аз ҷонварони баҳрии дарахтшакл аст ва аз нигоҳи навъ марҷон гуногун буда, машҳур- таринаш **марҷони сурх** аст, ки монанди гул бар танаи оҳакмонанд қарор дорад. Вожаи **«марҷон»** чун истилоҳи заргарӣ ва ороишӣ барои ҳамаи тоҷикзабонон фаҳмост, вале дар маҳалҳо бештар шаклу маъноҳои гуногуни он мавриди истифода қарор дорад. Дар ин бобат забоншинос М. Бобомуродова дар асари таҳқиқотии худ «Пажӯҳиши (таҳқиқи) этнолингвистии вожагони ороишии занон» чунин ибрози андеша кардааст: «Назар ба маълумоти китоби «Таджики Каратегина и Дарваза» дар Қаротегину Дарвоз дар ифодаи **марҷон** воҳидҳои луғавии **хафабанд, хафабандак, гулӯбанд** мустаъмал бошанд, дар Самарқанд унсурҳои луғавии **ғафабанд**, дар Панҷакант **тавқи бехигулӣ**, дар Мастчоҳ **кенҷак,** дар Бадахшон **самак, марҷон, марҷони гардан** мавриди истифода қарор доранд» [3, 67]. Аз ин ифодаҳо ибораи **зеби гардан** мафҳуми умумӣ дошта, ба навъи ороиши занона далолат менамояд.

Вале дар маҳалҳои алоҳида ин мафҳум бо калимаву ибораҳои ҷудогона кор бурда мешаванд: **марҷон, марҷони гардан**... Дар аҳди бостон онро аз тангаҳои тиллоӣ ё нуқра ва муҳраҳои қиматбаҳо месохтанд ва бештар онро занҳои доро истифода менамудаанд. Ороиши занон дар баробари дигар ҷанбаҳои зиндагии маишӣ ва хонаводагӣ аз масоили муҳим ба шумор меравад, ки дорои лексикаи хос мебошад ва дар заминаи забони тоҷикӣ ва

дигар забонҳои эронӣ пайдо шудаанд. Масалан, калимаи маъмули **гушwор (гӯшвор)** ҳанӯз дар ашъори Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва ё Абулқосими Фирдавсӣ ва дигар классикон корбаст шудааст.

Ба гардиш ба шоҳаншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворро (Рӯдакӣ).

Дар силсилаи калимаву истилоҳоти ифодакунандаи олотҳои ороишии занон унсурҳои забонҳои матрукро пайдо кардан душвор аст. Ин ба мо ҳуқуқ медиҳад, ки ташаккул ва такомули силсилаи лексикаи ороиши занонро асосан, дар заминаи забони тоҷикӣ ва робитаи он ба забонҳои дигар маънидод кунем. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки дар ифодаи воситаҳои асосии ороиши занон калимаҳои умумитоҷикӣ, аз қабили **ангуштарин, дастпона, гӯшвора, ҳалқа, сӯзан, баргак** ва монанди инҳо истифода мешаванд.

Лаъл, як навъ санги қиматбаҳои сурхранги дурахшон буда, аълотарин навъи онро **лаъли Бадахшон** гӯянд. Махзани он Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон аст. Лаъли Бадахшон дар замонҳои қадим ҳам маълум будааст. Лаъли Бадахшонро дар бозорҳои Бухоро, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои Шарқ савдо мекарданд. Заргарон тоҷ, ангуштарин ва дастпонаҳои шоҳонро бо лаъл меоростанд.

Калимаи **лаъл** дар забонҳои ҳозираи эронӣ (тоҷикӣ лаъл, яғнобӣ лал, шуғнонӣ, язгуломӣ, вахонӣ, ишкошимӣ **лал**) мустаъмал буда маънои муайянеро дорост. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии бадахшонӣ аз ҷумла гӯйиши тоҷикони Ғорон, Ишкошим ва Вахон дар шакли **лал** (лаъл) дар истифода мебошад. Ибораи «Лаъли Бадахшон» хоси забони тоҷикӣ буда айнан дар бисёр забонҳои ҳозираи эронӣ истеъмол мешавад. Ин калима номи санги қиматбаҳоест, ки аз қадим дар кӯҳҳои Помир кофта мешавад.

Муҳаққиқ Р. Х. Додхудоев дар мақолаи худ «Лаълу лаъли Бадахшон» чунин қайд менамояд: «Калимаи Lal, ки аз такрори решаи al-и ҳинду эронӣ пайдо шудааст, дар лаҳҷаҳои қадими эронӣ маънои сурхро ифода мекардааст. Вақте ки санги қиматбаҳои сурхранг аз Бадахшон (деҳаи Кӯҳилаъли водии

Ғорон) пайдо шуд, онро лол (lol) номиданд ва ба бозорҳои Шарқу Ғарб бароварданд. Калимаи лол ки шакли муаррабаш лаъл аст, калимаи хоси ориёнӣ ё эронӣ буда, баъдтар ба забони арабӣ иқтибос шудааст. Санги лал (сурх) ба арабҳо маълум шуд ва калимае, ки онро ифода мекард, дар зери таъсири фонетикаи забони арабӣ ин маъноро гирифт. Маълум аст, ки бо истилоҳи араб қариб тамоми китобҳои эронӣ ва анеронӣ (умуман навиштаҳои ғайри арабӣ) нопок эълон шуданд ва арабҳо кӯшиш карданд, ки онҳо аз байн раванд.

Эронзамини забтшуда забони арабиро чун забони ҳокимият қабул менамоянд. Дар худи ҳамин замон, вақте ки арабҳо наметавонистанд бе эрониёну забонҳояшон дар кишвари онҳо ҳукмронӣ кунанд, барои навиштани матнҳои эронӣ хати арабӣ истеъмол мешавад. Дар ин давра калимаи Lal-и ҳинду эронӣ дар шакли мураккабаш аз нав ба забони дарӣ дохил шуда, маънои пештараашро тақрибан аз даст медиҳад.

Аммо ин калима бо забони арабӣ шояд бо ду роҳ ва аз ду забон омада бошад:

1. Аз забони ҳинду, бо роҳи баҳрии савдои байни Ҳиндустону Арабистон

2. Аз забонҳои эронӣ бо «Роҳи бузурги абрешим», ки аз Шарқ ба Ғарб мерафт» [12, 98-104.].

Ҳангоме ки сангҳои қимматбаҳои конҳои Бадахшон маъруфу машҳур мешавад, дар адабиёти хаттӣ калима дар шакли «лаъл» барои ифодаи он санг мустаъмал мегардад, аммо дар лаҳҷаҳои гуногуни баъзе забонҳои ғарбии эронӣ «лол» ба маънои «сурх» имрӯз ҳам маълум ва маъмул аст. Лаъли Бадахшон ҳам аз ҳамон давраҳои қадим то имрӯз дар адабиёти классикии форсу тоҷик адабиёти муосир ва фолклор ба таври васеъ истифода гардида, адибони бештар дар мавридҳои ба қалам овардани васфи маъшуқа ва май ба ин ибора муроҷиат мекунанд.

Тилло, яке аз маъруфтарин санги қиматбаҳо буда, 6 ҳазор сол пеш то солшумории мо онро ҳамчун ороиш истифода мебурданд. Тилло барои

сикказании танга ва маснуоти заргарӣ дар тиб, саноати чиниворӣ ё худ зарандудкунӣ истифода бурда мешуд.

Чун дар сохтани воситаҳои ороиши занон, филизу сангҳои қиматбаҳо, аз қабили нуқра, тилло, биринҷӣ, мис, ёқут, марворид, садаф ва ғайра корбаст мегарданд, бинобар ин, дар таркиби лексикаи ороишӣ омадани номҳои ин сангҳои қиматбаҳо ҳодисаи муқаррарист. Вале сухан дар бораи навъу намудҳои асбоби ороишӣ мераваду истилоҳ дар шакли ибора зоҳир мешавад, доираи истеъмоли калимаҳои хоси шева зиёд мегардад. Вожаҳое, ки ифодагари номи маснуоти зебу зинати занон мебошанд, аз даврахои хеле қадим сарчашма мегиранд. Одатан, занҳо дар тӯйу маъракаҳо либосҳо ва маснуоти ороишҳои махсусро ба бар мекунанд, ки номи онҳо бо хусусиятҳои лаҳҷавии худ аз забони адабӣ фарқ карда меистад. Оид ба лексикаи марбут ба зебу зинат забоншинос Н. Гадоев чунин мегӯяд: «Дуруст аст, ки ҳоло аксари ин вожаҳо мавқеи истеъмоли худро аз даст додаанд ва ба ҷои онҳо луғати нав дар таркиби луғавии лаҳҷаҳо пайдо шудаанд» [8, 55]. Ин андеша дуруст аст ва дар гӯйиши тоҷикони Ғорон низ ҳамин ҳодиса мушоҳида мешавад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ҷуфти муродифи **зебу зинатро** вожаи **тилловорӣ** иваз мекунад. Дар зери мафҳуми ороиши занон бошад, муродифҳои ҷуфти *кару фар, орою торо, симу зар, ҷалу вал* барин вожаҳо истифода мешаванд. Занҳои ғоронӣ ба нигоҳубини мӯйи сар ва ашёе, ки тавассути онҳо мӯйи сар ороиш дода мешавад, диққати махсус медиҳанд. Занҳои маҳаллӣ, ки хонашинанд, аксар ба сар рӯймол мебанданд, зеро рӯймол мӯйро аз сардиву гармӣ ва чангу ғубор эмин нигоҳ медорад. Дар Ғорон асосан ба ҷойи калимаи рӯймол вожаи **латтаро** истифода мебаранд. Навъҳои вожаи рӯймол дар гӯйиши мазкур инҳояд: **латта** (рӯймол, латта) **латтаи сар** (рӯймол), **румоли фидоӣ** (рӯймоли фидоӣ), **латтаи шерст**, касинка, шол, **шоли орусӣ** (шоли арӯсӣ), **турък** (тур), **сарбандък** (сарбанд), **сарпеч, пешонибанд. пашакишкиш, симдор, бесим, фидоӣ, японӣ, шерст, решадор, береша, шахмат**.

Аз ҳамаи вожаҳои дар боло зикргардида дар гӯйиши мардуми Ғорон калимаи **латта** серистеъмол мебошад. Ба ороишоти рӯй **холканиву холгузорӣ** дохил мешуд. Аз заррахои хурди (маҳини) нуқра ва тилло бо сақич ва шираи асал ба рӯй холгузорӣ мекарданд. **Холканӣ** ва **холмонӣ** дар байни занони Ғорон низ дида мешуд. Холро занон дар пешонӣ ё дар даст мегузоштанд. Бо сӯзан дастро сӯрох мекарданд, то хун шавад ва ба он **аризм** (сиёҳии дег) -ро мепошанд ва ду- се рӯз аз об нигоҳ медоштанд. Баъди ду - се рӯз пӯсти он сахт мешавад ва он ранги сабз мегирад.

Калимаву истилоҳоти марбут ба зебу зинат ва ороиши занон дар гӯйиши тоҷикони Ғорон хеле бисёранд ва дар ифодаи маъниҳои мухталиф ба кор мераванд. Бинобар ин, онҳоро ба зергурӯҳҳо тасниф менамоем:

Истилоҳоти марбут ба тарзҳои бофтани мӯй. Ороиши дигаре, ки дар Ғорон занҳо ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд, ин тартиби мӯйи сар аст. Ба ин кор занҳое, ки таҷрибаи хуб доранд ва бо номи **сарбоф** машҳуранд, шуғл меварзанд. Дар гӯйиши мазкур дар ин бобат чунин истилоҳот истифода меёбанд: **гандъмък** (гандумак), **печъкбофък** (мӯйбандак), **кокълък** (кокулак), **гаждъмък** (каждумак), **майдабофѝ** (майдабофӣ), **чилбофѝ** (чилбофӣ), **панҷбофък** (панҷбофӣ), **дъқатора** (дуқатора), **гърди сар** (гирди сар), **гърди тоқѝ** (гирди тоқӣ), **яктаяк** (яктаяк), **ҷawък** (ҷавак).

Истилоҳоти марбут ба усмакашӣ. Ӯсма растаниест, ки бо оби он занҳо абрӯвони худро сиёҳ мекунанд ва ӯсмаро бештар занони Ғорон дар фасли тобистон ба абрӯвони худ мекашанд, чунки ин растанӣ дар Ғорон танҳо дар фасли тобистон кошта мешавад. Занҳо бештар ӯсмаро барои зиёд сабзонидани абрӯ истифода мебаранд. Дар иртибот ба кашидани ӯсма дар гӯйиши тоҷикони Ғорон чунин воҳидҳои луғавӣ ба кор мераванд: **да офтowмонѝ** (дар офтоб ӯсмаро пажмурда кардан), **кафзанѝ/ҷафидан** (ӯсмаро байни ду даст ҷаффида обашро мебароранд), **усматаркънък** (пиёла барои ӯсмачаконӣ), **гугирд** (гӯгирде, ки дар нӯги он пахтаро печонида барои кашидани ӯсма истифода мебаранд), **якъмбора** (бори якум бо ӯсма об мондани қош), **дъймбора** (бори дуюм) **сеймбора** (бори сеюм).

Истилоҳоти марбут ба сурмакашӣ. Сурмаро дар Ғорон вожаи **чъшмкашък** иваз мекунад. Дар Ғорон сурмаро аз кӯҳу пушта меоранд. Санги калони сиёҳашро дар Ғорон **маҷолък** ва майдаи дарозашро, ки тавассути он ба чашм мемоланд **чакък** меноманд. Чакъкро аз санги лаби дарё, ки онро **чахмоқсанг** меноманд, тайёр мекунанд. Онро ба назди усто мебаранд ва усто онро аз чарх мегузаронад ва ҳамвор мекунад. Сурмаро дар сурмадон нигоҳ медоранд. Сурма ба чашмон осеб намерасонад ва баръакс фоидаовар аст. Чашмони кӯдакони навзодро низ дар чандрӯзагиашон бо сурма мекашанд, то ки чашмони кӯдак калон ва зебо шаванд.

Номи зеварҳое, ки занҳо тавассути онҳо худро оро медиҳанд: **сузанък** (сӯзанак), **чаманък** (чаман), **дъсwона** (дастпона), **чила** (чалла), **гушвори ҳалқек** (гӯшвори ҳалқа), **гушвори тилоӣ** (гӯшвори тиллоӣ), **гушвори нъқрагӣ** (гӯшвори нуқрагӣ), **гушвори одӣ** (гӯшвори одӣ), **гушвори баргък** (гӯшвори баргак), **гушвори нигинадор** (гӯшвори нигинадор), **гушвори хурусък** (гӯшвори хурусак), **гушвори хърустал** (гӯшвори хурустал).

Оид ба гӯшвор ҳаминро бояд ёдовар шавем, ки дар гӯйиши Ғорон ду гӯшворро бо истилоҳи **ду пойа** ва як гӯшворро бо истилоҳи **йак поя** ифода мекунанд. Дар лаҳҷаи Қаратоғ ду гӯшвор бо истилоҳи **йак чуфт** ва як гӯшвор бо истилоҳи **йак, тоқа** ифода меёбад [1, 54].

Гӯшвора, ҳалқа – ашёи зиннатӣ, ки ба гӯш меовезанд. Гӯшвор ҳанӯз аз замонҳои қадим байни мардуми машриқзамин, аз ҷумла тоҷикон, маъмул буд. Ба туфайли ҳафриётҳои археологӣ аввалин гӯшвораҳои асрҳои III-IV м дар дахмаҳои Куркат ёфт шудаанд. Гӯшвораҳои асрҳои XII-XIII аз Шаҳристон ба даст омаданд. Гӯшворро одатан заргарон месохтанд. Гӯшвори одӣ то 2-5 овеза ё поя дошта, бо сангу шаддаҳои марҷон ороиш дода мешавад. Гӯшвори овезадорро дар ҳар ҷо ҳар хел меноманд. Дар аксарияти маҳалҳо – Хуҷанд, Кӯлоб, Дарвозу Вахшу Ҳисор ва ғайра гӯшворро ҳалқа меноманд [166, 247].

Номи зеварҳое, ки аз санг тайёр карда мешаванд: марворид (марворид), **фируза** (фирӯза), **ёқут** (ёқут), **лал** (лаъл), ақиқ (ақиқ), **марҷон** (марҷон), **мораи чишминък** (муҳраи чашмӣ), **садаф** (садаф).

Муҳраи чашмиро забоншинос М. У. Бобомуродова чунин шарҳ додааст: «муҳраи чашмӣ мӯҳраи сиёҳ бо холчаҳои сафед» [4, 14]. Мӯҳраи чашмӣ хосияти хуб дорад, мегӯянд, ки инсонро аз чашми бад нигоҳ медорад. Мӯҳраи чашмиро дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бо вожаи **чъшминък** ном мебаранд.

Номи зеварҳое, ки аз гиёҳ тайёр карда мешаванд: қаланфър/қаламфър (қаранфул), марҷон. Занони Ғорон аз давраҳои қадим қаранфулро ҳамчун атриёт истифода мекарданд. Қаранфулро дар шири ҷӯшидаи гӯсфанд дам мекунанд, он мулоим шуда, сипас бо сӯзан ба ресмон мегузаронанд ва занон дар гардан ва ё либоси худ меовезонанд. Занони Ғорон онро ба ҷойи атриёт ҳам истифода мекунанд.

Воҳиди луғавии **марҷон** дар китоби забоншинос Н. Гадоев «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» чунин маънидод шудааст: «ин намуд муҳраро аз тангаҳои мисӣ ё нуқрагӣ месохтанд» [8, 55]. Дар асл марҷон калимаи арабӣ буда, дар луғат чунин маънидод шудааст: «Навъе аз ҷонварони баҳрии дарахтшакл аст ва машҳуртаринаш марҷони сурх аст, ки монанди гул ва дар танаи оҳакмонанд қарор дорад ва онро барои сохтани асбобҳои зинат ва ашёи гаронбаҳо ба кор мебаранд» [132, 647].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон вожаҳои **мъшкбу (мушкбӯй)** ва **мушку анбар** серистеъмоланд. Инҳо номи ашёи хушбӯй мебошанд, ки занҳо аз онҳо истифода мекунанд. «Мушк моддаи сиёҳранги хушбӯй аст, ки аз нофи як хел оҳу ҳосил мешавад, хусусияти доругӣ дорад» [132, 785]. Маънии **анбар** дар луғат чунин шарҳ дода шудааст: «Анбар моддаест чун муми нарм, ки хокистарранг ва хушбӯй буда, бештар дар уқёнуси Ҳинд ва Ором аз меъда ё рӯдаи моҳии анбар (кашалот) ҳосил менамоянд ва собиқ ҳакимон дар тиб низ онро истеъмол мекарданд, ҳоло фақат дар саноати атриёт ба кор меравад» [132, 66].

Дар Ғорон ин соҳа яке аз соҳаҳои домадор ва серпаҳлӯ мебошад, ки бештари калимаҳои ин соҳаро калимаҳои умумихалқӣ ташкил медиҳанд.

2.1.8. Лексикаи соҳаи зироаткорӣ. Тоҷикистон аз қадим боз маскани зироати дунё ба шумор меравад. «Дар асрҳои VI-VII маданияти зироатчиёни Осиёи Миёна бо тараққиёти пурҷӯшӯ хурӯш расида будааст. Дар асри VII, вақте ки арабҳо аз Амударё мегузаранд, боигарии Осиёи Миёна онҳоро ба ҳайрат меоварад. Боғҳои ин ҷойро онҳо боғҳои фармондеҳи «муъминон» номидаанд» [152, 5]. Имрӯз вожаҳои марбут ба бахшҳои зироаткорӣ як ҳиссаи калон ва аз ҳама сермаводи лексикаи забонамонро ташкил медиҳанд. Оид ба ин соҳа муҳаққиқон Р. Л. Неменова «Таджики Варзоба», Н. А. Кислякова, А. К. Писарчик «Таджики Каратегина и Дарваза» таҳқиқоти этнолингвистӣ намуда, як қисми муҳаққиқон ҷиҳати лексикии ин соҳаро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Доир ба зироаткории мардумони Бадахшон муҳаққиқ И. Муҳиддинов кори илмӣ анҷом дода, монографияи ӯ бо номи «Особбенности традиционного земледельческого хозяйства припамирских народностей» нашр гардидааст. Ӯ хусусиятҳои этнографии кишоварзиро дар минтақаҳои баландкӯҳ, инчунин нақши анъанаҳои этникӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусиятҳои этнографии обёрии сунъиро дар соҳаи кишоварзӣ дар байни тоҷикони Бадахшон: язгуломиҳо, рӯшониҳо, бартангиҳо, шуғниониҳо, ишкошимиҳо, вахониҳо ва ҳамчунин тоҷикони Ванҷ ва Ғорон ба риштаи таҳқиқ кашидааст [93, 3-170].

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои маъмули мардуми Ғорон ба ҳисоб меравад. Аз қадиммулайём мардуми ин водӣ ба кишоварзӣ машғул буданд ва ин анъана то имрӯз ҳам дар ин водӣ ривоҷу равнақ ёфтааст. Дар Ғорон ба ин соҳаи маъмул ҳам мардон ва ҳам занон машғул мебошанд.

Машғулияти асосии кишоварзони Ғорон дар бахши зироат бештар ғаллакорӣ, обчакорӣ мебошад ва тамоми калимаву истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар иртибот ба ҳамин бахшҳо ба зуҳур меоянд. Чорводорӣ ва боғдорӣ паҳлуи дигари фаъолияти сокинони ин минтақаи кӯҳистони

Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ки дар ин соҳаҳо низ истилоҳоти ба он марбут хеле зиёданд.

Калимаву истилоҳоти бахши ғаллакорӣ. Ғаллакорӣ як бахши махсуси соҳаи зироаткорӣ буда, муҳимтарин фаъолияти мардуми Ғорон ба шумор меравад. Калимаву истилоҳоти марбут ба ин соҳа, пеш аз ҳама, номи анвои ғалла, қисмҳои ҷудогонаи ғалладона, рафти кишту кор ва коркарди замин, амалиёти марди деҳқон дар мавриди ҷамъ овардани ҳосили зироат ва монанди инҳоро дар бар мегиранд.

Дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон номи аксарияти навъҳои ғалладона, бо калимаҳои умумитоҷикӣ ифода меёбанд, аз қабили **гандъм** (гандум), нахуд, лубиё, майса, ҷав, мош, **бъринҷ** (биринҷ), **боқло** (як навъи лубиё). Ҷуворимаккаро дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бо истилоҳи **къкъруз** ном мебаранд, ки он иқтибос аз калимаи русист. **Къкъруз** (ҷуворимакка), **къкърузи съфедак** (ҷувории сафед), **къкърузи сърхак** (ҷувории сурх), **майса** (гандум ё ҷави нав аз замин баромада).

Номи навъҳои боқило: **боқлои сийа** (боқилои сиёҳ), **боқлои съфед** (боқилои сафед), **боқлои лашъкдор** (боқлои ҷавдор). Дар Ғорон зироатҳои полизиро ба тариқи **побел** (бо бел нарм кардани полез) кардани замин, мекоранд аммо заминҳои калони корамро ба воситаи барзагов шудгор мекунанд. Аввалан, сабзавоти полизиро **awгон** (ниҳол) карда, сипас баъди нарм кардани замин бароварда, ниҳолҳоро дар **wолч** (ҷӯяк) мешинонанд. Дар бахшҳои ғаллакорӣ ва обчакорӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон се гурӯҳи истилоҳот ба кор бурда мешаванд.

1. Истилоҳоте, ки хусусияти умумитоҷикӣ доранд. Аз қабили **гандъм** (гандум), майса, **гандъми баорѝ** (гандуми баҳорӣ), **гандъми тирамоѝ** (гандуми тирамоҳӣ), пиёз, каду, **харбъза** (харбуза), **тарбъз** (тарбуз), **търб** (турб), бодиринг, лаблабу, **қанор** (линчаи калон), мола, **сихмола** (асбоб барои ҳамвор кардани замин), **гъл кардан** (гул кардан), ҷуяк баровардан, **шъкъфтан** (шукуфтан), **хѝрман** (хирман), **ow додан** (об додан), нарм кардан, пору задан, **хъшова кардан** (хишова кардан).

Мола, олоти деҳқонӣ, ки барои ҳамвор намудани қабати болоии хок, майда кардани кулӯхпораҳо пешбинӣ шудааст. Мола яке аз усулҳои асосии киштбоб кардани хок мебошад. Дар гузашта барои тахту ҳамвор кардани замини киштзор аз **сихмола** (навъи мола) ё **тахтамола** истифода мебурданд. Он чӯби сихдоре буд, ки ба ҷуфти гов баста мешуд, ки ин анъана дар дигар навоии Тоҷикистон ҳам маъмул буд.

2. Истилоҳоте, ки дар гӯйиши Ғорон ва дигар лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи он ба кор мераванд: **сърхак** (гандуми сурхак), **съфедак** (гандуми сафедак), **ҷойдорӣ** (гандуми ҷойдорӣ).

3. Истилоҳоте, ки хоси гӯйиши Ғоронанд: ҳангоми коркарди зироаткорӣ истифода мебаранд: **перуа кардан** (коҳро аз гандум ба воситаи ҷорӯб ҷудо кардан), **кълуха** (гирд), **дърозък** (дароз), **сарҷу/нарҷу баровърдан** (ҷӯй баровардан, ҷуйе, ки ба он оби умумӣ меояд ва баъд ба дигар ҷӯякҳо тақсим мешавад), **wолч задан** (ҷуяк баровардан), **кетман кардан** (каланд кардан), **съст кардан** (нарм кардан), **хокпеч кардан**, **чакал** (замини хурд). «Агар замин бисёр хурд бошаду дар он на зиёда аз 8-кг гандум чошанд, вай замин ҳисоб намешавад ва онро **чакал** меноманд, ки калимаи аҷиб буда, васеъ паҳншаванда аст» [62, 27]. Калимаи чакал дар Ғорон ба воситаи пасванди –ък ҳамроҳ гардида **чакалък**-ро ифода мекунад. **Имсол да чакалъкмон картошка шонда бъдем**. *(Имсол дар замини хурдакамон картошка шонда будем).*

Бахши даравгарӣ. Дар водии Ғорон, ки мардуми он ҷо ба кишоварзӣ ва чорводорӣ машғуланд, дар давраи тобистону тирамоҳ дар деҳот барои зимистонгузаронӣ, хӯроки чорво алаф дарав мекунанд. Пас аз дарави **каҳ** (алафи хушкшуда) онҳоро **дарза** мебанданд. Баъдан, ки дарзаҳои алаф хушк шуданд, онҳоро дар боми оғил **ли** (лай, тудаи алаф) мезананд. Ба ин касб ҳам мардон ва ҳам занон машғул мебошанд.

Олотҳое, ки барои дарави алаф истифода мебаранд: **дос** (доси алафдаравӣ), **доси майда** (доси хурд), **доси калон** (доси калон), **доси**

гандъмдъравѝ (доси гандумдаравӣ), **доси боқлодъравѝ** (доси боқилодаравӣ).

Гандумро пас аз каме хушк шудан **ғанък** мебанданд, сипас **сарчук** (ду дарзаро рост сарбасар мондан) мекунанд. Вақте ки гандум хушк шуд, мардҳо хирманро тайёр карда, гандумро дар хирман бо барзаговҳо мекӯбанд.

Калимаҳои мансуби бахши хирманкӯбӣ: Хирманкӯбӣ, ҷараёни кӯфта ҷудо кардани ғалла дар хирман мебошад. Кишоварзон баъди мавсими дарави зироати ғалладона гандум, ҷавро банд баста, тавассути хар ё мошин ба хирманҷой интиқол медиҳанд. Хирманҷой қитъаи тахту ҳамворест, ки барои кӯфтани зироати ғалладона пешбинӣ шудааст. Баъди ба хирманҷой кашида шудани бандҳои гандум, деҳқон бандинаҳоро кушода, пояҳои гандумро дар хирманҷо ба шакли доира паҳн мекунад ва говҳои кориро бо **анҷан** (махсус гарданбанди аз химча бофташуда) аз гарданашон қатора баста, ба хирманкӯбӣ сар мекунанд. Барои он ки говҳо дар рафти хирман бо як маром дар хирман давр зананд, даҳони говҳоро бо **фъкбанд** (фукбанд, даҳонбанд) мебанданд. Говҳои боқувватро одатан аз қатори аввал мебандад. Пояҳои гандумро вақти кӯфтан барои он ки хубтар ва тезтар майда шавад, ҳар замон бо шохин – панҷшоха тагурӯ мекунанд. Хирман маъмулан ҳангоми мусоид будани боду ҳаво ҳар бегоҳӣ сурат мегирад. Вақте ки гандум кӯфта шуд, марҳалаи аз қоҳ ҷудо кардани дон фаро мерасад. Барои ин деҳқон ғаллаи кӯфташударо дар мобайни хирман **хъм** (хуми гандум) мекунад ва ҳангоми вазидани боди мусоид ба бод кардани он шурӯъ мекунад.

Номи умумии сабзавот: лаблабу, **лаблабуи сърхак** (лаблабуи сурх), **зардак** (сабзӣ), **картошкаи съфедак** (картошкаи сафед), **картошкаи сърхак** (картошкаи сурх), **картошкаи ҷойдорѝ** (картошкаи худи ҳамон маҳал), **пиёз** (пиёз), **пиёзи сърхак** (пиёзи сурх), **пиёзи съфедак** (пиёзи сафед), каду, **кадуи съфед** (кадуи сафед), **кадуи сърх** (кадуи сурх), **памидор, памидори сърхак** (памидори сурх), **памидори дърозък** (памидори дарозшакл), **памидори майда** (помидори майдашакл), **бодъринг** (бодиринг), **бодъринги дарозък** (бодиринги шаклаш дароз), **бодиринги кълуха** (бодиринг гирдшакл).

Дар лексикаи соҳаи кишоварзии Ғорон 3 навъи калимаҳо мавриди истифода қарор мегиранд:

1. Калимаҳои умумиҳалқӣ: картошка, бодиринг, памидор, гандум, пиёз, гашниз, ҷав, мош ва ғ.

2. Калимаҳои хоси лаҳҷа: **кафа** (алафҳои бегона), **қанор** (халтаи калон барои коҳ), **перуа кардан** (коҳро аз гандум ба воситаи ҷорӯб ҷудо кардан), **awгон** (ниҳол).

3. Калимаҳои иқтибосӣ: фасол (лубиё), къкъруз (ҷуворӣ).

Истилоҳоти соҳаи зироаткорӣ як қабати калони лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғоронро ташкил медиҳанд. Лексикаи соҳаи зироаткорӣ дар асоси маводи ин ё он лаҳҷаи забони тоҷикӣ то имрӯз каму беш омӯхта шудааст.

2.1.9. Лексикаи соҳаи чорводорӣ. Чи хеле ки дар боло зикр кардем, деҳаҳои гирду атрофи Ғорон дар баландӣ ва миёни кӯҳҳо воқеъ мебошанд. Аз ин сабаб, шуғли асосии мардуми ин ҷо ба ҷуз деҳқониву боғдорӣ ва чорводорӣ мебошад. Аз ин рӯ, луғати ин соҳа назар ба дигар соҳаҳо бойтару ғанитар аст. Мутаассифона, лексикаи соҳаи чорводорию парандапарварӣ дар асоси маводи ин ё он лаҳҷаи забони тоҷикӣ то имрӯз пурра омӯхта нашудааст. Танҳо аз рисолаҳои забоншиносон Р. Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [1980, 166-172], Ш. Исмоилов «Лексикаи лаҳҷаи Қаротегин» [1982, 9], Н. Гадоев «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» [2012, 84,86], Р. Сангинова «Лексикаи лаҳҷаи Конибодом» [2012, 92], Сулаймонов И. (Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор, 2010), С. Раҳматуллозода «Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзӯии таркиби луғати лаҳҷа» (2014), каму беш оид ба ин мавзӯъ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Инчунин муҳаққиқон А. Мирбобоев оид ба «Лексикаи чорводорӣ дар забони вахонӣ» (1991) ва М. Аламшоев «Лексикаи чорводорӣ дар забони шуғнонӣ» (2007), Г. Неъматов «Лексикаи чорводории забони Яғнобӣ» (1998) таҳқиқоти пурраи этнолингвистӣ бурдаанд. Воҳидҳои луғавии соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон аз дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ он қадар тафовут надоранд. Вожаҳое, ки дар ин соҳа мавриди

истифода қарор доранд, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон аз нигоҳи теъдод хеле зиёд буда, аслан, умумитоҷикиянд ва тафовут фақат дар шакли лаҳҷавии онҳо дида мешавад. Фаровон будани ин навъи истилоҳот аз он ҷост, ки анвои ҳайвоноту парандаҳо дар мавзеъҳои алоҳидаи Ғорон зиёд аст. Аз тарафи дигар, ҳайвонот аз қадим боз дар хизмати мардуми маҳаллӣ қарор доранд.

Дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон барои ифодаи умумии ҳам ҳайвоноти хонагӣ ва ҳайвоноти ваҳшӣ, калимаи ***айwон*** «ҳайвон», **мол, лаґна** истифода мешавад, ки аз инҳо калимаи ҳайвон серистеъмол мебошад. Дар забони вахонӣ низ барои ифодаи умумии ҳайвонот ҳамин се калима истифода мешавад [91, 43]. Вожаи **айвон (ҳайвон**” аслан калимаи иқтибосӣ буда, он аз забони арабӣ тавассути забони тоҷикӣ ба лаҳҷаҳо гузашта, дар гӯйши тоҷикони Ғорон дар шакли ***айwон*** васеъ корбурд мешавад.

А. Мирбобоев истифодаи вожаи **лаґнаро** ба таври муқоиса дар забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо нишон дода, қайд намудааст, ки вожаи мазкур дар аксар мавридҳо ба маънои маҳдуд – «хароб», «лоґар» (нисбати чорвои хурд) истифода мешавад. (шуґнонӣ, бачуӣ: лоґар, тоҷикӣ: лоґар «хароб», афґонӣ: леґ «хурдӣ», «камӣ») [91, 49].

Вожаи мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дод шудааст: «Ҳайвон – зинда, ҷондор; ҷондори безабон» [132, 718]. Калимаи **«мол»** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба ғайр аз маънои «бойигарӣ», «чизу чора» ба маънои “ҳайвоноти хонагӣ” васеъ корбурд шуда, ҳам маънои кул ва ҳам ҷузро ифода мекунад. Истилоҳи «мол» ба маънои кул ҳам барои чорвои хурд ва ҳам барои чорвои калон истифода мешавад. Чунончи: «моли майда» (бузу гӯсфанд) ва «моли калон» (гов, хару асп).

Забоншинос А. Мирбобоев дар рисолаи номзадии худ дар мавзӯи «Лексикаи чорводорӣ дар забони вахонӣ» оид ба корбурди вожаи «мол» дар забони вахонӣ ва баъзе диалектҳо чунин қайд намудааст: «мафҳуми «ҳайвоноти хонагӣ», «чорво» дар забони вахонӣ бо калимаи «мол» ифода карда мешавад....дар бархе аз гӯйшҳои шеваҳои марказӣ ва ҷанубӣ, маънои умумистеъмолиро ифода мекунад. Ҳамин тавр метавон хулоса карда, ки

маънои дуюми лексемаи «чорво» дар забони вахонӣ аз забони тоҷикӣ гузаштааст». [91, 44 47].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон мафҳуми умумии ҳайвони хурд (бузу гӯсфанд) бо калимаи ***мол*** ифода карда мешавад. Инчунин, барои фарқ намудани чорвои хурд аз чорвои калон ибораи "***моли майда*** "чорвои шохдори хурд" истифода мешавад.

Муҳаққиқ Г. Неъматов дар рисолаи номзадии худ "Лексикаи чорводорӣ дар забони яғнобӣ" қайд кардааст, ки дар забони яғнобӣ ҳайвони хурд бо калимаи ***"буз"*** ифода карда мешавад [34, 24].

Калимаи **«чорпо»** низ дар гӯйши тоҷикони Ғорон истифода мешавад, ки он мафҳуми ҳамаи ҳайвони дорои чорпойро ифода мекунад ва барои шеваҳои забони тоҷикӣ умумӣ мебошад.

Маводе, ки мо аз гӯйиши тоҷикони Ғорон ҷамъ овардем, собит месозад, ки калимаву истилоҳоти ин соҳа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) номи ҳайвоноту парандаҳои хонагӣ; б) номи ҳайвонот ва парандаву хазандаҳои ваҳшӣ.

Номи ҳайвоноту парандаҳои хонагӣ. Вожаҳои ба номи ҳайвонот ва парандаҳои хонагӣ мансуббударо ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо намудан лозим аст:

Вожаҳои мансуб ба гов ва навъҳои он: Дар водии Ғорон ба парвариши гов бисёр диққат медиҳанд, чунки заминҳоро ба воситаи гов ҷуфт мекунанд, аз маҳсулот ва шираш бештар истифода мебаранд. Вожаи гов барои ҳами тоҷикон калимаи умумиистеъмолӣ буда, дар лаҳҷаи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо ҳамин маъно ифода меёбанд.

Вожаи ***гоw*** (гов) маънои кулро ифода намуда, мафҳуми ҳайвоноти калонро дар бар мегирад. Аммо дар вақти таъкиди аломати онҳо (ранг, сиёқ, ҷинс, ҷасад ва ғайра) вожаи мазкур бо калимаҳои дигар омада, мафҳуми ҷузъро мефаҳмонад. Масалан: ***гови шохдор*** "гове, ки шох дорад", ***модагов*** "гови мода", ***пиргов*** "гове, ки пир шудааст".

С. Хоркашев оид ба умумиистеъмол будани вожаи **гов** дар забонҳои эронӣ чунин қайд намудааст: “....вожаи умумистеъмолии гов барои ҳамаи забонҳои оилаи забонҳои эронӣ умумӣ аст ва на танҳо дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ, балки барои ҳамаи тоҷикон вожаҳои **барзагов, модагов, ҷавона**, **ғуноҷин, гӯсола, пиргов, қисир, тайлоқ** умумиистеъмоланд” [116, 143].

Дар водии Ғорон барзаговро бештар барои шудгор намудани замин ва барои гӯшташ истифода мебаранд. Модаговро бештар барои истеъмол намудани шираш истифода мебаранд. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон гови нари ноахташударо **бъқа** мегӯянд. Инчунин, аз рӯйи синну сол ҳам навъҳои он фарқ мекунанд. **Бъкъл** (гӯсолаи дусолаи нар), **ҷъwона** (буққаи наре, ки ҳоло ба шудгор намудани замин нарасидааст). Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ баъзе аз анвоъ бо талаффузи шевагиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба ин вожаҳо: **ҷъwона//ҷавона, ҷуҳуна, ҷуна ҷавона** [44, 15]. Дар забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) бо хусусияти савтияш истилоҳи гов, яъне **жов** фарқ мекунад.

Фарбеҳию харобии чорвои калон дар Ғорон чун ҳайвоноти боркаш бо калимаҳои зерин ифода карда мешавад: ***бақъwат, ялтаст, ҷаласт лъмбък, лъшм*** (нисбати фарбеҳӣ), ***лоша, хароб, лосък*** (нисбати харобӣ).

Вожаҳои ***ялтаст, ҷаласт, лъшм*** нисбати ҳайвоне, ки аз фарбеҳӣ мӯйи тахтапушташ ҷило медиҳад ва гӯшти баданаш меларзад, истифода мешавад.

Вожаҳои ***лоша, хароб, лосък*** нисбати гове, ки дар баданаш равған нест ва тамоман гӯшти кам дорад, истифода мешаванд. **Гowои лошара ка-и зъйотар бъндозет, ки ҳол бъгиран.** (Говҳои харобро коҳи зиёдтар диҳед, ки фарбеҳ шаванд).

Гове, ки намезояд бо ибораи ***гови қъсър*** ифода меёбад. Масалан: *Гowи калон имсол қъсър* монд (Гови калон имсол назоида монд). Дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротигинӣ “модагови қисир” бо ибораи **гови фар** истифода мешавад [44, 146].

Дар асари Г. Неъматов мафҳуми **“гови қисир”** нисбати говҳое, ки минбаъд насл намедиҳанд истифода шуда, калимаҳои **farda “субай”** нисбати говҳои нодушоӣ кор фармуда мешавад [34, 44].

Хашгов (қутос) ҳайвони хонагӣ буда, ин навъи чорво имрӯз асосан дар ноҳияи Мурғоб парвариш карда мешавад. Дар баъзе деҳоти Ғорон низ парвариш карда мешавад, аммо начандон зиёд.

Вожаи мазкур дар фарҳанги “Бурҳони қотеъ” дар шакли **ғажғов** ва **ғажгов омада** чунин шарҳ дода шудааст: “Ғажғов ба маънии ғажғо-ст, ки гови қутос бошад; ва баъзе думи он говро қутос мегӯянд ба ҷиҳати он ки асли ин луғат гажгов аст, яъне абрешумгов, чи гаж ба маънии абрешум ҳам омадааст”. Вожаи ғажгов низ ба маънои гови қутос омадааст [129, 280].

Бояд зикр намуд, ки дар забони ҳозираи тоҷик вожаи **қутос** истифода мешавад. Вале шакли классикии **ғажғов (гажгов)** дар забонҳои помирӣ, аз он ҷумла, дар гӯйиши ғоронӣ дар шакли **хашгов** нигоҳ дошта шудааст.

Аз маълумоти дар болозикргардида метавон хулоса кард, ки решаи вожаи **гов** таърихан қадима буда, он бо чунин шакл дар осори классикӣ истифода шуда, имрӯз низ дар забони адабӣ ва шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз он ҷумла, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон мавриди истифода қарор дорад.

Ному намудҳои бузу гӯсфанди хонагӣ: Бузу гӯсфанд аз замонҳои қадим дар ҳаёти одамон нақши муҳим доранд. Онҳо барои маҳсулоти ширӣ, гӯшт, пашм ва пӯсташон истифода ва нигоҳубин карда мешаванд. Ин навъи ҳайвонот вобаста ба синну сол ва навъ (яъне гӯсфанд ва буз) аз ҳамдигар фарқ мекунанд. **така** (бузи нари ноахта), **нарбъча** (бузи яксола), **нарбъз** (бузи нари калон), **бъча** (бузғола), **ангорѝ** (навъи буз), **чапиш** (бузи модаи нозоида). Дар водии Ғорон аз ҷиҳати мӯй бузҳо ду навъ мешаванд: ангорӣ, ки мӯйи онҳо мулоим буда, онро барои тайёр намудани ресмон/ришта истифода мебаранд. Дигар намуди бузҳо бошанд мӯйашонро бузму (бузмӯй) мегӯянд. Ин навъи мӯйро танҳо барои бофтани гилеми тоҷикӣ, ки дар хонаҳои бадахшонӣ бофта ва ҳамчун намад ё қолин истифода бурда мешаванд, тайёр

карда мешавад. Истилоҳи **бъз** (буз) умумиточикӣ буда, дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ ба ҳамин маъно ифода меёбанд.

Гӯсфанд яке аз намуди ҳайвоноти хурд мебошад, мардуми мо аз қадим онро ҳамчун ҳайвони хурди хонагӣ барои таъмини зиндагиашон аз шир, гӯшт ва пашму пӯст парвариш мекунанд. Дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон мафҳуми гӯсфанд бо калимаҳои ***гӯсфанд*** ва ***меш*** ифода карда мешавад. Калимаи ***меш*** назар ба **гӯсфанд** серъистеъмол мебошад. Калимаи ***меш*** маънои “гӯсфанди мода, модагӯсфанд”-ро ифода мекунад. Дар лаҳҷаҳои Бухоро низ калимаи *меш* ба маънои “модагӯсфанд” шарҳ дода шудааст [128, 150]. Албатта, чунин шарҳи муаллиф оид ба лексемаи ***меш*** ба гӯйиши тоҷикони Ғорон низ мувофиқат мекунад. Вожаи ***меш*** дар забонҳои дигари эронӣ низ корбурд мешавад: *язғуломӣ меш, шуғнонӣ маг, рӯшонӣ мев,баҷуӣ мав, вахонӣ мау., мунҷонӣ мэуа/мэа, афг. маз лот* [91, 60]. Дар забони яғнобӣ мафҳуми **гӯсфанд** бо калимаи **сутур** ифода карда мешавад [34, 24]. А. З. Розенфелд дар таҳқиқоти худ нисбати истифодаи вожаи ***меш*** чунин қайд кардааст, ки бо ин вожа тавассути пасванди **-ак(-ък)** лексемаи мешак//мешък сохта шудааст ва маънии “гӯсфанди кӯҳӣ”, архар; *мешаки нар* архар; *мешаки мода* архар”-ро дорад [105,113]. Дар гӯйиши мардуми Ғорон “гӯсфанди кӯҳӣ” низ бо калимаи ***мешък*** ифода мешавад.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ истилоҳи гӯсфанд серистеъмол мебошад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бошад, бештар истилоҳи **меш** истифода бурда мешавад ва гӯсфанд калимаи умумиточикӣ буда, истилоҳи **меш** дар Ғорон боз навъҳои гуногун дорад. **Тарък** (баррачаҳои навзод), **нарбара** (гӯсфанди яксолаи нар), **ҷондор** (гӯсфанди калони нар), **търкѝ** (гӯсфанди думбадори калон), **бара** (барра), **баррабъча** (баррачаю бузичаҳои хурд).

Барои ифодаи ҷинси модаи гӯсфанд аз рӯйи фарқияти инкишофи синну сол калимаҳои ***нъзем, меш*** кор фармуда мешавад. Вожаи ***нъзем*** нисбати барраи аз дусола то сесола то давраи бори аввал зоиданаш истифода бурда мешавад. Дар гӯйиши мазкур нисбати гӯсфанди нар вобаста ба синну сол ахта ё ноахта буданаш калимаҳои ***нарбара, ҷондор, гър//гърк*** истифода

мешавад. Вожаи ***нарбарра*** нисбати барраи нари аз 2 то 3 сола, ***ҷондор*** нисбати гӯсфанди аз 4 сола боло кор фармуда мешавад. Нисбати гӯсфанди нари ноахта вожаи ***гър//гърк*** истифода мешавад Инчунин барои нишон додани синну соли ҳайвоноти хурд аз ҷумла, гӯсфандон сифатҳои **майда, калон** ва **пир** истифода мешавад, ки ин вожаҳо умумиистеъмол мебошанд. Масалан: ***барраи майда*** – барраи хурд, ***меши пир*** – гӯсфанди пир, ***меши калон*** – гӯсфанди калон, ***майдамеш*** **–** гӯсфанди майда.

С. Хоркашев барои ифодаи ҷинси табии нарина ба ғайр аз калимаҳои умумистеъмоли **наргӯспан, модагӯспан ва вожаи соддаи къшқор** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб вожаи ***къшқормешак*** “наргӯсфанди шохдор”, **нарбахтак** “тагал, қӯчқор”, **нарбахтача** “қӯчқорча” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вожаи **нарбахта** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, қаротегинӣ, лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ дида мешавад [44,18].

Дар води Ғорон гӯсфанде, ки намезояд бо ибораи ***меши қисир*** ифода меёбад. ***И нъзем имсол қисир монд*** (Ин гӯсфанд имсол барра накард). С. Хоркашев қайд намудаанд, ки мафҳуми **“гӯсфанди қисир”** дар минтақаҳои Сарихосор ва Ховалинг бо ибора-истилоҳи **“гуспани сибай”** ифода меёбад [44, 20].

Гӯсфандонеро, ки аз онҳо шир медӯшанд бо ибори ***“меши душоӣ”*** ифода мекунанд. Масалан, ***Мешои душоира ка бъндозет*** (Ба гӯсфандони ширдор каҳ бидиҳед). Бояд қайд намуд, ки бо роҳи калимасозии сохта ва мураккаб нисбати гӯсфандони **ширӣ** калимаву истилоҳҳои зиёде кор фармуда мешавад. Масалан: ***“ширмак, ширдор, ширхор, ширдеҳ, ширмаст, сершир, камшир, бешир”*** ва ғ.

Калимаи ***ширдор*** нисбати гӯсфандон ва дигар намуди ҳайвоноти ширдиҳанда васеъ истифода мешавад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи **ширдор** ба чунин маъно омадааст: ширдор – моле, ки шир медиҳад, моле, ки шири зиёд дорад [136, 676]. ***Мешои ширдора ow гарм бъдет, ки owи хънък нахъран*** *(Гӯсфандони ширдорро оби гарм диҳед, ки оби хунук нахӯранд).* Нисбати гӯсфандоне, ки шири зиёд доранд, вожаи ***сершир***

корбаст мешавад, ки калимаи мазкур дар забони адабӣ низ ба ҳамин маъно истифода мешавад. Дар гӯйиши ғоронӣ вожаи ***ширмаст*** дар соҳаи чорводорӣ васеъ истифода мешавад. Вожаи мазкур нисбати барраҳои навзоде, ки шири модарашонро ба серӣ хӯрда фарбеҳ ва чолок мешаванд корбурд мешавад. **И бараи таръки мо ширмаст шъдаст**. *(Барраи навзоди мо ширмаст шудааст).*

Вожаи **ширмаст** дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" низ ба ҳамин маъно шарҳ дода шудааст: "**ширмаст** – бачаи бузу гӯсфанд ва ғ.., ки чолок ва шӯху бозингар аст". [136, 591].

Вожаи **ширмак** дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин шарҳ дода шудааст: ширмак – бачаи одам ё ҳайвоне, ки шири модар мемакад [136, 549]. Истилоҳи мазкур нисбати баррачаҳои навзод ва то яксола, ки шир мемаканд корбаст шуда, ба шарҳи мазкур мувофиқат мекунад.

Дар водии Ғорон вобаста ба шароити маҳал асосан зоти *бузҳои ҷойдорӣ* парвариш карда мешавад. Дар давраи ҳозира, инчунин, зоти *бузҳои ангорӣ,* ки бузмӯйи маҳин (тибит) доранд, дар хоҷагиҳо парвариш карда мешавад. Вожаи мазкур дар забонҳои дигари помирӣ чунин шакл дорад: шуғ. ангори ваз, рӯш. ангорау ваз, ишк. ангори вэз.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бузи ангориро асосан барои **тибит** парвариш мекунанд, чунки аз он ҳар гуна либосворӣ тайёр мекунанд. Вожаи мазкур дар гӯйиши ғоронӣ дар шакли ***тебът*** ифода меёбад.

Вожаи **тибит** дар фарҳанги "Бурҳони қотеъ" чунин маънидод шудааст: "тибит – пашми нарме бошад, ки аз буни мӯи буз ба шона бароваранд ва аз он шоли нафис бофанд" [129, 269].

Қайд кардан ба маврид аст, ки бузи ангориро асосан барои тибит парвариш мекунанд, чунки аз он ҳар гуна либосворӣ тайёр мекунанд. Вожаи мазкур дар гӯйиши ғоронӣ дар шакли *тебът* ифода меёбад.

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон пашмтароширо **wъреш** меноманд. Касе, ки ба ин касб машғул бошад, он касро **wърешкън** меноманд.

Дар деҳот одатан дар фасли тобистон ҳайвонотро ба айлоқ мебаранд. Дар ин асно занҳои деҳот чорвои ҳамсояҳоро ҷамъ намуда, бо ҳамроҳии худ ба айлоқҷой мебаранд.

Маҳсулоти асосие, ки аз ҳайвоноти хонагӣ ба таври васеъ дар рӯзгори мардум истифода мешавад ин шир мебошад. Аз ин рӯ, қисми зиёди лексикаи чорводории гуйиши ғороиро калимаву истилоҳоти марбут ба маҳсулоти ширӣ ташкил медиҳад.

Калимаҳои ифодакунандаи шир ва маҳсулоти ширӣ. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон номи умумии маҳсулоти ширӣ бо истилоҳи *ширу дуғ* (шир-дуғ) ва калимаи шир чун дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо вожаи *шир* ифода карда мешавад.

Тибқи иттилои забоншинос А. Мирбобоев дар лаҳҷаҳои поён низ нисбати маҳсулоти шири таркиби *шир – дуғ* истеъмол мешавад. Дар забони вахонӣ мафҳуми умумии шир ва маҳсулоти ширӣ бо истилоҳи *ганҷ* ифода карда мешавад [91, 151]. Бояд зикр намуд, ки дар гӯйиши ғоронӣ низ дар гуфтугӯи калонсолон вожаи мазкур нисбати шир истифода мешавад. Ё ин ки вақте ки пистони гов варам мекунад, истилоҳи “*ганҷ хамбондаст”-ро* истифода мебаранд. Метавон хулоса кард, ки вожаи мазкур дар гӯйиши ғоронӣ низ мафҳуми шир ва маҳсулоти шириро дар бар мегирад. Бояд зикр намуд, ки вожаи ганҷ дар фарҳангҳои муътабар ба маънои шир ва маҳсулоти ширӣ вонамехӯрад. Азҷумла, вожаи мазкур дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: “**Ганҷ** – 1. тиллову нуқра ва ҷавоҳироти дар зери хок пинҳонкарда. 2. хазина, махзан, ганҷина”. [135, 311].

Намудҳои алоҳида маҳсулотӣ ширӣ бо калимаву истилоҳоти ҷудогона ифода карда мешаванд: ***шир*** “шир”, ***қаймоқ*** “қабати ғафси болои шир”**,** ***ҷурғот*** “бо роҳи турушонидани шир ҳосил мешавад”, ***дуғ*** “ҷурғоти тунуккардашуда”**,** ***чака*** “аз дуғ бо роҳи чакидан ҳосил мешавад”**,** ***қърут*** **(қурут)** “дуғи ҷӯшондашуда, ки дар офтоб хукш карда мешавад”**,** ***кътах*** **(китах) “**дуғи ширин, ***маска(руған)*** “аз ҷурғоту дуғ ҷудо карда мешавад” ***панир*** “аз шири турушшуда тайёр мешавад”. *Шира пазед, къ търъш наша*

(Ширро пазед, ки туруш нашавад). *Ай янгам барои мемоно йак чини ҷурғот гъръфтъм* (Аз янгам барои меҳмонҳо як коса ҷурғот гирифтам). *Чакара ба бозор бърда фърухтан* (Чаккаро бурда ба бозор бурда фурӯхтанд). *Апаи Зебогул широи търушшъдагъра панир кард* (Апаи Зебогул широи турушшударо панир кард). *Қърутора ай айлоқ хамбондан* (Қурутҳоро аз айлоқ фуроварданд).

Бояд зикр намуд, ки вожаҳои мазкур дар забонҳои дигари помир низ мавриди истифода қарор доранд. Масалан вожаи *дуғ*: тоҷ. дуғ., вах. диғ, шуғн. диғ. Калимаи *руған* – эр.қ. раугана, вах.руғн, ишк. реғн, тоҷ. равған.лот.

Инчунин, баъзе номҳо бо ибораҳо ифода карда мешавад, ки бо воситаи онҳо намудҳои гуногуни маҳсулоти ширӣ фаҳмида мешавад: *дуғи хомъки* “дуғ аз шири нитурушшуда ”, *чаккаи дуғӣ* “чаккаи аз дуғ тайёршуда”, қърути чакаги “қуруте, ки аз чакка тайёр шудааст”, руғани маска “равғани маска”, руғани зард (равғани зард) “равғани обакӣ ё обкардагӣ”.

Номи ашёҳое, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода мешаванд, бо калимаву истилоҳоти алоҳида ифода ёфта, вобаста ба мақсад аз истилоҳоти гурӯҳи якум фарқ мекунанд. Дар ҳаёти мардуми тоҷик анъанаи аз шир ҷудо кардани равған амали қадимист.

Қисми асосии ин гурӯҳи истилоҳотро ашё ва асбобҳои равғанбарорӣ ташкил медиҳанд: **Хъмбък** “хуме, ки дар он дуғ мекашанд”, ***парък*** “чӯби сепояи махсус аст, ки чарх зада маскаро аз ҷурғот ҷудо мекунад”, ***чахтъкбанд*** “бандҳои махсуси тасмагӣ, ки бо чахтък баста шуда, чархро дар ҳолати амудӣ нигоҳ медоранд”, **чахтък** “ҳалқаҳои махсуси чӯбини бо чарх васлшуда”, **дуғтасма** “тасмае, ки аз ду тараф дастак дошта, бо парък васл намуда, онҳоро аз ду тараф мекашанд”, ***дуғсътънък/дуғсътън*** “чӯби рости на он қадар ғафс, ки чахтъкбандҳо ба он баста мешаванд”.

Бо воситаи ашёҳои номбаршуда асосан дар айлоқҷойҳо дуғ мекашанд ва аз он маҳсулоти ширии маска, чакка, курут ҳосил мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки дар гузашта дар айлоқҳо қурутро дар болои санги ҳамвор хушк мекарданд. Имрӯз ба ҷойи санги ҳамвор качоваро барои хушк кардани қурут истифода мебаранд.

Инчунин, истилоҳҳои дигаре вуҷуд доранд, ки асбобҳои тайёр намудан ва нигоҳдории маҳсулоти шириро ифода мекунанд. Аз он ҷумла, ***чахсък/ ширчахсзанък*** (барои соф кардан (чахс задан)-и шир) ***чакахалта, сонхалта*** “халтаи карбосӣ, ки дар он дуғро барои чакидан мекунанд”, “халта аз сони сафед”, **тажбън**[2] “ҷой барои нигоҳдории равғани маска”, ***качоваи қърут*** “барои хушк кардани қурут”.

Вожаи **каҷова** дар “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: “каҷова (Бдх., Кҳ., Шк.) каҷова, як навъи сабади дарозрӯяи махрутшакл” [137, 327]

Дар гӯйиши ғоронӣ истилоҳи **ширчахсзанък** ё **дасторък** (дока) барои соф кардан (чахс задан)-и шир) ва вожаи **мелок** (бештар дар айлоқҷойҳо истифода мешавад, ки пиразанҳо онро аз ресмон дар он зарфи пур аз ширро меовезанд) хеле маъмул мебошад. Дар бобати пайдоиши вожаи **мелок** профессор Вожаи ширчахсзанък (-ак) аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз исм ва асоси замони ҳозира ва пасванди -ък (шир+чахс +зан-ък(-ак) сохта шуда, маънои “ширполо”, “софкорӣ кардани шир”-ро ифода мекунад. Вожаи чахс дар “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” ба ҳамин маъно танҳо аз маводи Бадахшон оварда шуда, чунин шарҳ дода шудааст: “чахс//чаґс (Бдх.) – ширполо (барои полудани шир), асбобест, ки барои софкорӣ кардани шир истифода мебаранд ”[137, 831]. Аз рӯи шарҳи Фарҳанги мазкур метавон хулоса кард, ки вожаи мазкур ба ҳамин маъно дар Бадахшон маъмул буда, дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ роиҷ нест.

Бояд зикр намуд, ки лексикаи марбут ба маҳсулоти ширӣ ва зарфҳои нигоҳдории онро ба ғайр аз калимаву истилоҳоти тоҷикӣ ва худӣ, инчунин, калимаҳои иқтибосӣ низ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, вожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ

---

[2] **Тажбън** – ҷойи махсус барои нигоҳдории равғани маска, ки асосан дар айлоқ дар як гӯшаи **кърич** (хонаи муваққати дар айлоқ) сохта мешавад. Дарашро бо санги ҳамвор мепӯшанд, ки ҳар кас онро намекушояд.

(қаймоқ, ҷурғот, қурут) мисол шуда метавонанд, ки инҳо ҳам ба воситаи забони адабии тоҷикӣ ба ин гӯйиш ворид шудаанд. Аслан дар Ғорон қаймоқро **саршир** мегӯянд.

Истилоҳҳои марбут ба тарзи коркарди шир. Ба ин гурӯҳи лексика истилоҳоте дохил мешавад, ки ҳолати шир, маҳсулоти ширӣ, ашё ва мафҳуми коркарди ширро ифода мекунанд. Вобаста ба маъно истилоҳҳои мазкур ба ду зергурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

– Истилоҳҳое, ки ҳолати шир ва маҳсулоти шириро ифода мекунанд;
– Истилоҳҳое, ки ашё ва мафҳуми коркарди ширро ифода мекунанд.

Ба гурӯҳи аввал истилоҳҳои зерин дохил мешаванд: *тръш кардан“туруш шудани маҳсулои ширӣ”, хафък кардан “пайдо шудани кафк дар рӯи дуғ”, гъл задан “пайдо шудани маска дар рӯи дуғ”.*

Ҳамчунин, ҳиссаи номии баъзе феълҳои таркибиро исм ташкил медиҳад: *хафък кардан “хафък” “пайдо шудани кафк дар рӯи дуғ”, гъл задан “гъл” “пайдо шудани маска дар рӯи дуғ”.*

Ба гурӯҳи дуюм истилоҳҳое, дохил мешаванд, ки ашё ва мафҳуми ҷараёни тоза кардани ширро ифода мекунанд. Асосан ин гурӯҳи истилоҳҳоро феълҳои таркибӣ ташкил медиҳанд, ки қисми номии онҳо исм мебошад. Ин исмҳо вобаста ба маънои лексикӣ номгӯи маҳсулоти ширӣ мебошанд: ***ширҷӯшонӀ*** *(ширро ҷӯшондан)*, ***монъкънӀ*** *(турушондани шир),* ***ҷърґоткънӀ*** *(ҷурғот тайёр кардан),* ***дуґ дохтан*** *(ҷурғотҳоро дар дуғкашак якҷоя кардан),* ***дуґкашӀ*** *(тайёр кардани дуғ),* ***қърутҷушонӀ*** *(ҷӯшонидани қурут),* ***қърутwардорӀ*** *(қурутро аз дег бардоштан),* ***пошткънӀ*** *(қурутро дар барои хушк кардан кулулача кардан),* ***қурутмонӀ*** *(мондани қурут барои хушк шудан дар болои матои карбосин),* ***чаккамонӀ*** *(мондани дуғ дар чаккахалта),* ***маскагирӀ*** *(руғанро аз дуғ ҷудо кардан),* ***маскачапӀ*** *(якҷоя кардани руғани маска дар ҷойи нигоҳдорӣ)*, ***руґаноwкънӀ*** *(об кардани равғани маска).*

Калимаҳои ифодакунандаи расму одат марбут ба маҳсулоти ширӣ. Дар байни мардум расму одати марбут ба маҳсулоти ширӣ ва коркарди он аз

нав коркарди он вуҷуд дорад. Яке аз маҳсулоти асосии ширӣ ин дуғ ба шумор меравад. Мавриди омода намудани дуғ дар айлоқ ҳамчун расм ба ҷо оварда мешавад. Занон бо навбат дар рӯзи муайян ба назди зане, ки дуғ дорад меоянд. Чунин расмро дар Ғорон ***дуғкашӣ*** меноманд. Зане, ки навбати дуғи ӯ мебошад ***дуғдор*** меноманд. Заноне, ки ба кричи **дуғдор** меоянд, онҳоро ***дуғкаш*** меноманд. Ҳангоми дуғкашӣ чунин расм вуҷуд дорад, ки агар касе аз деҳа ба айлоқ биёяд, ӯ ба къричи зани дуғдор намедарояд. Гӯё ки дуғ дер тайёр мешавад ё маска аз дарунаш ҷудо намешавад.

Инчунин, дар гӯйиши ғоронӣ баъзе истилоҳҳо вобаста ба тайёр намудани дуғи якум, коркард ва истифодаи “шири аввал” вуҷуд дорад. Масалан, шири аввал, ки аз говои навзоида медӯшанд, **фила** номида мешавад.

Ҳангоми ҷудо намудани маска аз дуғ зани дуғдор бори дуюм даруни дуғро бо дастонаш ҷудо карда мегирад.

Инчунин, мавриди равғанобкунӣ дар айлоқҷойҳо низ ҳамчун расм ба ҷо оварда мешавад. Равғанобкунӣ асосан рӯзи панҷшанбе ё ҷумъа охирҳои моҳи август ичро карда мешавад. Дар байни занони айлоқдор чунин расм вуҷуд дорад, ки онҳо ба моҳ нигоҳ мекунанд, ки моҳ пурра шуда бошад, то ки маскаи ҷамъкардаашонро об кунанд. Агар моҳ пурра гирд нашуда бошад, гӯё ҷогаҳҳои равғанашон низ пур намешаванд. Рӯзи равғанобкунӣ ба ғайр аз занони равғанобкун дигарон аз назди **къричҳо** (хонаҳои муваққати хоб дар айлоқ) дур мераванд, то ки ҳама ҷо ором бошад ба онҳо халал нарасонанд. Дар гӯйиши ғоронӣ инро бо истилоҳи ***пай нашад*** ифода мекунанд.

Соҳаи чорводорӣ дар Ғорон яке аз соҳаҳои серпаҳлӯ ва доманадор мебошад, чунки аз давраҳои гузашта то замони ҳозир мардуми ин водӣ ба ин соҳа бештар таваҷҷӯҳ медиҳанд.

2.2. Лексикаи мероси маънавӣ

Маросим як шакли амалии фарҳанги анъанавии мардум аст, ки дар замонҳои қадим ба вуҷуд омадааст. Маросим маҷмӯи амалиёти анъанавию рамзии таърихан ва мувофиқи зарурати мардум бавуҷудомада мебошад, ки

бо қувваҳои фавқуттабиӣ ва устураҳои бостонӣ марбут буда, бо мақсадҳои гуногун иҷро мешаванд. Як ҷузъи ҳамаи ин маросимҳоро матнҳои бадеию нимбадеии анъанавӣ: суруду таронаҳо, қиссаву нақлу ривоятҳо, дуову афсун, бовару эътиқодот ва силсилаи жанрҳои хурд ташкил медиҳанд.

2.2.1. Лексикаи марбут ба маросими тӯю сур. Таҳқиқи истилоҳоти ҷашну маросимҳо яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии мардумӣ ба ҳисоб меравад. Баъзе аз урфу одатҳои мардумӣ бо мурури замон сол аз сол аз байн мераванд, ё ҷойи онҳоро дигар одатҳо ва анъанаҳо мегиранд. Дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон барои ифодаи расму ойин истилоҳи расму русум истифода мегардад.

Доир ба лексикаи тӯйи арӯсӣ як қатор мақолаву рисолаҳои Р.Л. Неменова «Таджики Варзоба» (1998), Р. Ҷумъаев «Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор» (2001), А. Мардонов «Традиционная свадьба таджиков Гиссарской долины» (2002), С. Мирзоев «Суннатҳои маҳаллии мардуми Яғноб» (2007), С. Раҳматуллозода «Истилоҳоти ҷашни тӯйи арӯсӣ дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ» (2013) ба табъ расидаанд.

Тӯй суннатест, ки аз ниёгон ба мардуми мо мерос мондааст. Мафҳуми вожаи тӯйро мардуми Ғорон чунин мефаҳманд – ҷашн, ид, ба ҳаёти мустақил қадам мондан, маросими хурсандӣ, ки ба муносибати арӯсӣ ва ғайра барпо мешавад. Дар Ғорон асосан, **шакънӀ** (хатнатӯй), **тӯйи арӯсӣ, тӯйи домодӣ, тӯйи хонадаро̄й, тӯйи аз аскарӣ омадан ва гаҳворабандон** маълум мебошанд.

Калимаҳое, ки ба тӯйи хатна дахл доранд. Дар Ғорон тӯйи хатнаро **шакнӣ** (шаҳкнӣ) мегӯянд. Мувофиқи анъана ин маросим дар Ғорон як рӯз бо даъвати хешутабори аз дуру наздик ва ҳамсояҳои деҳот ҷашн гирифта мешавад. Дар ин маросим вожаҳои**: шагар ё шакън** (шахсе, ки писарони худро шаҳ мекунад) ва **чулбър** (шахсе, ки амали хатнаро анҷом медиҳад) ба кор мераванд.

Истилоҳоте, ки ба тӯйи арӯсӣ ва домодӣ мансубанд. Тӯй, сур, ҷашн, маросими машҳури мардуми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон аст. Вожаи

тӯй дар натиҷаи зиндагии муштараки мардуми эронитабор ва турктабор вориди фарҳанги тоҷикон шудааст. Дар гузашта мардуми эронитабор вожаи «сур» -ро ба кор мебурданд, ки ҳоло дар баъзе аз забонҳои бадахшонӣ мавриди истифода аст. Дар байни мардум истилоҳоти **тӯю сур**, **хатнасур** низ ба кор мераванд. Аз замонҳои қадим тоҷикон баъзе аз оинҳои шодмонии худро, ки онро бо шодиву нишот баргузор мекарданд, бо вожаҳои ҷашну сур ва баъдҳо бо тӯй ифода намудаанд. Тӯйҳо дар ҳар давру замон хусусиятҳои махсуси худро доштанд ва мувофиқи боварҳо, расму оинҳо ва таъсири мутақобилаи фарҳанги қавму миллатҳо барпо мешуданд. Ҳоло тӯй маҷмӯи бархе аз маросимҳои мардумие мебошад, ки бо ҷашну шодмонии мутантан баргузор гардида, дастаҷамъона сурат мегирад.

Тӯй дар шаҳрҳое, ба монанди Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Кӯлоб Истаравшан, Ҳисор ва ҷойҳои дигар махсусияти худро дорад. Дар водии Ғорон тӯйи арӯсӣ ҳамчун суннати ниёгон бо расму русуми қадимии худ баргузор мегардад. Г. Абдуллоева қайд менамояд, ки «Дар Қаратоғ тӯйи арӯсӣ чунин ҷашн гирифта мешавад: тӯйи камсамолӣ, тӯйи саристолӣ (тӯйи замонавӣ бо хӯрокҳою нӯшокиҳо ва рақсу бозӣ), тӯйи чавку (дар гириди алов бе хӯрок рақсу бозӣ мекунанд), тӯйи сӯфиёна (тӯйи бе ҳофизию рақсу бозӣ, ки хоси диндорон ё шахсоне, ки шароити оилавиашон имконияти даъвати ҳофизонро намедиҳад, мебошад)» [1, 96].

Русуми тӯйи арӯсии тоҷикони Ғорон дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, дар баробари умумиятҳо аз дигар водиҳои Бадахшон бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ мекунад. Бинобар ин, ҳар як лаҳзаи ин маросимро, ки истилоҳоти махсуси худро дорад, дар алоҳидагӣ аз назар мегузаронем.

Мо дар ин ҷо танҳо дар бораи вожаҳои шомили расму оинҳои тӯйи арӯсӣ ва унсурҳои луғавии ба он алоқамандро баён карда, онҳоро ба қадри имкон шарҳ медиҳем. Ба ин қатор вожаҳо ва истилоҳое дохил мешаванд, ки ба расму оин ва анъанаву суннатҳои мардуми водии Ғорон марбут мебошанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки вожаҳои ифодакунандаи расму русуми тӯй як гурӯҳи махсуси диалектизмҳои лексикиро ташкил медиҳанд.

Тӯйи арӯсӣ ва домодӣ аз марҳилаҳои зерин иборат аст, ки тавассути истилоҳоти гуногун ифода меёбад.

Лаҳзаи хешикънӣ (фотиҳа). Қадами нахуст дар анъанаи тӯйи ин мардум ин хостгорӣ аст, ки дар ин гӯйиш бо калимаи **хешитълаб** ифода меёбад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон маросими хостгорӣ бо истилоҳоти **хешикънӣ, хешитълабӣ ва гапзанӣ** ифода меёбад. Дар забони шуғнонӣ бошад, воҳиди луғавии **хешитълаб** дар шакли **хехъитлапт** маъмул аст. Дар гӯйиши тоҷикони Ишкошим ва Вахон низ бо вожаи хешитълаб, ки ба маънои **тълабидан** (талабидан) ва **хешӣ** (хешӣ) истифода мешавад, ифода меёбанд.

Калимаи **хешӣ** дар луғат ба маънои таборӣ, ақрабо будан, наздикӣ; хешӣ доштан бо ҳам нисбати ақрабогӣ доштан, хешу табор будан омадааст. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон **хешу ақрабо** низ ба маънои **хешу табор** инчунин муродифҳои хешем, хешу таборем, хешомон корбаст мешавад. Аммо дар маросими тӯйи Ғорон, ки як лаҳзаи он лаҳзаи **хешикънӣ** мебошад дар ин ҷо ба маънои **хостгорӣ** меояд.

Гъландома ай Вогз ба хонашон хешитълаб бъдан (С). *(Аз деҳаи Вогз ба хонаи Гуландом барои хостгорӣ омада буданд).*

Дар ифодаи ин лаҳза дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз ҷумла дар лаҳҷаи Тагнов, маросими фотиҳа ва хостгорӣ бо истилоҳоти **авсақолӣ** ва **гапзанӣ** ба кор мераванд, ки инҳо ба воҳидҳои луғавии **фотиҳа, хостгорӣ, гапзанон, ширинибарӣ** дар мавқеи синонимӣ қарор доранд [8, 65].

Истилоҳи **туҳфаи хешикънӣ** (якҷоя бо матоъ ва пойафзол, кулчаю ширинӣ ба арӯс мефиристанд) низ дар лаҳҷаи мазкур ба марҳилаи фотиҳа иртибот дорад).

Лаҳзаи колаи сар/қалингорӣ (қалингбарӣ). Ин марҳала дар Ғорон пас аз хостгорӣ ва розигии тарафайн баргузор мегардад. ***Давлат колаи сари бачаша рузи чоршанби мебърдаст. (К).*** *(Рӯзи чоршанбе акаи Давлат қалинги писарашро мебарад).*

Воҳидҳои луғавие, ки дар ин маросим ба кор мераванд: қалингсъпорӣ (туҳфаҳое, ки аз тарафи домод барои арӯс оварда, ба

меҳмонон нишон медиҳанд), **модарӣ** (туҳфае, ки аз тарафи домод ба таґои арӯс, дода мешавад), **амагӣ** (туҳфаи домод барои аммаи арӯс), **амъкӣ** (туҳфаи домод барои амаки калони арӯс), **моли хешикънӣ** (бузу гӯсфанде, ки ба хонаи арӯс меоранд).

Мемоно аӄи амагира дъ либос кам оwърдан (Г). *(Меҳмоно ҳаӄӄи аммагиро ду либос кам овардаанд).*

Саршуwон/саршуён. Ин маросим, ки яке аз суннатҳои мардуми Ишкошим мебошад, дар хонаи яке аз амакҳои арӯс рӯзи аввали тӯй гузаронида мешавад. Дар анҷоми ин маросим вожаҳои зерин истифода мешавад: **орусбарӣ** (аз хонаи падар ба хонаи амак барои саршуён бурдани арӯс), **сарбоф** (зане, ки мӯйи сари арӯсро бо мӯйбандак мебофад), **орускънӣ** (заноне, ки сару либоси арӯсро пӯшонда ӯро оро медиҳанд), **ӄандрезонӣ** (пас аз омода намудани арӯс ба сараш ширинӣ мерезонанд, то ки зиндагияш то абад ширин ва хушбахт гузарад).

Дар гӯйиши тоҷикони Ґорон ва тоҷикони Ишкошиму Вахон вожаи **шаҳ** (домод)-ро **шаҳмард** ва арӯсро **орус** меноманд. Яке аз лаҳзаҳои маросими тӯйи домодӣ бо номи **сартърошон** машҳур аст. Ин маросим дар хонаи яке аз амакҳои домод мегузарад. Вожаҳое, ки ба маросими сартарошон мансубанд, инҳоянд: **ширруґандиӣ** (ширравґандиҳӣ, ин ширириро хешу таборони арӯс ва домод дар сари роҳи онҳо мебароранд ва онҳо аз ин менӯшанд то зиндагияшон мисли шир сафеду ширин гузарад), **сартърошӣ** (дар хонаи амак рафиӄони шаҳ мӯйи сари ӯро ба тартиб медароранд), **пъшокпушонӣ** (либосҳои шаҳро яке аз рафиӄонаш мепӯшонад ва шаҳро ба тӯй омода мекунад), **пулпартоӣ** (дар ваӄти мӯйи шаҳро ба тартиб даровардан дар гардани ӯ рӯймол баста ва ҳамаи меҳмонони дар хона ҳузурдошта чун рамзи табрикот ба даруни рӯймол пул мепартоянд).

Вахти раворави орусу шаҳмард шъдаст оруса пъшокоша пушонед ки меран (Д). *(Ваӄти рафтани арӯсу шаҳ шудааст, либосҳои арӯса пӯшонед, ки шаҳу арӯс ба хонаи домод мераванд).*

Лаҳзаи towa (рӯзи аввали тӯй). Рӯзи аввали тӯй дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бо истилоҳи **towa** идома меёбад. Дар гӯйиши тоҷикони Ишкошим ва Вахон низ ба ҳамин маъно калимаи **towa** ифода меёбад. Ин маросим бо иштироки хешу таборони аз дуру наздик, ҳамсинфон, дугонаҳо, рафиқон, ҳамсояҳо баргузор мегардад. Ин лаҳза баъд аз саршувон ва сартарошон дар хонаи падару модари арӯсу домод шаби аввал мегузарад. Истилоҳоти марбут ба ин маросим инҳо мебошанд: **ҷетгар/ҷеткън** (шахсе, ки мардумро ба тӯй даъват намуда, вақту соати тӯйро муайян мекунад). Дар забонҳои шуғнонӣ ва рӯшонӣ ҳам калимаи **ҷетгар** мустаъмал аст. Дар забони вахонӣ ва гӯйиши тоҷикони Вахон вожаи **ҷат** ва **ҷатгар** маъмул аст.

Калимаҳое, ки ба тӯйи арӯсӣ ва домодӣ тааллуқ доранд: туйёнагир (шахсе, ки тӯҳфаҳои мардумро дар рӯзи тӯй қабул мекунад), **асавул** (шахсе, ки низоми тӯйро назорат мекунад), **халифа** (шахсе, ки арӯсу домодро никоҳ мебандад), **пъдархон** (падархонд, рафиқе, ки бо шаҳ меояд ва рӯймоли рӯйи арӯсро мекушояд ва ӯ ҳамчун падари арӯс ҳисоб мешавад). ***Ҷетгаро ба хонамон бъдан сар туй да Куйлал бъдаст мора ба туй хабар кардан (У).*** *(Ба хонаи мо ҷаҳдгарон омада буданд, пагоҳ дар деҳаи Куҳилаъл тӯй будааст ва моро ба тӯй хабар карданд).*

Аз ин гурӯҳи калимаҳо ҳудуди истеъмоли диалектизми **ҷетгар/ҷеткън** васеътар буда, қариб дар ҳама мавзеъҳои интишори шеваи ҷанубӣ ба гунаи он ҷатгар дучор меояд [17, 148]. Шакли арабии он ҷаҳд буда, дар таркиби феълии ҷаҳд кардан – даъват кардан ба кор меравад.

Лаҳзаи никоҳ. Дар маросими никоҳ истилоҳоти зерин ба кор мераванд: **owи никоҳ** (обе, ки дар он халифа дуо мехонад ва розигии тарафайнро пурсида, аз ин об шаҳу арӯс менӯшанд), **пасорус** (зани амак, ки арӯсро ҳамраҳӣ мекунад), **думод** (домод), **шаҳмард** (шаҳ), **дъгонаи орус** (дугонаи арӯс, ки ӯро дар рафти тӯй ҳамроҳӣ мекунад).

Лаҳзаи арӯсбарон ё шаҳмарду орусравон: Дар ин лаҳзаи арӯсравон хешовандони арӯсу домод онҳоро ҳамраҳӣ мекунанд. **Ҷилawгир** ва **пасорус** (амак ва ё хешовандони наздики арӯс, ки арӯсро ҳамраҳӣ мекунанд).

Хункънии ҳайвон (падару модари шаҳ ба пойи писар ва келинашон гӯсфанд мекушанд), **пояндозмонӣ** (матое, ки баробари омадани келин ва домод дар таги пояшон партофта мешавад), **орусшонӣ** (модару падари домод даромада, ба арӯс барои нишастан иҷозат медиҳад), **мъборакбодкънӣ** (тамоми хешу табор барои муборакбодии домоду арӯс меоянд), **пъшокбарорӣ** (либосҳои арӯсро хушдоман ва зани амаки арӯс иваз мекунанд), **тахтбандӣ** (матои сурхе, ки дар ду сутуни ҷойи нишасти арӯсу домод баста мешавад), **руболокънӣ** (рафиқи шаҳ шоли арӯсро бо камонғулак мебардорад ва аз ҳамон рӯз сар карда барои арӯс падар ҳисоб меёбад), **рубинон** (занҳое, ки рӯйи арӯсро мекушоянд), **рубинак** (туҳфаҳое, ки аз тарафи рӯбинон дода мешаванд), **нонруғанхърӣ** (нонравғане, ки хушдоман тайёр мекунад ва аз он арӯсу домод мехӯранд).

Оли руболокън руи оруса боло мекнад бади у тахты ҷам мекнем (С). *(Баъд аз кушодани рӯи арӯс тахти арӯсиро ҷамъ мекунем).*

Лаҳзаи тахтҷамъкънӣ. Ин маросим баъди се рӯзи тӯй гузаронида мешавад. Маросими мазкур дорои вожаҳои махсус мебошад: **хъсърсалом** (рӯзи сеюм домод ҳамроҳи рафиқаш ба зиёрати падари арӯс меравад), **ҷетгар** (шахсе, ки ҳамсояҳоро барои тахтҷамкунӣ даъват менамояд), **омадани ҷияву додии орус** (ташрифи падару модари арӯс ба хонаи домод), **омадани хешовандони пъдархон** (ташрифи падару модар ва зани падархонд ба хонаи домод), **тахтҷамкънӣ** (ҷамъбасти тӯй ва супоридани тахт ба падархонди арӯс).

Шаҳмард қатии пъдархон ба хонаи додии орус хъсърсалом (салом ба хусур) омадан (Б). *(Шаҳ бо ҳамроии падархонд ба хонаи падари арӯс барои салом омадан).*

Дар дигар манотиқҳои Тоҷикистон рӯйи арӯсро тифли солим мекушояд, аммо дар Ғорон хусусан дар минтақаи Бадахшон рӯйи арӯсро рафиқи шаҳ, ки **пъдархон** (падархон) ном дорад мекушояд, дар Ғорон хусусиятҳои хоси худро дорад.

Гъwорабахш (гаҳворабахш), расми қадимаи анъанавии маъмул дар байни мардуми Бадахшон, умуман тоҷикон мебошад. Агар дар ду хонаводаи ба ҳам наздик ё деҳаҳои ҳамсоя дар як таваллудхона, яке писар ва дигаре духтар таваллуд шавад, бо нияти мустаҳкам шудани риштаи хешутаборӣ онҳоро бо ҳам гаҳворабахш ё худ номзад эълон мекарданд. Гаҳворабандон дар байни тоҷикон бо номҳои «доманчок», «домандаронӣ» (Ҳисор), «домандарон» (Мастчоҳ, Яғноб), «кундапартоӣ» (Варзоб).

Истилоҳоте, ки ҳангоми қъдашавӣ (қудошавӣ) ва дар тӯйҳои арӯсӣ ба кор бурда мешаванд: қъда (қудо), **хешикънӀ** (хостгорӣ), **байдгу** (ҳофиз), **саръпо** (либосвориҳо барои арӯс), **рубинак** (туҳфае, ки аз тарафи наздикон ва хешу таборон барои арӯс оварда мешаванд), **камандандоз** (ин амалиётест, ки аслан ҷавонони деҳа анҷом медиҳанд. Агар домод аз қишлоқи ҳамсоя бошад, ҷавонон сари роҳи мошини онҳоро дасти ҳамдигарро гирифта мебанданд, то ки домод ба хонаи арӯс ё хонаи худашон наравад. Дар ин ҳолат худи домод ё падари домод ба ин ҷавонон бояд маблаге диҳад, он гоҳ онҳо роҳро барои домод мекушоянд). Ин анъана дар байни ҳамаи мардумони Бадахшон вуҷуд дорад. ***Дъхтаро биёйет вахти омадани орусу шаҳмард раи мошинора мегирем каманд мемонем ай додии шаҳмард пул мегирем (Х).*** *Духтарҳо биёед вақти омадани шаҳу арӯс роҳи мошини онҳоро гирифта аз падари шаҳ пул мегирем.*

Анъанаи дигаре, ки дар байни мардуми Ғорон вуҷуд дорад, ин додани **аводор** (туҳфа) ба хешу таборони аз дуру наздик омада, ки дар базми тӯйи домоду арӯс мерақсанд ва соҳиби хона онҳоро бо **awодор** (туҳфа) қадрдонӣ мекунад. Ва ҳангоми баргаштанашон ба хонаҳо соҳиби хона ба онҳо **потахс** (туҳфа) медиҳад, ки ин калима дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ серистеъмол мебошад.

Ба холамино да туй чи потахс дода будед (К). *Ба холаам дар тӯй чӣ туҳфа додед.*

Дар забонҳои вахонӣ ва шуғнонӣ бошад, вожаи пойтахс маъмул аст. [90, 49].

Номи асбобҳои зебу зиннатӣ ва сару либоси арӯс. Воҳидҳои луғавие, ки номи ороишоти занонро ифода мекунанд, аз давраҳои қадим аз ниёгонамон сарчашма мегиранд. Дар давраҳои пеш аҷдодонамон асбобҳои махсуси зебу зиннатӣ доштанд ва онҳоро дар тӯйу маъракаҳо ба бар мекарданд. Калимаҳое ҳастанд, ки онҳо барои ороиши мӯй, рӯй, гардан, кокул ва курта корбаст мешаванд. Ин вожаҳо хоси лаҳҷа ба шумор мераванд. Ба ин қабил вожаҳои зерин дохил мешаванд: **мубофтък** (мӯйбанд, кокуле, ки арӯсон дар тӯй мӯяшонро мебофанд), **кокълък** (кокул), **себофък** (як навъи ороиши мӯй), **гълубандък** (мӯҳраи гардан), **сарбандък** (сарбанди арӯс).

Асбобҳои заргарие, ки арӯс дар гардан ва дастонаш меовезад: Чила/чала (ангуштарин). Ин калима дар ҳама маҳалҳо ба маънии якхела – ангуштарин дучор ояд ҳам, аз ҷиҳати шакли овозӣ баъзан фарқ мекунад. А. З. Розенфелд дар асари худ қайд менамояд, ки дар лаҳҷаҳои Бадахшон ба мафҳуми ангуштарин калимаҳои **чала/чила** ва **чама/чаман** истифода мешавад [108, 217]. Вале аз рӯйи маънидоди ӯ маълум мешавад, ки **чама/чаман** на танҳо дар шакл, балки дар ифодаи маънӣ ҳам андак аз чала фарқ доштааст. Агар чала бевосита ба ангуштарин мувофиқат намояд, аммо **чама/чаман** навъе аз он аст, ки занҳо ба ангушт накарда, балки бо ришта ба гардан ҳамел мекарданд [108, 164].

Гушвор (гӯшвор), **гушвори марҷон** (гӯшвори марҷон), **дъсвона** (дастпона), **пешовез** (як навъи мӯҳра), **марҷон** (муҳраи марҷон). Пешовезҳо аз рӯйи шакл ва нусха гуногунанд. Пешовезҳои дароз ва кӯтоҳ мешаванд. Пешовези кӯтоҳро **гулубандък** (пешовезе, ки дар гулӯ маҳкам мешавад). Гулҳои пешовезҳо: **ҳалқек** (ҳалка), **лолек** (лола), **шахматък** (шахматгул). Ин пешовезҳо гӯшвора, дастпона ва гулӯбанд доранд.

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ва тоҷикони Ишкошим анвои либос бо вожаи **пъшок** ва муродифи он **луқу пар** ифода меёбад.

Пъшокои оруса амаша бандет ки пъгаҳ дер мешад вақт намёвем *(Ш). Либосҳои оруса ҳамаша бандед, ки пагоҳ дер мешавад.*

Дар бораи лексикаи сару либос Г. Набиева изҳори андеша намуда, қайд мекунад, ки: «… таърихи пайдоиши лексикаи сару либос аз сарчашмаҳои гуногун сар мезанад. Яке аз манбаъҳои ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои луғавии ифодакунандаи сару либос матоъҳои пахтагӣ ҳисоб мешаванд» [31, 45].

Номи либосҳое, ки арӯс дар тӯй мепӯшад: тоқӣ (тоқӣ), **шол** (шол, рӯймоли калон), **тур** (тӯри рӯйпӯши арӯс), **кърта саршуwон** (куртае, ки арӯс дар як лаҳзаи тӯй ба бар мекунад), **кърта болопуш** (куртае, аз ҳама охир аз болои дигар куртаҳо пӯшонда мешавад). То солҳои охир арӯсонро дар тӯй вақти ба хонаи домод рафтан чаҳор курта мепӯшонданд. Ин анъана дар замони ҳозир қариб, ки аз байн рафтааст ва ҳоло арӯс як курта ба тан мекунаду халос. **Шол**, ки яке аз либосҳои асосии орӯс мебошад аз рангҳои сурх, сафед, кабуд, ҷигарӣ ва ғ иборат мебошад бо 7-қабат яъне 7-намуди шолро арӯс дар сар мекунад. Ин ҳафт қабати шолро бо пешонибанд ба пешонаи арӯс баста аз болояш тӯр мепартоянд. Ин анъана ҳам қариб ки дар ҳолати аз байнравист.

Номи туҳфаҳо: Асосан хешу табори наздик ва ҳамсояҳо туҳфаҳое, ки ба тӯй меоранд онҳоро **туёна** (тӯйёна) мегӯянд. Дар гӯйиши тоҷикони Ишкошим ва тоҷикони Вахон низ истилоҳи **тӯйёна** истифода бурда мешавад, аммо дар Шуғнону Рӯшон бошад, истилоҳи тӯйёнаро калимаи **сурона** иваз мекунад.

Мо туёнара бурдем ба туйхона додем гаштем. *(Мо туҳфаи тӯйро ба тӯйдор бурда додему гаштем (В).*

Боварихо ва таъбирҳои мансуб ба тӯйи арӯсӣ: Доир ба маросими тӯй боварҳо ва таъбироти зиёде дар байни мардуми Ғорон, умуман Бадахшон, ҷой доранд, ки М. С. Андреев дар асари худ қайд намудааст ва барои муайян кардани соати нек чунин овардааст: «Баъди никоҳ халифа аз рӯйи эътиқод соат (соати нек) - ро барои бурдани арӯс аз хонаи падару модар ба хонаи домод аниқ муайян мекунад» [61, 160]. Инҳо таъбирҳое мебошанд, ки дар шакли ибора мо онҳоро меорем: **буйи хуш** дуд кардан – ин амал барои он

иҷро мешавад, ки деву ҷин аз бӯйи он гурезон шуда, ба арӯсу домод зарар нарасонанд. **Бӯйи хушро** аз гиёҳи **арақи расул** бо орд ва равғани зард якҷоя омехта карда дар болои алов мегузоранд ва он дуд мебарорад. Ин таъбир дар Рӯшон ва Шуғнон **ситирахмбӯй** ном дорад [7, 74]. Дар водии Ишкошим ва Вахон бошад, инро **бӯймонӣ** мегӯянд. Дар ҷӯроби арӯсу домод **ҳафт ҷуфт донаи гандум ё биринҷ гузоштан** – ин амал барои серфарзанд шудан, хушбахт будани домоду арӯс мебошад: **Либоси арӯсу домодро дар ғалбел гузоштан** – ин амал барои арӯсу домод дар ҳаёташон соҳиби либосҳои зиёд гардидан анҷом дода мешавад; **дар сари арӯсу домод рехтани ширинӣ –** ин маънои онро дорад, ки зиндагии онҳо то абад ширин гузарад. **Ба арӯс пӯшондани либосҳои сурх –** ин аломати хурсандӣ ва хушбахтиро ифода мекунад; **баровардани ширравған ба арӯсу домод –** орзу намудани бахти чун шир сафед; **ҳангоми тӯй ба ҳам вохӯрдани ду домод фоли бад аст** – зеро онҳо аз ҳамсарҳояшон ҷудо хоҳанд шуд ё дар байни онҳо низоъ пайдо мешавад. **пеши пойи арӯс сар буридани гӯсфанд –** ин низ аломати хурсандӣ ва сурхрӯйӣ аст. **Дар як вақт шинондани арӯсу домод** – яъне дар ҳаёти якҷояашон яке худро аз дигарӣ баланд ҳисоб накунад. **Оби никоҳро зери дарахти баҳрадор гузоштан** – ин рамзи фарзанддор шудани арӯсу домод мебошад. **Ба сари арӯс чъкидани сар** – ин амалро духтарони бешавҳар иҷро мекунанд, то ки пас аз арӯс бахти онҳо ҳам кушода шавад; **рӯйи зонуи арус ва домод гузоштани кӯдак –** ин амал барои тез фарзанддор шудани арӯсу домод мебошад; **танҳо нагузоштани домоду арӯс –** зеро ба онҳо деву ҷин офат нарасонад; **ба ҷойи домод ё арӯс нишастан –** дар вақти берун баромадани арӯс ё домод ба ҷойи якеи онҳо каси дигар мешинад, то ки дев ҷойи яке аз онҳоро банд нанамояд; **шикастани оинаи арӯс хуб нест,** ин фоли бад аст, зеро арӯс бадбахт мешавад; **оби хунук овардан ба тахт (ҷойи нишасти домоду арӯс)** – ин амали бад аст зеро зиндагии онҳо тез сард мешавад; **пешгаҳи оташдон (пузикӣ)-ро зиёрат кардани шаҳу арӯс** – ба мақсади саломату бехатар анҷом ёфтани сафар аз хонаи падар ба хонаи арӯс ва баръакс аз хонаи падар ба хонаи домод анҷом дода мешавад.

Бозиҳое, ки дар тӯйи арӯсӣ дар водии Ғорон гузаронида мешавад: аспъкбозӀ – ин бозӣ дар тӯйи арӯсиву домодӣ баргузор мегардад. Аспакро аз чӯб сохта, бо он як марди раққос бозӣ мекунад. Ин бозӣ қариб дар ҳамаи навоии Бадахшон вуҷуд дорад.

РагирӀ (роҳгирӣ) – ҳангоми омадани арӯсу домод ба хона бачаҳо дари ҳавлӣ ё хонаи домодро баста, аз падари домод ҳаққи худро металабанд ва падари домод ба онҳо маблағ ё дигар чизҳои заруриро медиҳад ва бачаҳо дар ин асно раҳи домоду арӯсро боз мекунанд.

ЧалаковезонкънӀ (сатиловезонкунӣ) – рӯзи тӯй ҳангоме, ки ошпаз ошро ба мардум мебардорад, бачаҳо дастаи сатилро бо банд маҳкам баста, аз равзана ба хона овезон карда, ошпаз ба онҳо дар сатил ош бардошта медиҳад. Ин намуди бозиҳо низ дар водии Вахон дар рӯзи тӯй иҷро мегарданд, ки муҳаққиқ С. Матробиён дар китоби худ пурра шарҳ додааст [90, 74]

Истилоҳоте, ки ба тӯйи гаҳворабандон алоқаманданд. Ин маросим баъди ҳафт рӯзи ба дунё омадани кӯдак баргузор мегардад. Истилоҳоти ин бахш ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

Вожаҳое, ки ба тавлиди тифл алоқаманданд: нофкънӀ (нофи кӯдакро буридан), **азонхонӀ** (пас аз як ҳафта дар гӯши кӯдак хондани азон), **мъборакбодӀ** (ба муборакбодии зани таваллудкарда омадан), **рубинон** (занҳо ва духтароне, ки рӯйи кӯдакро мебинанд, ягон чизро туҳфа мекунанд), **рубинак** (туҳфаҳои барои кӯдак овардаи хешовандон), **уштъккънӣ** (печонидани кӯдак).

Калимаҳое, ки номи асбобу анҷоми гаҳвора ва лавозимоти кӯдакро ифода мекунанд: гъwора (гаҳвора), **катък** (гаҳвора), **дъстбандък** (дастбандак), **курпа** (кӯрпа), **курпача** (курпача), **тойсарӀ** (болишти сар), **ғулачуб** (чӯбдасти гавҳора) **дъстбандъкуб** (чӯбдастбанд).

Номи маросимҳое, ки ба муносибати таваллуди тифл гузаронида мешаванд: чилабарорӀ (пас аз чил рӯзи таваллуд кӯдакро ба ягон ҷой меҳмонӣ мебаранд), **саркалӀ** (мӯйсаргирон, дар яксолагӣ дар ҳамон санае, ки

кӯдак таваллуд шудааст, базм ороста, яке аз пирони бадавлат мӯйи сари кӯдакро метарошад).

2.2.2. Лексикаи ҷашнҳои мардумӣ: Наврӯзи мардуми Ғорони ноҳияи Ишкошим чи аз ҷиҳати суннат ва чи аз ҷиҳати лексика хусусиятҳои ба худ хос дошта, дар баробари умумиятҳо аз дигар манотиқи ҳаммарз фарқиятҳо низ дорад. Бояд гуфт, ки вижагиҳои марбут ба иди Наврӯз дар гӯйиши тоҷикони Ғорон хеле гуногун буда, омӯзиш ва таҳқиқи пурраро талаб менамоянд.

Қайд кардан лозим аст, ки Наврӯзро дар Ғорону Ишкошим ва Вахон **Шогун** меноманд. Калимаи **Шогун** дар лаҳҷаҳои бадахшонии тоҷикӣ ва забонҳои помирӣ (вахонӣ, ишкошимӣ) маънои **фоли нек**, **хосияти накӯ**-ро доро аст. Иди Наврӯз яке аз ҷашнҳои густурда ва қадимтарини ориёиҳо мебошад.

Омадани Шогун (Наврӯз) дар Ғорон аз **съманъкмонѝ** (суманакмонӣ) оғоз меёбад. Дар забони адабии тоҷик бошад, ба шакли **суманак** маъмул аст. Суманакро дар Ғорон як моҳ пеш аз Шогун сабзонида тайёр мекунанд ва дар ҷашн аз вай хӯрокҳои гуногун омода мекунанд. Суманакро дар водии Ғорони ноҳияи Ишкошим бо ду тарз тайёр мекунанд.

1. нонӣ. Ин намуд суманакро аз орди суманак пухта, нонашро бо шир ва равған тайёр карда мехӯранд. Аввал сабзаи суманакро хушк карда сипас онро дар **осиёб** ё **ҷъwоз** (ҷувоз) нарм мекунанд.

2. шошп. Ин навъи суманак дар шакли атоламонанд тайёр карда мешавад. Занҳои деҳа якҷо шуда, оташ мегиронанд ва суманакро бо хондани сурудҳои дар васфи суманак мепазанд ва ба ҳамаи одамони деҳот аз ин суманак тақсим мекунанд.

Съ́рхимонѝ (сурхимонӣ), як рӯз пеш соҳиби калони хона, ё падар ё модар, матои сурхро ба рӯйяш **гард (сафедӣ)** аз орд монда, дар ягон ҷойи баланди ҳавлӣ мегузоранд. Аз давраҳои хеле қадим дар байни мардуми ориёӣ ойине маъмул буд, ки пеш аз фарорасии соли нав – Шогун (Наврӯз) мардум тамоми хонаву либосҳоро шустушӯй намуда, худро поку озода мекарданд.

Дар водии Ғорон саҳари барвақт зани хона аз ҷӯйбор оби тоза ба хона меорад ва як пиёларо аз равзана ба хона мерезад, то ҳамаи баракат дар хонаи ӯ пайдо шавад. Ҳамон касе, ки барои оббиёрӣ меравад, бояд аз хона то сари чашма ё даре ва аз он ҷо то хона ба касе сухан нагӯяд. Дар урфу одати ғорониҳо обро ба хона оварда, як қисмашро ба хамир меандозанд ва як қисми дигарашро барои пухтани хӯрокҳо истифода мебаранд ва аз бозмондааш ҳамаи аҳли хонавода кам - кам менӯшанд, ки он шогуни нек ҳисоб меёбад.

Тахзанӣ/хонатахзанӣ (хонабаророн, хонатаконӣ), чангу ғубори соли гузаштаро тоза карда, то ки ба соли нав ҳама ҷо тоза ва дилҳои мардум ҳам тоза бошанд. Мардум як ҳафта пеш аз фарорасии Шогун кӯрпаву палосҳоро аз хона берун бароварда, хонаро руфтаю тамиз мекунанд, курпаҳою пардаҳоро мешӯянд ва хушбӯй мезананд. Тамоми палосу кӯрпаву лавозимоти манзилашонро офтоб дода метаконанд, деворҳои хонаро сафед намуда, тозаву озода месозанд. Дегу зарфҳоро шуста тоза мекунанд. Зеро хонаву дари тоза рамзи соли наву иқболи нав аст. Мардум бовар доранд, ки агар соли навро дар хонаи тозаву озода пешвоз бигирӣ, ҳамон солро бо хушиву хурсандӣ мегузаронӣ.

Дудабарорӣ/дудазанӣ (дудабарорӣ) – Дар ин рӯз яке аз мардони хона ду чӯбдаст тайёр карда, дар нӯги онҳо ҷорӯбро мебандад, ки яке **саворачорӯб** ва дигаре **пиёдачорӯб** ном дорад ва онҳоро аз равзана ба хона медарорад. Хонаро як ё ду кас аз занҳо рӯбучин карда, дударо ба ҷойи дур, ки касе ба болои он нагузарад, бурда, бо ҷорӯбҳо мепартоянд. Дар вақти партофтани дуда дудапарто кӯшиш мекунад, ки дар ин вақт ба ӯ касе дучор нашавад ё ӯро касе набинад, дигарон ҳам кӯшиш мекунанд ба дудапарто дучор наоянд, зеро дударо кинаву адоват ва ғаму андӯҳи порсола ҳисоб карда, аз он дурӣ меҷӯянд.

Пъчрмшъканӣ. Лаҳзаеро, ки хӯрокҳои Шогунро якҷоя бо ҳамсояҳо ва хешу табори наздик мехӯранд пъчръмшиканӣ мегӯянд. Одатан пъчръмро баъд аз тоза намудани чангу ғубори хона мешикананд. Баъд аз рӯбучини хона ва Шогун кардани он, лаҳзаи пъчръмшиканӣ фаро мерасад. Хусусан, кӯдакон

онро бесаброна интизор мешаванд. Ҳангоми ба хона даромадан одамон ба хона **ғимча/химча** – шохчаҳои бедро гирифта, «**Шогуни баҳор мъборак**» (*Шогуни баҳор муборак)* гуфта медароянд. Дар ин асно зани хона дар ҷавоб «Ба руи шъмо ҳам мъборак» (Ба рӯи шумо ҳам муборак) гуфта бӯйи хуш меандозад, ки он аз гиёҳи араҷи расул, орд ва равган тайёр карда мешавад. Ба панҷ сутуни хона орд мезананд, ки онро дар гӯйиши Ғорон **гард** мегӯянд. Дар ин лаҳза ҳама сарҷамъ омада пъчрм (хӯрокҳои шогунӣ)-ро мешикананд.

Гардзанѝ: кадбонуи хона ба китфи одамони ба хона даромада орд мепошанд, ки онро дар Ғорон гардзанӣ мегӯянд. Гардзанӣ, ки бо орд, яъне бо сафедӣ амалӣ мешавад, рамзи хос дорад. Ранги сафед (некӣ) ифодагари пирӯзӣ бар сиёҳӣ (бадӣ) аст, нафаре, ки **пъчръмро** мекушояд, ба хонадон некӣ ва хушбахтӣ биёрад. Фалсафа ё ҳикмати **гардпошӣ/гардзанӣ** ин талаб кардани хубӣ ва рӯзгори неку буда, бо ин ния мардум мехоҳанд ҳама гуна ранҷу бало ва зиштию нохушӣ рафъ шавад. Вақти пъчръмшиканӣ кӯшиш бояд кард, ки ягон одами калонсол ва ба пою қадам аввал ба хона дарояд.

Бозиҳои шогунѝ: Дар ин рӯз бозиҳои ҳархела дар байни писарҳо, духтарҳо ва мардҳо, аз қабили **қустингирѝ** (гуштигирӣ), аспдавонѝ, **каwгҷангонѝ** (кабкҷанг), **бъзкашѝ** (бузкашӣ), **хърусҷангонѝ** (хурӯсҷанг), **лашбозѝ, тъхмҷангонѝ** (тухмҷанг), **дорбозѝ** (арғунчак) баргузор мегардад. Дар водии Ғорон дар ин рӯз ҳамаи занон ва духтарон дорбозӣ (арғунчакбозӣ) мекунанд, то ҳамаи гуноҳҳояшон пок шаванд. Дар забони вахонӣ **дорбозиро** (арғунчак)-ро **улчак/wулчак** мегӯянд [90, 53].

Хонагаштък (хонагаштак). Шахси дар хонабуда, ки дударо мезанад, баъд дуо хонда, сутунҳову тирчӯбҳо ва дастакҳои хонаро орд мепошад. Суннати ордпоширо дар Ғорон **гардзанѝ** меноманд. Дар ин лаҳза тамоми ҳамсояҳо, хешу таборон ёрӯ дӯстон барои табрики ҳамдигар ба хонаи ҳам меоянд. Онҳо дар дастҳояшон химча гирифта ба хонаи ҳамдигар даромада ба ҷойи салом дар ин рӯз «Шогуни баҳор муборак» гуфта, соҳиби хона ба онҳо «Ба рӯи шумо ҳам муборак» гуфта ҳамдигарро табрик менамоянд ва бо ҳам хӯрокҳои шогуниро мехӯранд. Касоне, ки дар тӯли чанд сол ва моҳ бо ҳам

қаҳрӣ буданд, ҳамдигарро мебахшанд, бо ҳам оштӣ мекунанд ва ба хонаи ҳамдигар муборакбодӣ меоянд.

Кълчаи шогунбарӀ (кулчаи шогунӣ) – пас аз се рӯзи Шогун (Наврӯз) ба хонаҳои духтарону хоҳарони худ ё дигар хешу таборони наздик, ки дар деҳаҳои гуногун шавҳар кардаанд, туҳфа мефиристанд ё ин ки худашон хабаргирӣ мераванд.

КудакбарорӀ (кӯдакбарорӣ) – суннати дигаре, ки дар рӯзи Шогун (Наврӯз) баргузор мегардад. Ин суннати кӯдакбаророн (бори аввал аз хона ба берун баровардани кӯдакони навзод) ва **саркалӀ** (сартарошон) мӯйи кӯдаки навзодро бори аввал қайчӣ кардан мебошанд.

ГоwбарорӀ (ҷуфтбаророн). Аз солҳои пеш то ин ҷониб дар водии Ғорони ноҳияи Ишкошим то фарорасии Шогун маросими ҷуфтбаророн барпо мешавад. Рӯзи аввал деҳқонон дар хонае ҷамъ омада, дастҷамъона оши палав пухта мехӯранд. Сипас, онҳо ба сари замин рафта ба шохҳои барзаговҳо равғани заҒир молида ва ба сару бадани говҳо орд мепошанд, ки рамзи хайру баракат ва фаровонии ҳосилро ифода мекунад. Рӯзи аввал каме шудгор мекунанд, яке аз мӯйсафедони калонсолтарини деҳа ба тариқи рамзӣ ва муборакии кор чанд мушт гандум мепошад. Он рӯз бармегарданд ва кори асосӣ рӯзи дуюм оғоз мешавад.

Иди Қурбон яке аз ҷашнҳои суннатии мардуми мусулмон, аз ҷумла тоҷикон мебошад. Ин ид рӯзи 10-уми зулҳича – солшумории ҳиҷрӣ баргузор мегардад. Дар бораи пайдоиш ва густариши он дар байни мардум баъзе ривоятҳо мавҷуд аст. Дар ин рӯз мардуми Ғорон бештар аз ҳайвонот гӯсфандро қурбонӣ мекунанд. Ва ин гӯсфанди қурбонкардагиро ба ҳамсоягон ва хешу таборон тақсим мекунанд. Дар водии Ғорон бештар гӯсфандоне, ки гирди чашмонашон сиёҳ аст, ҳамонро қурбон мекунанд.

Истилоҳоте, ки ба иди Қурбон мансубанд: дохонӀ (дуохонӣ), **мешкъшӀ** (гӯсфандкушӣ), **қасоидхонӀ** (қасидахонӣ), **мадохонӀ** (наътхонӣ)

Иди Рамазон, яке аз ҷашнҳои миллии мардуми мусулмон мебошад, ки дар поёни моҳи Рамазон, рӯзи якуми моҳи шавволи солшумории ҳиҷрӣ

баргузор мегардад. Аз ҷумлаи воҷиботи динӣ дар ин рӯз додани садақаи фитр ва баргузории намози ид мебошад, ки мусулмонон ба анҷом додани онҳо бо моҳи шарифи Рамазон то соли оянда хайрбод мегӯянд. Баъд аз он ба сари мазор ё қабри гузаштагон, хонаи наздикону пайвандон, ёру дӯстон, ҳамсоягон рафта, бо арвоҳи фавтидагон оят тиловат мекунанд ва дар ҳаққи онҳо дуову фотиҳа мехонанд. Занони куҳансол дар ин рӯз **пилта** тайёр карда, ба ҳамсоязанҳои дигар тақсим карда, он пилтаҳоро дар хона, мазор (остон) ва дар сари қабри гузаштагон дар мегиронанд. **Пилта** (фатила) аз дока ё сони сафед бо илова намудани равған тайёр карда мешавад. Пилта тамсил аз ояти (сура)- и Нур аст. Мақсад аз гирондани пилта роҳи арвоҳ (руҳ) равшан кардан аст. Дар идҳои Рамазон ва Қурбон низ болои **пузикӀ** (оташтон) чароғак дар мегиронанд.

Анъанаву суннатҳои неке, ки дар рӯзҳои ид анҷом дода мешаванд, он ба ниёзмандон хайру саховат кардан мебошад.

Калимаву истилоҳоти мансуб ба иди Рамазон: хъдои бърдан ба мазор (дар мазор худоӣ кардан), **ба сари қawр рафтан** (ба сари қабр рафтан), **пилта бърдан ба мазор** (фатила гирондан дар мазор), **пилта бърдан ба сари хокдон** (фатила гирондан дар сари қабристон).

2.2.3. Лексикаи маросими мотам ва азодорӣ: Мардуми тоҷик низ ба мисли халқҳои дигар расму ойин, азову тӯй доранд, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо онҳо аз насле ба насле то замони мо расидааст. Мотам яке аз маросимҳои қадимии мардуми Бадахшон, аз ҷумла водии Ғорон мебошад. Доир ба масъалаи маросими мотам мардумшиносону фолклоршиносон М. С. Андреев (1953), Н. Бобринский (1908), М. Раҳимов (1953), О. Муродов (1979, 1990), Р. Л. Неменова (1998), Ҳ. Тавакаллов (2007), А. Шоинбеков (2012) маълумот додаанд. Маргу дафн – маҷмӯи расму анъанаҳои марбут ба марг ва маросими дафн, ки дар байни тоҷикон маъмуланд. Вобаста ба маргу дафн дар байни тоҷикон бисёр расму анъанаҳо ва маросимҳо вуҷуд доштанд, ки қисме аз онҳо бо мурури замон ва таъсири пешравиҳои илмию техникӣ дар ҷомеа аз байн рафта, қисмати дигарашон то рӯзгори мо расидаанд. Расму анъанаҳо ва

маросимҳои марбут ба маргу дафн аслан дар байни тамоми тоҷикон ҳамгун буда, дар баъзе маҳаллу минтақаҳо бо баъзе тафовутҳои ҷузъӣ фарқ мекунанд. Ин расму таомулҳо пеш аз марг, ҳангоми дар бистари беморӣ будани шахси миранда сар мешавад. Дар таркиби маросими мотам ва раванди азодорӣ дар байни тоҷикон расму оин ва маъракаҳое ҳастанд, ки реша ба таърихи гузашта доранд. Барои он ки асли масъаларо ба таври дуруст мавриди баррасӣ қарор дода бошем, бо баъзе оинҳои вобаста ба мотам ишорат менамоем. Маросими мотам аз аввал то охир аз лавҳаҳои махсуси драмавӣ иборат аст. Он аз оҳу фиғон, доду фарёд, марсияхонӣ ва суханҳои дигар, ки бадоҳатан гуфта мешаванд, иборат аст. Ҳар кадоми оинҳо дар навбати худ қонун ва қоидаҳоеро дороянд. Аз ин рӯ ба таври мухтасар баъзе лаҳзаҳои асосии раванди маросими мотамро шарҳ медиҳем.

Калимаҳою ибораҳое, ки ба соҳаи маргу дафн марбутанд: ай дънё гъзаштан (аз дунё гузаштан), **мърдан** (мурдан), **чашм пушидан** (чашм пӯшидан), **тамом шъдан** (мурдан), **бандагӣ кардан** (мурдан), **даргъзаштан** (вафот кардан), **гуристон** (қабристон), **сари хок,** (қабристон), **тайи хок** (таги хок), **манзил** (қабр), **сари манзил** (сари қабр), **қawр (**қабр), **кафан** (матоъ), **мърдашу** (шахсе, ки мурдаро мешӯяд), **owрез** (шахсе, ки ба сари мурда об мерезонад), **чил (**пас аз чил рӯз маърака кардан), **чъроғгиронӣ** (чароғдаргиронӣ), **сиягирӣ** (сиёҳбардорӣ), **ҷъмагӣ** (ҳар бегоҳии ҷумъа хатм бахшидан).

Чъроғгиронӣ (чароғдаргиронӣ). Суннати чароғравшанкунӣ яке аз оинҳои мазҳабии ҷамоати исмоилмазҳаби Бадахшони Тоҷикистону Афғонистон мебошад, ки он дар миёни маскунони ин манотиқ бо номҳои «Даъват», «Даъвати Пир Шоҳносир» ва «Чароғравшанкунӣ» маъруф ва машҳур аст. Оини мазкурро тибқи анъана рӯзи савум ба вақти субҳи козиб (ҳоло ними шаб) пас аз фавти касе бо мадҳиясароӣ анҷом медиҳанд. Маросими «Даъват» ё «Чароғравшан» аслан аз се қисмат иборат мебошад.

-ҳидояти ҷамоат дар рӯҳияи ахлоқи исломӣ,

-мадҳиясароӣ,

-анҷом додани маросими «Чароғравшан».

Ҳангоми баргузории бахши аввал яке аз донишмандон дар атрофи мавзӯъҳои «ҳикмати марг», «марг бозгашт ба сӯйи Худост», «некии шахс пеш аз ӯ фиристода мешавад», «зиндагӣ як даричаест ба сӯйи олами бақо» суҳбат карда аз Қуръону ҳадисҳо далелҳо меоварад. Дар қисмати дуюм, ки **мадҳиясароѝ** ном дорад, бо **ръбоби** (рубоби) бадахшонӣ мадҳиясароён зикри Худою Расул ва хонадони Ҳазрати Муҳаммадро мекунанд. Ин қисмат ҳам ҷиҳати тарбиявӣ дорад ва ҳам як навъ ибодат ва тасаллиятест барои бозмондагон.

Дар бахши чароғравшанкунӣ назди **халифа** (пешвои мазҳабии маҳал), **чъроғдон** (чароғдон), пахта, равған ва ду адад **далилък** (фатила)-ро ҳозир мекунанд ва халифа пилтаро тоб дода матни чароғномаро қироат менамояд. Ҳозирин бошанд пас аз анҷоми ҳар як байти муноҷот ба Ҳазрати Муҳаммад (с) ва аҳли байти ӯ дуруд мефиристанд.

«Чароғнома» маҷмӯаи ашъори мазҳабие мебошад, ки муноҷот дар васфи Аллоҳи таъоло, фариштагон ва пайғамбарони Худо, Имомони фирқаҳои шиа, Ҳаким Носири Хусрав ва оёти қуръониву дуоҳоро дар бар мегирад. Бо баргузор кардани ин маросим сиёҳӣ (мусибат) аз хонадон бардошта мешавад. Ин маънои онро дорад, ки мотам ба охир расид ва давом додани гиряву нола ва ғам боиси нороҳатии арвоҳи гузашта мешавад.

Даъват – фаро хондан ба мазҳаб, даъват кардан ба омӯзиши таълимоти мазҳабӣ. Исмоилиёни Бадахшон ин маросимро ба таври дигар бо унвони «Чароғравшан» низ ном мебаранд. Маъмулан даъват дар гузашта дар рӯзи сеюм ва алъ **алҹ он,** он дар рӯзи дуюми маросими бо номи «Даъвати пир Шоҳ Носир» ба хотири марҳум баргузор мегардад.

Дар шаби даъват низ мисли шаби аввал як ҷуфт чароғи суннатӣ, ки аз чӯби хушки дарахти арча, ки бо он пахтаи тоза тофта дар равғани зард онро тар мекунанд, равшан карда мешавад. Баъд аз ба таври махсус тофтани пилта (фатила) халифа бо овози баланд ба хондани матни «Чароғнома» оғоз мекунад ва аҳли даъват дар ҷавобаш «Салавот бар Муҳаммад мегӯянд». Пас

аз хатми «Чароғнома» писари калонии мутаваффот чароғи муқаддасро се бор зиёрат мекунад ва онро болои даст гирифта ба суфаи оташдон мебарояд. Сонӣ ҳар кадоме аз аъзоёни оила омада се бор чароғро зиёрат мекунанд. Баъди анҷом чароғдонро дар болои оташдон мегузоранд ва он сӯхта-сӯхта хокистар мешавад.

Гӯшти насиба – ғизои табаррукӣ, гӯшти гӯсфанде, ки дар маросими «Чароғравшан» забҳ мекарданд. Ҳозир ин русум аз тарафи тариқати мазҳабӣ манъ карда шудааст. Ба ақидаи мардум, гӯё ҳамин гӯсфанд Буроқи рӯҳи инсон буда, дар вақти гузаштан аз пули Сирот барои рӯҳ кӯмак мекунад.

ГирякънӀ (гиряву нола) – гиряву зорӣ дар рӯзи вафоти шахси наздик мебошад. Дар хонадоне, ки яке аз аъзои он фавтидааст, аҳли хонавода ва дигар шахсон ба гиря шурӯъ мекунанд. Занҳо бештар ба доду фарёд ва баён намудани дарду алами худ мардумро аз ҳодисаи ба сарашон омада огоҳ менамоянд. Ҳамсояҳо ва тамоми хешу табори дуру наздик ба **мърдахона** (хонае, ки аз аҳли он фавтидааст) меоянд ва дар баробари шахсони азодор изҳори ғаму андӯҳ мекунанд. Дар ин рӯзи мусибат занҳо бо ҳамроҳии аҳли хонавода баланд гиряву нола карда байту рубоиҳои ғамангез месароянд. Ин гуна шахсонро дар Ғорон **фарёдзано** меноманд. Занҳои бисёр дар қатори аъзои оила нишаста, рубоиву сурудҳои ғамангез месароянд. Яке аз онҳо рубоӣ месарояду дигарон бошанд мисраи охирини рубоиро бо ӯ ҳамовоз мешаванд. Баъзе аз хешовандони наздик бошанд, ба рӯйканиву мӯйканӣ дарду алами худро изҳор мекунанд. Ин анъана то имрӯз ҳам дар тамоми манотиқи Бадахшон, хусусан дар водии Ғорон ҷоиз аст.

Гияву нолаи барзиёд дар чанд лаҳза сурат мегирад. Дар лаҳзаи фавт, **мърда** (ҷасад) -ро аз ҷойе ба хона овардан, ҷасадро ба тобут андохтан ва тобутро аз хона ба сӯйи қабристон бурдан. Гирякунӣ дар Ғорон то як сол давом мекунад. Ҳар бегоҳ занҳои ҳамсоя ба хонаи **мърдадор** (мусибатзада) омада, бо худ хӯрок меоранд ва бо ҳамроҳии аҳли хонавода рубоисароӣ мекунанд. Гиряи мардҳо аз занҳо фарқ дорад. Мардҳо бештар рӯзи ба **хоксъпорӀ** (дафн) гиря мекунанд ва то аз дилашон зудуда нашудани марг

паст-паст дар дилашон гиря мекунанд. Як навъи гиря дар рӯзи маросим аз ҷониби хешовандони марҳум сурат мегирад. Онҳо то сари қабр пешопеши **мърда** (тобут) гиря карда ва ҳатто ҳангоми ба қабр гузоштани мурда гиряву нола мекунанд. Солҳои охир аз ҷониби халифа рафтани занҳо то сари қабр мамнӯъ шудааст. Ҳангоми ба таъзия омадани занон хешовандони марҳум меҳмононро бо гиря пешвоз мегиранд ва баробари ворид шудан ба ҳавлӣ бо овози баланд гиря карда ва даст ба гардани соҳибони мурда андохта, бо тамоми овоз гиря мекунанд. Мардҳо бошанд дастони ҳамдигаро бӯсида, таъзия баён менамоянд.

Оид ба маросими мотам дар байни мардум боварҳо ва таъбирҳои зиёд вуҷуд доранд. Аз ҷумла М. С. Андреев ҳангоми маросими «Чароғравшанкунӣ» -и мардуми Хуф пайдо шудани шапаракро чунин зикр намудааст: «Шапарак бегоҳӣ ба хона парида меояд, ӯ дар ин ҷо низ рӯҳи марҳум шуморида мешавад, ки хоҳиши хабар гирифтани манзилаш доштааст» [62, 208]. Дар Ғорон ин гуна шапаракро **арwок** мегӯянд, ки рангаш сап-сафед аст ва онро ҳеҷ гоҳ касе аз хона берун намекунад ё озор ҳам намедиҳад. Ин намуди **арwок** (шапарак) рӯзона ба хона намедарояд, танҳо шабона.

Умуман, маросими мотам ва аъзодорӣ дар Ғорон, яке аз маросимҳое мебошад, ки дорои манбаи бойи луғавӣ мебошад.

2.2.4. Лексикаи истилоҳоти хешутаборӣ. Лексикаи хешутаборӣ ва воҳидҳои луғавии он як қабати муҳими таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони водии Ғорон ва шеваи ҷануби забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. «Истилоҳоти хешу таборӣ яке аз қисматҳои муҳими лексикаи забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Калима ва истилоҳоти хешутаборӣ як ҷузъи лексикаи шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқиро ташкил дода, аз қадим ба унвони вожаҳои зарурии ҳаёти мардуми эронитабор ва бархе аз онҳо чун унсурҳои муштараки оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар тӯли таърих ҳамвора такмилу ташаккул ёфта, бо роҳу воситаҳои гуногун сохта шудаанд» [46, 3].

Вожаҳои хешутаборӣ як ҷузъи муҳими таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғоронро ташкил медиҳанд. Дар илми шевашиносии тоҷик ин соҳа ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст ё тадқиқоти ҳамаҷониба бурда нашудааст. Танҳо муҳаққиқон дар бораи истилоҳоти хешутаборӣ ба тариқи фишурда маълумот додаанду халос. Қайдҳои ҷудогонае, ки дар бобати ин мавзӯъ мавҷуданд, танҳо ба баъзе истилоҳҳо тааллуқ дошта, тадқиқи этимологӣ, инкишоф, ҷараёни истеъмол, гуногунӣ ва ҳудуди интишори ин воҳидҳои луғавиро пурра дар бар намегиранд. А. К. Писарчик вобаста ба хусусиятҳои этнографии баъзе истилоҳоти хешутабории забони тоҷикӣ ва забонҳои бадахшонӣ маълумоти мухтасар додааст [1953; 71, 74]. Инчунин, доир ба калимаву истилоҳоти хешутабории шеваи ҷанубӣ, то андозае муҳаққиқон мавриди назар намудаанд (Маҳмудов, 1978; Розенфелд, 1976; Ҷӯраев, 1970; Зайниддинова, 1973-1977; 1980 Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, С. Раҳматуллозода, 2014;)

«Истилоҳоти хешутаборӣ як ҷузъи лексикаи шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқиро ташкил дода, аз қадим ба унвони вожаҳои зарурии ҳаёти мардуми эронитабор ва бархе аз онҳо чун унсурҳои муштараки оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар тӯли таърих ҳамавора такмилу ташаккул ёфта, бо роҳу воситаҳои гуногун сохта шудаанд» [46, 3]

Истилоҳоти хешутаборӣ муносибати хешутабории хонавода, авлод ва қавмро дар бар гирифта, бо мурури замон доираи худро васеъ мекунанд ва мо ба туфайли онҳо тафовутҳои ҷинсиву хешӣ ва синнусоли аъзои ҷамъиятро мефаҳмем. Ҳар як шахс дар навбати худ сарчашмаи авлод, хонавода ва ё хешу табор ба шумор меравад, зеро хонавода, хешутабор ва авлод аз ӯ сар шуда, инкишоф меёбанд. Чунин муносибатҳои хешутаборӣ дар ҷамъияти инсонӣ ба тавассути силсилаи калимаҳои ифодакунандаи онҳо таъин карда мешаванд. «Вожаҳои **падар, фарзанд, додар, хоҳар** танҳо номҳои фахрӣ набуда, балки номҳое мебошанд, ки вазифаҳои тамоман муайян ва ниҳоят муҳимми байни якдигарро ба миён меоваранд» [168, 29]. Хонадоршавӣ ва якҷоя умр ба сар бурдани ду ҷинс боиси зиёд гардидани шумораи аъзои оила

мегардад. Афзоиши хешу табор, пеш аз ҳама, вобастаи ду сарчашма –зану мард буда, ҳар кадоми онҳо давомдиҳандаи авлоди ояндаи худ ба шумор мераванд. Аз ин ҷо хешони модарӣ ва падарӣ шурӯъ мешаванд. Агар хола ё таґо гӯем, хешони модар (пеш аз ҳама, хоҳару бародари модар) амак ё амма гӯем, авлодони падар (пеш аз ҳама, бародару хоҳари падар), фаҳмида мешаванд. Ном бурдани хешу табор ба синну сол ва ҷинсият низ вобаста аст. Аз ҷумла ба бародари калонӣ ва хурдӣ ё хоҳарони калонию хурдӣ бо як истилоҳ муроҷиат намекунем. Масалан, истилоҳи **ака** ба бародари аз худ калон, **бийор** ба додари хурд ва апа ба ҳоҳари калону **хоҳар** ба хоҳари аз худ хурд тааллуқ дорад.

Шевашинос ва этнограф А. В. Деснисская дар асари худ «Вопросы изучения родство индоевропейских языков» истилоҳоти хешутабориро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст:

1.Истилоҳоти хешони ҳамхун

2.Истилоҳоти хешони ғайриҳамхун [74, 28-52].

Мо низ ба ин суханон такя намуда, истилоҳоти гӯйиши тоҷикони Ғоронро ба ду гурӯҳ ҷудо намудем.

Ба гурӯҳи аввал, истилоҳоти хешони ҳамхун, чунин истилоҳот дохил мешаванд: **додѝ** (падар), **ҷия** (модар), **ака** (ака), **апа** (апа), **биёр** (додар), **хъwар** (хоҳар), **амма** (хоҳари падар), **амък** (додари падар), **хола** (хохари модар), **таґа** (додари модар), **мъмо** (момо), **бъбо** (бобо), **хъwарзо** (фарзандони хоҳар), **бийорзо** (фарзандони бародар), **нъwоса** (набера), **бачаи амък** (писарамак), **дъхтари амък** (духтарамак), **бачаи амма ва бачаи таґа** (писари амма ва таґо). Истилоҳи **«нувоса»** -ро дар лаҳҷаи қаротегинӣ ва шимоли Кӯлоб бо истилоҳи **наваса, нъваса, нъмаса** истифода мебаранд [24, 257].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон баъзан ба ҷойи калимаи **ҷия** (модар) вожаи **«нъна»** ба ҷойи калимаи **додѝ** (падар) **дъда** ва ба ҷойи калимаи **бародар** вожаи **биродар** истифода мебаранд. Вожаи **биродар** бештар дар лаҳҷаҳои дарии Афғонистон истифода бурда мешавад.

Дар забонҳои дигари бадахшонӣ (помирӣ) бошад, хусусан, дар забонҳои шуғнонӣ, рӯшонӣ, ишкошимӣ ва вахонӣ барои ифодаи мафҳуми модар вожаи **нан** ва дар гӯйиши тоҷикони водии Вахон истилоҳи **нанӣ** истифода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон фарзанди охирониро **саркъръкѝ** ҳам меноманд.

Саркъръкит дъхтар бъд ё бача ай тъ (С). *(Фарзанди охиронатон духтар буд ё писар).*

Шевашиносон Р. Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев дар асари «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» зикр мекунанд, ки истилоҳоти хешони ҳамхун ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) ҳамхуни пурра

б) ҳамхуни нопурра

Ин гуна табақабандӣ дар таҳқиқи номҳои хешовандии забони форсии миёна низ сурат гирифтааст (Д. Саймиддинов 2001, 84-86). С. Раҳматуллозода бошад, вожасозии истилоҳоти мазкурро аз рӯйи ҷинсияти лексикиашон ба се гурӯҳ тақсим намудааст.

1. Калимаҳои хешутабории мансуб ба ҷинси мардона.
2. Калимаҳои хешутабории мансуб ба ҷинси занона.
3. Калимаҳои хешутабории умумиҷинс.

Дар асоси тақсимоти муҳаққиқони болозикр Р. Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев мо низ истилоҳоти хешутабории гӯйиши тоҷикони водии Ғоронро ба ҳамин ду гурӯҳ тақсимбандӣ намудем.

Ба гурӯҳи аввал, истилоҳотеро дохил намудем, ки дар ифодаи шахс ё аъзои оила ё онҳое, ки аз як падару модар таваллуд ёфтаанд, зарур мешуморем. Инҳо **додѝ** (падар), **ҷия** (модар), **апа, ака, бийор** (додари хурдӣ), **хъwар** (хоҳари хурдӣ) мебошанд, ки дар асл хешони худӣ, яъне ҳамхуни пурра мебошанд.

Ба гурӯҳи дуюм, хешони ҳамхуни нопурра, шахсоне дохил мешаванд, ки онҳо дар оила аз як падаранд ва аз модар ҷудоянд ва ё баръакс аз модар

якҷоянд аз тарафи падарӣ ҷудоянд. Дар Ғорон инҳоро фарзандони **пъдар қативу модар ҷудо** ё баръакс **модар қативу пъдар ҷудо** ном мебаранд.

Ба гурӯҳи дуюм истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутабории ғайрихунӣ мансубанд: сънор (келин), **зан, шу** (зану шавҳар), **думод** (домод), **хъшдоман** (хушдоман, модари арӯс ё домод), **хъсър** (падари арӯс ё домод), **хъсърбъра** (бародари арӯс), **йева**р (бародари шавҳар), **қайсангъл** (хоҳари арӯс), **яна** (хоҳари шавҳар), **моиндар** (модарандар), **пияндар** (падарандар), **бачахон** (писархонд), **дъхтархон** (духтархонд), **боҷа** (шавҳари қайсангъл), **къда** (падару модари арӯсу домод). Дар гурӯҳи шеваҳои тоҷикони ноҳияи Ёвон истилоҳоти **боҷа, мойиндар, қайсангъл** ба ҳамин маъно истифода бурда мешаванд [52, 62-70].

Ин ду гурӯҳе, ки дар боло ном бурдем ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ доранд ва байни онҳо ҳам алоқаи зич мавҷуд аст. Гурӯҳи дуюм дар натиҷаи хонадоршавии ду шахс зану мард, яъне зан гирифтан ё шавҳар кардани ду шахси ғайриҳамхун (ду бегона), зан аз як авлоду шавҳар аз авлоди дигар ба вуҷуд меояд. Шумораи истилоҳоти хешони ғайрихунӣ нисбат ба хешони ҳамхун зиёдтар аст.

Истилоҳоти хешутабории гӯйиши тоҷикони Ғоронро аз бобати интишор ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем:

а) хоси тамоми лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ

б) хоси гӯйиши тоҷикони Ишкошим ва тоҷикони Вахон

а) истилоҳи хоси тамоми лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ аз инҳо иборатанд: **занеwар** (зани додаршӯй), **йеwар** (додаршӯй), **сънор/сънҳор** (келин), **йанга** (зани бародар), **хъшдоман** (хушдоман, модарарӯс), **хъсър/хъсур** (хусур, падарарӯс), **қайсангъл/қайсънгъл** (хоҳарарӯс, хоҳаршӯй), **боғчон/бохчон** (муносибати байни занҳои як шахс ба ҳамдигар), **моиндар/мойиндар** (модари угай), **пияндар/пийандар** (падари угай).

б) истилоҳоти хоси гӯйиши тоҷикони Ишкошим ва тоҷикони Вахон **нъна, дъда, занхолък/зантаға, заниеwар, бийор, биёрзо, хъwар, хъwарзо, яна, шуwома** (шавҳари амма) ва ғ.

Таркиби лексикаи хешутаборӣ дар тӯли асрҳо тадриҷан такмил ёфта, бештари истилоҳоти аслӣ бо мурури замон ба худ муродифҳо пайдо карданд. Аз ин ҷиҳат дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар баробари истилоҳоти аслӣ (зан, мард, духтар, писар, бобо, момо, фарзанд ва ғайра воҳидҳои луғавии зиёдеро дучор меоем, ки захираи асосии луғати лаҳҷаро меафзоянд. Дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон бештар ба ҷои калимаи зан истилоҳи **awрат//awратина** ва ба ҷойи мард истилоҳи **мардина/мардъко**-ро истифода мебаранд. *Имруз дар марака фақат* ***awратино*** *бъдан. (Имрӯз дар маърака танҳо занҳо буданд).*

Маънои айёл бошад ифодагари зану, фарзанд мебошад***. Амсояи мо қатии зану айёлшон кучида рафтанд (В).*** *(Ҳамсояи мо бо ҳамроҳии зану фарзандошон кӯчида раф танд).*

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон калимаи **хеш** муродифҳои *қавм, авлод, кънда, пъшт, реша, рагу реша, ришта, тъхм, бех, зот* ва ғ дорад. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ низ ҳамин муродифҳоро ифода мекунад [137, 23].

Бештари истилоҳоти хешутабориро дар гӯйиши тоҷикони Ғорон калимаҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Ба монанди **хъwар** (хоҳар), **бача** (писар), **шу** (шавҳар), **хъшдоман** (хушдоман), **падар, модар**. Қисми дигарашон аз ҳисоби иқтибоси воҳидҳои луғавии арабӣ, ба монанди **аврат, хола, завҷа; туркӣ: янга, қайсангъл** ва ғайра ташкил ёфтаанд.

Дар аснои муроҷиат ба қисме аз инҳо калимаҳои умумихалқӣ ё хоси ҳамаи гӯйишҳои тоҷикони Ишкошиму Вахон ва ё хоси лаҳҷаҳои ҷанубӣ мебошанд ва ё бевосита исмҳои хос ба кор бурда мешаванд. Масалан, ҳангоми муроҷиат ба **хъшдоман** ама, хола ва ба ҷойи **хъсър** таға, амък, ба ҷойи **ewар** ака, ба ҷойи **заневар** янга, ба ҷойи **яна** апа барин калимаҳо дучор меоянд.

Як қатор истилоҳоти хешутабории умумихалқӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон вуҷуд доранд, ки онҳо дар ҷойи ҷамъиятӣ, маҷлису маъракаҳо ба кор мераванд, **модар, падар, хоҳару бародар, акаю додар** ва ғайраҳо.

Агар мо ба гӯйиши сокинони ин водӣ дурусттар зеҳн монем, фарқиятро ҳатто дар байни деҳаҳои наздик мушоҳида мекунем. Дар ҷойҳои гуногун гузаштани задаи калимаҳо низ баъзан дар гуфтугӯи бошандагони ин водиҳо ба мушоҳида мерасад. Агар дар як деҳот шавҳари амаро **шуwома** гӯянд, дар ҳамсоядеҳи дигар бо ӯ **шуwама** муроҷиат менамоянд. Ҳатто завқи насли калонсол дар интихобу истифодаи ин ё он калима аз насли ҷавонтар фарқ мекунад. Чунончи, барои ифодаи калимаи падару модар агар ҷавонон ҷияю додиро истифода баранд, насли калонсол **дъдат** ё **нънат** гуфта муроҷиат менамоянд. Истифодаи ҳар як калимаи лаҳҷавӣ дар ҷои худаш зебою шинам буда, бештари онҳо калимаҳои аслан тоҷикии тағйири шакл карда мебошанд.

Фаҳмидани хешу табор барои шинохти асли худ хело ҳам муҳим аст, зеро ба воситаи таҳқиқи онҳо ба бисёр масъалаҳои марбути ин соҳа таърих, этнография, забони халқ равшанӣ андохта мешавад. Яке аз муҳимтарин соҳаҳои маданияти имрӯзаи халқи тоҷик омӯхтани мероси адабии гузаштагон мебошад.

ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Лексикаи соҳавии гӯйиши тоҷикони Ғорон як қисми ҷудонопазири лексикаи касбии забони миллии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши лексикаи соҳавии гӯйиши тоҷикони Ғорон аз як тараф, барои такмил додан ва пурра сохтани қабатҳои гуногуни таркиби луғавии забони адабии тоҷик аҳамият пайдо намояд, аз тарафи дигар, барои тартиб додани луғатҳои соҳавӣ, истилоҳотӣ дар бахшҳои гуногуни касбу ҳунар ва ба тартиб даровардану рушд бахшидани ҷиҳатҳои маъноии истилоҳоти забони тоҷикӣ дар маҷмӯъ аҳамияти муҳим дорад. Қабати асосии лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон аз ҷиҳати таркиб хусусияти умумитоҷикӣ дорад ва бо вуҷуди ин дар гӯйиши мазкур боз калимаҳое истеъмол меёбанд, ки онҳо хоси ин гӯйиш мебошанд ва ҳаёти мардуми таҳҷойиро фаро гирифта, як қисми муҳими лексикаи онро ташкил медиҳанд.

Ба ин тариқ, лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон, чунон ки дидем аз нигоҳи мавзуъ хеле гуногун аст. Вожаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар

лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон хеле зиёданд ва тамоми бахшҳои фаъолияти ҳунармандии мардуми таҳҷойиро дар бар мегиранд. Гурӯҳбандии мавод собит намуд, ки гурӯҳҳои калимаҳо тамоми паҳлуҳҳои фаъолияти мардуми бумиро фаро мегиранд ва аз нигоҳи баромад асосан, хоси забони тоҷикӣ мебошанд. Албатта, унсурҳои иқтибосӣ низ миёни ин вожаҳо ба назар мерасанд, вале теъдоди онҳо чандон зиёд нест. Қабати асосии лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон аз ҷиҳати таркиб хусусияти умумитоҷикӣ дорад ва бо вуҷуди ин дар гӯйиши мазкур боз калимаҳое истеъмол меёбанд, ки онҳо хоси ин гӯйиш мебошанд ва ҳаёти мардуми таҳҷойиро фаро гирифта, як қисми муҳими лексикаи онро ташкил медиҳанд. Ин вожаҳо ва истилоҳот бештар дар соҳаи ҳунармандӣ ва фаъолияти ҳунарии мардуми ин водӣ ба назар мерасад.

Соҳа бофандагӣ дар Ғорон бештар рушд кардааст ва то ин ҷониб дар ин водӣ занон ва духтарон ба ин касб машғуланд. Ба истилоҳоти соҳаи бофандагӣ дохил мешаванд: **калowa** (баъди риштан ва рангу бор кардан риштаро калоба мекунанд), **калowакън** (шахсе, ки ришта калоба мекунад ва риштаҳои ресидаро шуставу хушк карда, барои дӯхтан ё бофтан омода месозад), **замч** (як навъи хоки шӯри зардчатоб барои рангу бор додани калоба), **мубандък** (мӯйбанд), **кокълък** (кокул), **нусха** (тарҳи гули ҷӯроб, нақша), **сехък** (сихак, барои бофтани ҷӯроб, яксихак, чорсихак), **алқек** (як навъи гул дар ҷӯроб). Бофандагӣ аз бахшҳои хеле муҳими ҳунармандии мардуми Ғорон маҳсуб меёбад. Ба касби бофандагӣ ҳам мардону ҳам занон машғул мебошанд.

Соҳаи хонасозӣ яке аз соҳаҳои маъмул дар Бадахшон буда, дорои манбаъи бойи лексикӣ ва луғавӣ мебошад Дар Бадахшон хонаҳои истиқоматӣ, ки бо номи хонаи бадахшонӣ маъмуланд, асосан, аз сангу чӯб сохта мешаванд.

Пазандагӣ як соҳаи бисёр муҳими фаъолияти мардумро ташкил дода, бахшҳои гуногунро дар бар мегирад. Вобаста ба ҳар як соҳаи он калимаву истилоҳоти махсус ба кор мераванд.

Истилоҳоти **ороишӣ** (зинатӣ) таърихи қадимӣ дошта, як қисми ҷудонашавандаи таркибии сару либоси мардумро ташкил медиҳанд ва зарур аст, ки мавриди таҳқиқу тадқиқи муҳаққиқон қарор бигирад.

Ба ин тариқ, бояд қайд намоем, ки аксарияти калимаву истилоҳоте, ки дар ин қисмати луғати гӯйиши мазкур ба чашм мерасанд, хусусияти умумиҷикӣ дошта, дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ низ ба кор мераванд.

Бояд қайд намоем, ки истилоҳоти ин бахши ҳунармандӣ аксаран таърихи куҳан дошта, дар тӯли асрҳо бе ягон тағйироти шаклу маънӣ дар гӯйиши мардуми Ғорон мавриди истифода қарор доранд.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои маъмулӣ мардуми Ғорон ба ҳисоб меравад. Аз қадиммулайём мардуми ин водӣ ба кишоварзӣ машғул буданд ва ин анъана то имрӯз ҳам дар ин водӣ ривоҷу равнақ ёфтааст. Дар Ғорон ба ин соҳаи маъмул ҳам мардон ва ҳам занон машғул мебошанд.

Гӯйиши тоҷикони Ғорон дар бобати истифодаи номи ҷинсҳои асосии дарахтон аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ қариб тафовут надорад, зеро номи аксар дарахтоне, ки дар Ғорон парвариш меёбанд, дар бештари маҳалҳои тоҷикнишин ба чашм мерасанд. Аз қабили сеw, зардолу, ангур, гелос, тут, олу, шафтолу, анор, анҷир, чормағз, нок ва амсоли инҳо.

Воҳидҳои луғавии соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон аз дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ он қадар тафовут надоранд. Вожаҳое, ки дар ин соҳа мавриди истифода қарор доранд, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон аз нигоҳи теъдод хеле зиёд буда, аслан, умумиҷикиянд ва тафовут фақат дар шакли лаҳҷавии онҳо дида мешавад. Фаровон будани ин навъи истилоҳот аз он ҷост, ки анвои ҳайвоноту парандаҳо дар мавзеъҳои алоҳидаи Ғорон зиёд аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки вожаҳои ифодакунандаи расму русуми тӯй як гурӯҳи махсуси диалектизмҳои лексикиро ташкил медиҳанд.

Мардуми тоҷик низ ба мисли халқҳои дигар расму ойин, азову тӯй доранд, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо онҳо аз насле ба насле то замони мо расидааст. Расму анъанаҳо ва маросимҳои марбут ба маргу дафн аслан дар байни тамоми тоҷикон ҳамгун буда, дар баъзе маҳаллу минтақаҳо бо баъзе

тафовутҳои ҷузъӣ фарқ мекунанд. Ин расму таомулҳо пеш аз марг, ҳангоми дар бистари беморӣ будани шахси миранда сар мешавад. Дар таркиби маросими мотам ва раванди азодорӣ дар байни тоҷикон расму оин ва маъракаҳое ҳастанд, ки реша ба таърихи гузашта доранд. Лексикаи хешутаборӣ ва воҳидҳои луғавии он як қабати муҳими таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони водии Ғорон ва шеваи ҷануби забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар мавзеъҳои алоҳидаи Тоҷикистон номи бозиҳо гуногун бошанд ҳам, маънии онҳо як мебошад. Гӯйиши тоҷикони Ғорон дар истеъмоли номи бозиҳо аз дигар гӯйишҳо ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба куллӣ фарқ намекунад.

Умуман лексикаи соҳавӣ ва мероси маънавии гӯйиши тоҷикони водии Ғорон гуногун ва серпаҳлӯ буда, дорои манбаи бойи лӯғавӣ ва этнолингвистӣ мебошад.

БОБИ III.

МАНБАИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ЛЕКСИКАИ ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҒОРОН

Мусаллам аст, ки яке аз манбаи ғанӣ гаштани лексикаи забони адабӣ ин гӯйишҳо ва лаҳҷаҳо мебошанд. Аз ин рӯ, лаҳҷаҳоро беҳуда «хазинаи нодир» -и забон нагуфтаанд, аммо бояд қайд намуд, ки ин як тарафи масъала аст. Аз ҷониби дигар забони адабӣ низ ба гӯйишҳою лаҳҷаҳо таъсири худро мерасонад. Яъне, аз забони адабӣ низ вожаҳои зиёд ба лаҳҷаҳо ворид мегарданд. Вале ҳар лаҳҷа онҳоро дар қолаби гуфтории худ коркард мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон қайд намудаанд, ки «Лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд. Дар таркиби шеваҳо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷик ворид намудан лозим аст. Бештари мафҳумҳои наве, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ меёбанд, натиҷаи пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони имрӯза мебошад» [162 49]. Албатта, пешрафти босуръати илму техника, раванди ҷаҳонишавӣ фаъол будани шабакаҳои иҷтимоӣ дар замони муосир яке аз роҳҳои иқтибос шудани калимаҳои забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ мебошад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло манбаи пайдоиш ва ташаккули лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғоронро бо роҳҳои зерин муқаррар намудем:

1) забони адабии тоҷикӣ (умумитоҷикӣ);

2) лаҳҷаҳои ҳаммарз (умумилаҳҷавӣ);

3) забонҳои бадахшонӣ;

4) бо роҳи мустақили худ (лаҳҷавӣ);

6) забонҳои бегона (иқтибосӣ).

3.1. Калимаҳои умумитоҷикӣ

Забони адабии тоҷикӣ, ки яке аз муҳимтарин шохаҳои забони миллии мо маҳсуб меёбад, ба гӯйиши тоҷикони Ғорон таъсири бештар дорад. Вожаҳое, ки ба гӯйиши мазкур ворид мегарданд ва ин амал бештар бо роҳи осори хаттӣ сурат мегирад.

Монанди дигар лаҳҷаҳо дар таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон низ калимаҳои умумитоҷикӣ мавҷуданд.

Қариб ҳамаи муҳаққиқони шеваҳои тоҷикӣ қайд кардаанд, ки асоси боигарии луғавии лаҳҷаҳоро вожаҳои умумитоҷикӣ ташкил медиҳанд. Ин ҳодисаро дар таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон низ мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, Р. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев қайд менамоянд, қисми асосии калимаҳои умумихалқии захираи луғавии ин ё он лаҳҷаро унсурҳои решагӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо вобаста ба қонунҳои инкишофи дохилии ҳар як забон (шева) сарчашмаи муҳимми боигарии лексикаи ҳамон забон (шева) ба ҳисоб меравад [33, 92].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба мисли дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои умумитоҷикӣ серистеъмоланд. Дар бобати муайян сохтани калимаҳои умумитоҷикӣ ва аломатҳои онҳо, ҷудо намудани унсурҳои умумитоҷикӣ аз калимаҳои хоси лаҳҷа фикри олимони лаҳҷашинос як хел нест. Аксарияти олимон дар он ақида қарор доранд, ки ин ду навъи воҳидҳои нутқро аз ҳам ҷудо бояд таҳқиқ кард. Дар робита ба ин забоншиноси тоҷик М. Эшниёзов қайд мекунад, ки: «Агар системаи лексикаи шева дар муқоисаву муқобила омӯхта шавад, дар он сурат ҷудо кардани калимаҳои умумитоҷикӣ ва шевагӣ зарур аст» [55, 35].

Ин қабил калимаҳо ба тарзи зерин дар гӯйиши тоҷикони Ғорон истифода бурда мешаванд:

а) ба он тарзе, ки бо забони адабӣ мувофиқати пурраи шаклӣ ва маъноӣ доранд: даст, дар (пешоянд), даҳан, дидан, дарахт, замин, об, бӯй.

б) дар намуди тағйирёфтаи фонетикӣ: дъст, да (да хона), дан, дидъм, дърахт, зъмин, ow, бу.

Мавқеи калимаҳои умумитоҷикӣ дар забони адабӣ устувор буда, ба шеваю лаҳҷаҳо низ таъсири онҳо мерасад. Ба ҳамин маъно Ш. Исмоилов қайд мекунад, ки «Калимаҳои умумитоҷикӣ, ки дар ташаккулу такомули тадриҷии ҳам забони адабӣ ва ҳам лаҳҷаҳои маҳаллӣ мавқеи калон доранд, асоси захиравии луғати ҳар як шеваю лаҳҷаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд» [17, 28].

Бинобар он, дар таҳқиқоти мо лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон чун системаи яклухт мавриди омӯзиш қарор мегирад, калимаҳои умумитоҷикии онро ба таври алоҳида дида мебароем.

Калимаҳои умумитоҷикие, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон мавриди истифода қарор доранд, қабати аз ҳама калони луғати ин лаҳҷаро ташкил медиҳанд ва дар тамоми соҳаҳои фаъолияти сокинони водии Ғорон ба кор мераванд. Масалан, вожаҳои китоб, қалам, хона; ҷангал, хор; тар, сафед, зард, кабуд, гарм; борон, барф, ситора, санг, хок, сел, шамол; шир, асал; зан, мард, талаба, хола, апа; шер, саг, паланг, хар, асп, гов; уқоб, кабутар, зоғ; тут, анор, ангур, нок; картошка, лаблабу; нон, дар, ҷома, соя ва амсоли инҳо.

Бояд қайд кард, ки калимаҳои умумитоҷикии гӯйиши тоҷикони Ғорон асосан, вожаҳое мебошанд, ки аз даврaҳои аввали рушди забонҳои эронӣ ба мо мерос мондаанд. Чун забони тоҷикӣ яке аз забонҳои эронист, бешубҳа, дар давоми рушди таърихии худ аз дигар забонҳои эронӣ ғизо гирифтааст.

Дар воқеъ, вақте ки ба лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон чуқур назар меандозем, ҳодисаҳои махсуси забониро мебинем. Дар системаи лексикии гӯйиши тоҷикони водии Ғорон имрӯз калимаҳои зиёди архаистӣ боқӣ мондаанд ва аз ин ҷиҳат қаробати он ба забони адабиёти классикӣ назар ба лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ ва ғарбӣ бештар ба назар мерасад.

Дар баробари пешрафти илму фан, техника, маорифу маданият, инкишофи ҷомеа ва монанди инҳо лаҳҷаҳои маҳаллӣ рушд ёфтаанд ва таркиби луғавии худро аз ҳисоби вожаҳои камёб пурра мегардонанд.

Ш. Исмоилов қайд мекунад, ки «Рушду такомули лаҳҷаҳоро даставвал дар ҳар чи бештар аз истеъмол баромадани унсурҳои маҳдуди лаҳҷавӣ ва ба

ҷойи онҳо аз забони адабӣ ба лаҳҷаҳо гузаштани вожаҳои умумиҳалқии китобӣ, ки хусусияти умумиистеъмолӣ доранд, дидан мумкин аст. Вале бояд ба ҳисоб гирифт, ки калимаҳои умумиистеъмолӣ – адабӣ дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар як ҳолат истода наметавонанд. Дуруст аст, ки бештари онҳо аз рӯи ҳамон шаклу маънии адабиашон истеъмол меёбанд, аммо қисми дигар вобаста ба талаботи меъёрҳои дохилии худи лаҳҷаҳо аз ҷиҳати таркиби овозӣ тағйир меёбанд ва ё баъзе унсурҳои морфологии хоси лаҳҷаро қабул мекунанд» [17, 31]. Дар шароити ҳозира чунин вазъият дар ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон мушоҳида карда мешавад.

Дар баробари ин калимаҳои умумиҳалқие дучор меоянд, ки бо тағйири маъно бештар хоси лаҳҷаҳоянд. Чунончи, калимаҳои **паҳлавон** ба мафҳуми «шикорчӣ», **ганҷ** ба маънои «шир», **пойтахт** ба маънии «қисми поёни водӣ» дар лаҳҷаҳои Бадахшон қайд шудаанд [108, 20].

Ҳодисаҳои мухталифи таърихӣ, шароити зист ва ҳамкории мардуми мо бо дигар халқҳову қавмҳо ногузир ба он оварда расонид, ки имрӯз дар қатори унсурҳои сирф тоҷикӣ бисёр калима ва шаклу таркибҳои иқтибосӣ дар забонамон моҳияти умумиистеъмолӣ пайдо кардаанд. Дар ин бобат В. С. Расторгуева қайд менамояд: «Таркиби луғавии ҳама шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар заминаи воҳидҳои умумиистеъмолӣ бунёд ёфтааст. Ба гурӯҳи ин қабил унсурҳо асосан, калимаҳои аз нигоҳи баромад эронӣ ва инчунин баъзе иқтибосҳои арабӣ, ӯзбекӣ ва русӣ, ки барои ҳама тоҷикзабонҳо умумӣ ҳисоб меёбанд, дохил мешаванд» [102, 29].

Калимаҳои умумиҳалқӣ дар шеваю лаҳҷаҳои маҳаллӣ мутобиқ ба меъёрҳои талаффузу калимасозии онҳо фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, агар баъзе унсурҳои умумиҳалқӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар сурати асл истеъмол ёбанд, қисми дигар ё аз ҷиҳати шакл ва ё аз ҷиҳати маъно тағйироти муайянеро аз сар мегузаронанд. Бинобар ин, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тасниф кардан лозим аст:

а) калимаҳое, ки бе тағйироти шаклу маънӣ ба кор мераванд: дар, хона; зан, писар, ҷавон, пир, калон; китоб, қалам; санг, лой, хок, сел, рег, борон, шамол; ҷигар, зардолу, анор, нок, сабзавот; баромад, хандид; сурат, бахт, ид, нон; осмон, ситора, гарм; бозор, маҷлис, паст, рост, тез, доно, нодон; сар, остин, миён, гардан, ханда, гиря ва ғайра.

б) калимаҳое, ки ба тағйироти овозӣ дучор шудаанд: **ow** (об), **биёр** (бародар), **хуwар** (хоҳар), **дъхтар** (духтар), **мъмо** (момо), **бъбо** (бобо), **занемък** (зани амак), **шухола** (шавҳари хола), **занхолък** (зани таға), **зъбон** (забон), **дан** (даҳон), **гъл** (гул), **лаw** (лаб), **сътхон** (устухон), **чъшм** (чашм), **му** (мӯй), **дъст** (даст), **ғъбор** (ғубор), **мъ** (ман), **тъ** (ту), **тъхм** (тухм), **сия** (сиёҳ), **търъш** (туруш), **мемон** (меҳмон), **қул** (кӯл), **чъшма** (чашма), **ръқос** (раққоса), **айwон** (ҳайвон), **уҷо** (онҷо), **кшо** (куҷо), **шъмо** (шумо), **қар** (қаҳр), **пъшок** (пушок), **шъкаст** (шикаст), **пър** (пур, зиёд), **съмох** (сӯрох), **wегаи** (бегоҳӣ), **пърсъм** (пурсам), **шаw** (шаб), **мағзор** (марғзор, чарогоҳ). Аз калимаҳои номбурда аён мегардад, ки баъзе аз ин вожаҳо қариб, ки дар тамоми лаҳҷаҳо чунин тарзи талаффуз доранд.

в) калимаҳое, ки дар таркиби луғати забони адабӣ мавҷуданд ва дар гӯйиши тоҷикони Ғорон маъноҳои худро васеътар кардаанд. Калимаи **раг**-и забони адабӣ дар гӯйиши мазкур илова ба маънои – асосиаш рагҳои хунгузар, боз дорои ду маънои дигар гаштааст: а) аслу насаб, б) зот, реша, авлод. Ин калима дар забони гуфторӣ дар шакли ибораҳои гуногун истеъмол мегардад: рагъ пайванд – шарёни хун; рагу реша – хешу ақрабо, авлод, зот; раг задан – бо наштар хун гирифтан.

Ами занъки ҷангарара ай рагу ришташ безоръм (Д). *(Ин зани ҷангарарo аз авлодаш безорам).*

Маъноҳои калимаи **бозӣ** дар алоҳидгӣ: а) фиреб, найранг, б) макр, ҳила, бо касе муносибати ошиқона кардан. Ин калима дар шакли мураккаб низ меояд: **бозибабозӣ –** бо ҳазлу шӯхӣ, **бозикънон –** шӯхикунон ва дар таркиби ибораҳо ба маъноҳои зерин меояд: **бозӣ додан** – фиреб додан, **бозӣ кардан –** бозӣ кардан, **ба бозӣ даровардан** касеро ба рақс даровардан.

Калимаи **ранг** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба ғайр аз маънои асосиаш боз ба маъноҳои зерин кор фармуда мешавад: а) оҳуи калон, бузи кӯҳӣ, б) бузу гӯсфанди кӯҳӣ. ***Рангора дина дидӣ да бари шах бъдан баромадан съни усъ рафтан (К).*** *(Бузҳои кӯҳиро, ки дирӯз дар бари кӯҳ буданд дидӣ баромада ба дигар тараф рафтанд).*

г) калимаҳое, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон маънои дигарро ифода мекунанд:

ҷондор (гӯсфанди калони нар), **шах** (кӯҳ), **яхдон** (сандуқ), **рахна** (аз шохчаи дарахтон барои маҳкам кардани замин бофта мешавад), **ҳуҷра** (ошпазхона), **доман** (бар) ва ғайра.

Як бахши унсурҳои умумитоҷикии гӯйиши тоҷикони Ғорон аз таркибҳои фразеологӣ иборат мебошад. Аз қабили: **сеwи ду пора** (бисёр монанд будан), **талхакаф кардан** (тарсодан), **чъшм ба раҳ** (интизор шудан), **дъмоғша метобад/димоғ-ша метобад** (ранҷидааст), **ай тақалош мондаст** (аз ноз мондан), **пешът бъмръм** (навозиш кардан), **дилма бърдаст** (хушрӯ), **да хъдъш намондаст** (хурсандӣ кардан), **сар-ъш ай осмони афт-ъм** (бисёр нозу нуз кардан), **ай хъд рафтаст** (катагӣ кардан), **ҷигарма бърдӣ** (тарсондан), **ҷигарма хърдӣ** (ғам додан), **ҷони беуда кандан** (меҳнати беҳуда), **косаи сар лабрез шъдан** (аз ҷон безор шудан), **да кърта нағънҷидан** (беҳад хурсанд будан), **лавош кашол** (ғамгин, зиқ), **дил сухтан** (меҳрубон будан), **ай пеш гъзаштан** (дидан кардан), **насақ шондан** (боб кардан), **саръш намехамбад** (аҳамият надодан), **бе дъмоғ** (хафа шудагӣ), **дар гъръфтан** (оташин шудан, ба ҷаҳл омадан), **ҷонъма хърдѝ** (азоб додан) ва ғайраҳо.

Ҳамон тавре, ки дида мешавад, калимаву таркибҳои умумитоҷикӣ асоси захираи луғати гӯйиши тоҷикони Ғоронро ташкил дода, умумияти онро бо забони меъёрӣ ва дигар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ барқарор месозанд.

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон таркиби **ҷуҷу маҷуҷ**, ки мафҳуми «бисёрӣ» - ро ифода мекунад, пайваста истеъмол меёбад. Инчунин муродифи ин калима дар шакли **ҷуҷу бач** ба кор меравад.

Тъ қатии и ҷуҷу маҷуҷт кшо мерай, ки ино иқа вағу ҷаг доран (С). **Ҷуҷу бачта овард-йо (С***). (Ту бо ин кӯдакони бисёрат куҷо меравӣ, ки онҳо ин қадар ғавғо доранд).*

Вожаи **яъҷуч** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин тафсир ёфтааст:

1) дар афсона навъе аз махлуқот, ки яъҷуҷу маъҷуҷ низ мегӯянд ва бадиовар ҳисоб мераванд;

2) қавми афсонавӣ, ки дар ҷанг мағлуб намешуданд ва гӯё Искандар барои пешгирии онҳо сад (девор) баста будааст [132, 638].

Вожаи **линга** ду банди алафро ифода мекунад, ки дар ду тарафи хар бор мекунанд ва сипас бо расан (банд) чанд банди дигари ҳезумро ба иловаи линга болои хар мебанданд. Ин вожа дар забони дарии Афғонистон ҳам ба ҳамин маъно кор фармуда мешавад [36, 69].

Аму каора линга задем, да зъмин мондем, амънора қатии хар ё да пъшт наовардето(Қ). *(Ҳамон ду банди алафҳоро, ки дар замин баста мондем онҳоро ба пушти худатон ё ба пушти хар наовардед).*

3.2. Калимаҳои умумибадахшонӣ

Як қабати лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғоронро чунин калимаҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо бо баъзе аз забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) умумият доранд. Таҳқиқ намудани ин навъи воҳидҳои луғавӣ ва дар зимни он муайян намудани муносибати забонҳои помирӣ бо забони адабӣ ва шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Мо ба ин ақида мувофиқ ҳастем, ки «Омӯзиши ин мавзӯъ кайҳо диққати мутахассисонро ҷалб карда буд, махсусан, дар солҳои охир то андозае пеш рафт ва дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ як силсила мақолаҳои алоҳида дастраси умум гардиданд, ки дар онҳо хусусиятҳои бартамом нозук ва умумию фарққунандаи ин забонҳо дар соҳаи луғату фанетика ва грамматика ба таври муқоиса нишон дода шудаанд» [17, 65].

Маълум аст, ки забонҳои помирӣ бо забони адабӣ ва шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, алалхусус, бо лаҳҷаҳои ҷанубию ҷануби шарқӣ, муносибати наздик доранд. Ин албатта, бесабаб нест ва сабаб дар он аст, ки забонҳои помирӣ ва забони тоҷикӣ ба як гурӯҳ - гурӯҳи забонҳои эронӣ шомиланд. Ҳарчанд ки имрӯз яке ба шохаи шарқӣ ва дигаре ба шохаи ғарбии гурӯҳи забонҳои эронӣ тааллуқ дошта, аз ҳамдигар фарқият доранд, лекин сарчашмаи онҳо як аст. Аз ин ҷост, ки дар забонҳои помирию тоҷикӣ калимаҳои ҳамреша ниҳоят фаровон буда, онҳо манбаи муҳимми таҳқиқоти муқоисавӣ – таърихӣ ҳисоб меёбанд. «Бар замми ин, дар захираи луғати забонҳои помирӣ бисёр унсурҳои лексикии соф тоҷикӣ ҷой доранд, ки низ барои муайян кардани таъсир ва муносибати мутақобилаи таърихии ин ду забон сарчашмаи омӯзиш ба шумор мераванд» [18, 83-97]. Дар воқеъ қаробати ин ду гурӯҳи забонҳои эронӣ – забонҳои помирӣ ва лаҳҷаҳои ҷанубию ҷанубии шарқии забони тоҷикӣ дар ҳама соҳа – дар соҳаи фонетика, луғат ва ҳам дар соҳаи грамматика равшан ҳис карда шавад ҳам, дар назар доштан лозим аст, ки чунин робита ва додугирифт дар байни онҳо як хел давом намекунад. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, А.З. Розенфелд дуруст қайд мекунад, ки умумияти забонҳои помирӣ бо лаҳҷаҳои ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ, махсусан, бо лаҳҷаҳои Ванҷу Дарвоз ниҳоят зиёд аст [107, 25]. Ба таври муқоиса омӯхтану муайян намудани ҳамин умумият ва зимнан нишон додани ягонагию фарқияти шаклу маънии калимаҳои муштаракистеъмоли забонҳои помирӣ ва гӯйиши тоҷикони Ғорон дар шароити ҳозираи забоншиносии тоҷик дорои аҳамияти бузурги назарию амалист.

Аз ин рӯ, «Ба қайди аҳли тадқиқот, забонҳои помирӣ собиқ ҳудуди васеъ дошта, қисми зиёди ҳудуди имрӯзаи шеваи ҷанубии тоҷикиро ҳам фаро мегирифтаанд» [76, 314].

Дар гӯйиши мардуми Ғорон бештар таъсири забонҳои помирӣ, аз ҷумла забонҳоии шуғнониву ишкошимӣ ва баъзан вахонӣ дида мешавад:

а) калимаҳое, ки бе тағйироти шаклу маънӣ ҳам дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ва ҳам дар забониҳои помирӣ ба кор мераванд: **ғажд** (чиркин, ифлос),

боҷа (домодҳои як оила), **ривоҷ** (кор барор гирифтан), **бачъкач** (кӯдак, фарзанд), **барawот** (бароҳат), **балад** (шинос), **чъхт** (сақфи хона).

б) калимаҳои омонимӣ, ки дар гӯйиши тоҷикон Ғорон як маънӣ ва дар забонҳои помирӣ маънии дигарро ифода мекунанд: **гола** (пашми омодашуда барои риштан-Ғ), **гола** (нон-И), **ях** (ях-Ғ), **ях** (хоҳар-Ш, Р).

в) калимаҳое, ки ҳам дар забонҳои помирӣ ва ҳам дар гӯйиши тоҷикони Ғорон шаклҳои овозии худро доранд: **канор** (Ғ), **кинор** (Ш), **канора** (Ғ), **кинора** (Ш), **кенора** (В), **нъвоса** (Ғ), **нибес/нъбос** (Ш), **ныпес** (В), **съпорд** (Ғ), **сипорн** (Ш,Р); **омъхт** (Ғ), **ухманд** (Ш), **патфар** (Ғ), **патфари** (Ш), **қълоғ** (Ғ), **қилоғ** (Ш, Р), **қелоғ** (В); **аст** (Ғ), **яст** (Ш), **нест** (Ғ), **нист** (Ш, Р), **наст** (В, Р); **сари** (Ғ), **сараки** (Ш), **сари** (В); **қew** (Ғ), **қiw** (Ш), **қiw** (В), **бъланди** (Ғ), **биланди** (Ш), **бландиғ** (В); **хушру** (Ғ), **хишру** (Ш,Р), **хешру** (В); **аҷони** (Ғ), **аҷони** (Ш,), **аҷони** (В); **реш** (Ғ), **рех** (Ш); **реш** (В), **балафта** (Ғ), **балафта** (Ш), **белафта** (В); **ҷебък** (Ғ), **ҷебак** (Ш), **ҷибек** (В).

г) калимаҳое, ки дар Ғорон мавриди истифода қарор доранд ва онҳо пурра маънои шуғнонӣ дошта бештар номи айлоқҷойҳоро ифода мекунанд: **къдхор**=къд (саги мода, Ш) +хор (хурдан, ҷойи сагхур, яъне душворгузар; **журдък**=журн (гирд)+ък (пасванд); **вазелък**=ваз (буз)+йел (айлоқ)+ък; (пасванд); **ҷарвед**=ҷар (сангреза)+вед (ҷӯй); **вохаик**=вох (алаф)+ик (пасванд); **прайшонхац**=прайшон (парешон)+хац (об); **шошин**=шош (қум)+ин (пасванде, ки сифати нисбӣ месозад); **шошел**=шош (қум)+йел (айлоқ).

Калимаҳои умумибадахшонӣ инҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки дар тамоми забонҳои бадахшонӣ, лаҳҷаву гӯйишҳои онҳо дар байни омма як хел истифода бурда мешаванд: **ашғол** (аъзои оила), **бат** (як навъи таомест, ки аз орду равған ва шир тайёр карда мешавад), **буруҷ** (номи як навъи дарахти бед), **башол** (номи як растании буттагии кӯҳӣ), **woскат** (жемпери беостини гиребондор), **ғажд** (чиркин, ифлос), **ғилч** (гиреҳбаста, дили касе ғилч шудан), **дастбела** (дастпӯшак), **девлох** (чарогоҳи тобистона), **кочор** (чизу чора), **манҷа** (кати калони чӯбин), **how** (дараи танг), **owпар** (шаршара,

баландие, ки аз он ҷо об мерезад), **пухмак** (пашмак), **сънор/синор** (келин), **сур** (тӯй), **чахт** (чизи кач), **яхдон** (сандуқ). Муҳаққиқи забонҳои бадахшонӣ А. Мирбобоев қайд мекунад, ки «Таъсири мутақобилаи забонҳои помирӣ ва соири забонҳои ҳамсоя ба ҳамдигар омили сеюми таҳаввули авзои забонҳои ин ҳавзаи этнолингвистӣ ба шумор меравад» [25, 73].

Чи тавре ки мушоҳида мекунем, аксарияти калимаҳои зикршуда маъниҳои хоси худро доро бошанд ҳам, маънии онҳо бо ҳам наздик аст ва маълум мегардад, ки онҳо аз як сарчашма сар задаанд ва умумият дар байни ин ду гурӯҳи забонҳои эронӣ ба кадоме аз ин забонҳо марбут будани ин навъи калимаҳоро ба миён меорад. Ш. Исмоилов оид ба ин мавзӯъ қайд менамояд, ки «Ин масъала ниҳоят мураккаб аст ва ҳалли он бе омӯзиши ҳаматарафаи таърихи забонҳои помирӣ ва забони адабии тоҷик, бе тадқиқи пурраи ҷиҳатҳои луғавии ҳама лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар муқоисаву муқобила бо забонҳои помирӣ ва зимни ин ошкор сохтани хусусиятҳои умумию фарққунандаи онҳо дар соҳаи луғат, фонетика ва грамматика муяссар намегардад» [17, 74].

Бояд қайд кард, ки вобаста ба қонунҳои дохилии гӯйиши тоҷикони Ғорон барои ифода намудани як мафҳум якчанд калима ба кор мераванд ва бо ин роҳ бандҳои муродифӣ пайдо мешаванд: **кънҷър** (кач), **каччъшм** (кач), **коҷ** (кач), **чълоқ** (маюб), **абота** (сода), **чиркинък** (чиркин), **каҷала** (коҷ), **фowa** (абота), **ҷиндӣ** (девона), **буйин** (бӯйнок), **сарзадагӣ** (гаранг), **тимтак** (бодӣ); **лаган, тағора** (зарфи калон), **howa** (зарфи калон); **эзор, танбон** (поҷома), **катилок, болодъстек** (зарфи хӯрокбарии дастадор); **қawoқ, пешонӣ** (пешона); калимаҳои тақлидӣ: **типотап, фишофаш, фихъфах, трапътрап** (бесарӣ кардан, талош кардан).

Қонуну қоидаҳои лаҳҷавӣ чунон устуворанд, ки баъзан вожаҳои меъёриро ба худ мутобиқ месозанд. Дар ин маврид унсурҳои забони адабӣ ё ба тағйироти фонетикӣ гирифтор мегарданд ё маънии лаҳҷавӣ пайдо мекунанд:

а) ба тағйироти фонетикӣ дучор мешаванд: **ow** (об), **сия** (сиёҳ), **съфед** (сафед), **бърдъм** (бурдам), **хърдъм** (хурдам), **гъръфтм** (гирифтам), **омадъм** (омадам), **шъштъм** (шиштам), **wардоштан** (бардоштан).

б) маънои лаҳҷавӣ пайдо менамоянд: **қоқ/лосък** (лоғар, хароб), **ғawc/бъф** (фарбеҳ), **хъш** (маъқул, писандида), **чабнах/тахт** (як қисмати хона, ки дар он ҷо домоду арӯс мешинанд), **учра/ганҷина** (ошпазхона).

Дар ҳақиқат, миёни унсурҳои лаҳҷавӣ онҳое, ки боқимондаи забони адабиёти классикӣ маҳсуб меёбанд, мақоми шоиста пайдо кардаанд.

Инкишофи забоншиносии тоҷик дар айни замон тақозо менамояд, ки луғати лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳар чи қадар ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гиранд ва аз захираи он ҳамин гуна калимаҳо бисёртар гирд оварда шаванд, зеро маҳз чунин калимаҳо дар бобати тараққӣ намудани лексикаи за бони адабии муосири тоҷик метавонанд такягоҳ бошанд. Устод Садриддини Айнӣ ин рӯйдоди воқеиро ба назар гирифта, дар вақташ нигошта буд, ки «хазинаи забони халқ ҳанӯз дарбаста ва дастнорасида истодааст. Аввалин вазифаи ташкилотҳое, ки дар ин соҳа кор мекунанд, ин хазинаро кушодан ва луғатҳои зиндаро аз байни халқ ғун карда бо як тадқиқи илмӣ онҳоро чоп намудан ва ба ин восита забонро, чунон ки тараққиёти имрӯза талаб мекунад, васеъ намудан аст» [146, 20]. Ин албатта дуруст аст, зеро дар таркиби шеваву лаҳҷаҳо ҳазорон калимаҳои ноби забони тоҷикӣ мафҳуз мондаанд, ки онҳоро бояд ба таркиби луғавии забони адабӣ ҷо кард.

3.3. Калимаҳои иқтибосӣ

Тавре маълум аст, «Вожаҳои иқтибосӣ захираи луғавии ҳар як забонро ғанӣ гардонда, дар худ маънову тобишҳои навро фаро мегиранд. Дар таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик ғайр аз калимаҳои аслан тоҷикӣ калимаҳои иқтибосӣ низ бисёранд. Дар натиҷаи алоқаю муносибатҳои дурударози иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании халқи тоҷик бо халқҳои дигар ба забони тоҷикӣ бисёр калимаҳо дохил шуда, пойдор гардидаанд ва ин дар таърихи тараққии таркиби луғавии забонамон ҳодисаи манфӣ набуда, балки аз ҳодисаҳои пешқадам ба шумор меравад» [42, 25].

Таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон низ аз гуфтаҳои боло орӣ нест, яъне дар лексикаи гӯйиши мазкур калимаҳои иқтибосӣ низ бисёранд, ки бо сабабҳои гунонгун ба таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон ворид шудаанд.

Сабабҳои таърихии иқтибосшаваии калимаҳо дар забонамон гуногунанд. Ба ин ҷумла, борҳо аз ҷониби аҷнабиён забт гардидани сарзамини азалии мардуми тоҷик – Осиёи Миёнаро номбар кардан мумкин аст. Чунончи, дар даврахои гуногуни таърихӣ аз ҷониби юнониён, арабҳо ва қабилаҳои мухталифи турку муғул истило шудани ин кишвар дар забонамон ҳам бетаъсир намондааст [21, 98].

Калимаҳои иқтибосӣ дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон он қадар зиёд ҳам набошанд, вале як ҳиссаи таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғоронро ташкил медиҳанд. Миқдори воҳидҳои иқтибосӣ нисбат ба дигар шеваҳо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон кам ба назар мерасанд. Бештар калимаҳои иқтибосӣ аз забони русӣ ба чашм мерасанд ва дар гуфтугӯи оммаи мардум истифода бурда мешаванд. Таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон мисли дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ду омил сарчашма мегирад: сарчашмаи дохилӣ ва сарчашмаи хориҷӣ.

Омили дохилӣ асосан, бо роҳи калимасозӣ рушд ёфтани воҳидҳои луғавӣ рӯй медиҳад. Омили хориҷӣ бошад, аз ҳисоби дигар забонҳо ба лаҳҷа дохил шудани калимаҳо луғати лаҳҷа бой мегардад. Сарчашмаи хориҷӣ яке аз омилҳои асосӣ дар ғанӣ гаштан ва ташаккул ёфтани таркиби луғавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Ба фонди лексикаи лаҳҷа дохил шудани гурӯҳи калони калимаҳо аз ҳисоби забонҳои дигар аз рӯи эҳтиёҷ буда, бо сабаби шароит ва инкишофёбии лаҳҷа алоқаманд аст. Аз ин ҳисоб, лексикаи забони адабӣ рушду нумӯъ меёбад. Ба ин гуфта шинос шудан мумкин аст, ки «ҳодисаҳои мухталифи таърихӣ, шароити зист ва ҳамкории мардуми мо бо дигар халқҳову қавмҳо ногузир ба он оварда расонид, ки имрӯз дар қатори унсурҳои сирф тоҷикӣ бисёр калима ва шаклу таркибҳои иқтибосӣ дар забонамон моҳияти умумиистеъмолӣ пайдо кардаанд» [27, 28].

Қисме аз воҳидҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо намудаанд. Ҳамаи калимаҳои иқтибосиро ба гурӯҳи калимаҳои умумитоҷикӣ дохил намудан дуруст нест, зеро на ҳамаи онҳо дар лаҳҷаҳо бе тағйири шаклу маънӣ истеъмол мешаванд.

Сабабҳои аз забонҳои дигар иқтибосшавии калима ва таркибу ибораҳо гуногун мешаванд: ҳамсарҳад будан бо мамлакатҳои дигар (рафтуомад, додугирифт, муносибатҳои хешутаборӣ), тиҷорат, муносибатҳои дипломатӣ, пешрафти илму техника, тарҷумаи асарҳои халқҳои дигар ва амсоли ин [19, 80]. Ҳастанд калимаҳои иқтибосие, ки дар ин гӯйиш чунон ҳазм шудаанд, ки омма гумон намебаранд, ки онҳо калимаҳои бегона мебошанд. Мисол калимаҳои: муаллим, одоб, адабиёт, апа, қаймоқ, қурурт, шкаф, стол.

Н. М. Шанский қайд менамояд, ки «Дар рӯи замин чунин як забоне вуҷуд надорад, ки вай тамоман аз таъсири забонҳои дигар озод буда бошад, чунон ки ягон халқи эҷодгар ва соҳиби забон наметавонад билкул ҷудо ва дур аз дигар халқҳо зиндагӣ ба сар бубарад» [119, 87].

Зеро робитаҳои иқтисодӣ, муносибатҳои ҳамсоягӣ, хешовандию ҳамхунӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ боиси иқтибос шудани таркиби луғавӣ забон ва шеваҳо мегардад.

Дар водии Ғорон танҳо тоҷикзабонон зиндагӣ доранд, ки бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд, вале дар гӯйиши онҳо калимаҳои иқтибосӣ низ вуҷуд доранд. Як қисми калимаҳои иқтибосӣ ба гӯйиши тоҷикони Ғорон гузашта маънои худро тағйир додаанд, ҳатто гунаҳои тоҷикии онҳо камистеъмол шуда, рафта-рафта ба қатори калимаҳои архаистӣ дохил шудаанд. Забоншинос Н. Гадоев қайд менамояд, ки «Сабаби чунин ҳодиса ба он вобаста аст, ки калимаҳои иқтибосӣ бештар паҳлӯҳои гуногуни воқеа, ҳодиса ва ашёро дар худ таҷассум мекунад. Байни калимаҳои иқтибосӣ ва шаклҳои тоҷикии онҳо як навъ рақобат ба амал меояд ва ин барои мавқеъ гирифтани вожаҳо дар забони гуфтугӯӣ ва адабӣ чанд муддат рақобат давом мекунад» [8, 105]. Албатта ин дуруст аст, ки бештари калимаҳои иқтибосӣ номи ашёҳоро ифода мекунанд, чунки бештари ашёҳо аз дигар мамлакатҳои

вориди манотиқи мо шуда, боиси иқтибосшавии калимаҳо мегарданд. Масалан дар давраҳои пешин либосро танҳо аз пашми ҳайвонот, аз маснуоти ватанӣ тайёр мекарданд, ҳоло бошад аз дигар давлатҳо ворид мегардад, ки хоҳ нохоҳ дар соҳаи сару либос ва дигар соҳаҳо калимаҳои иқтибосӣ вориди лаҳҷаву гӯйишҳо мегарданд.

Дар захираи луғавии гӯйиши тоҷикони водии Ғорон, мисли забони адабӣ ва шеваҳои дигари забони тоҷикӣ, унсурҳои иқтибосӣ як қабати калони сермаводро ташкил медиҳанд, ки онҳо маҳсули робитаю муносибати пайвастаи иҷтимоию сиёсӣ ва таърихию фарҳангии аҳолии маҳаллӣ бо дигар аҳвоми дуру наздик мебошад. Ворид шудани калимаю истилоҳоти иқтибосӣ ба лексикаи гӯйиши мазкур асосан, ба ду роҳ ҷараён мегирад: а) бо роҳи аз забони адабӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ қабул кардани васоити солими нутқ;

б) бо роҳи муносибати бевоситаи соҳибони лаҳҷа бо мардуми бегоназабон.

Унсурҳои иқтибосии луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон, асосан, ба забонҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ- аврупоӣ иртибот мегиранд. Дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон се гурӯҳи вожаҳои иқтибосӣ амал мекунанд: вожаҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ ва русӣ-аврупоӣ. Дар қатори калимаҳои аслии тоҷикӣ ё худ эронӣ як гурӯҳи калони вожаҳои умумитоҷикӣ аз ҳисоби вожаҳои иқтибосӣ ба вуҷуд омадаанд.

3.3.1. Иқтибосоти арабӣ

Забон падидаест, ки таҳаввул мепазирад ва захираи луғавии он дигаргун мешавад. Бинобар ин, калимаву истилоҳоти марбут ба замон сохта мешаванд, бозсозӣ мегарданд ё аз забонҳои дигар иқтибос мешавад, маънии нав пайдо мекунанд ва ранги тоза мегиранд ва ё аз ривоҷ афтода, аз эътибор соқит мешаванд. Фарҳанги ҳар забон, бавижа гӯйиши тоҷикони Ғорон низ, набояд аз ин гуна тағйироту таҳаввулот дар канор бимонад.

Оид ба масъалаҳои роҳҳои иқтибоси калимаҳои арабӣ муҳаққиқон Т. Бердиева [79], Маликушшуаро Баҳор [569], Маъсумӣ [20, 21, 22], Ю. А. Рубинчик [199-209], А. Саломов [26], Ф. Убайдов [26], Ғ.Ҷӯраев [244], С.

Хоркашев [341-356] маълумот додаанд. Дар бораи омилҳои ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ шомил шудани калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ Ҳ. Юсуфов [250], Н. Маъсумӣ [20, 22], Й. Сафаров [232], М.Муҳаммадиев [29], М. Шукуров [63] ва дигарон дар заминаи маводи забони адабӣ ва забони асари бадеӣ фикрҳои ҷолиб баён намудаанд.

Хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва лексикии иқтибосоти арабӣ дар мақолаву рисолаҳои Т. Бердиева [1971], С. Сулаймонов [2005, 119], Қ. Исмонов [2013], Н. Камолов [1981, 23], С. Раҳматуллозода [2016] ва осору рисолаҳои ба таҳқиқи лексикаи лаҳҷаҳо бахшида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар байни калимаҳои иқтибосии забони тоҷикӣ калимаҳои арабӣ мавқеи калоне доранд. Дохилшавии онҳо ба ҳодисаи Осиёи Миёнаро истилоҳ намудани арабҳо алоқаманд мебошанд. Ин калимаҳо то ба дараҷае дар забонамон забонзад гардидаанд, ки арабӣ будани онҳо ба тоҷикзабонони имрӯза ҳариб номаълум аст: алаф, арӯс, ид, фикр, хаёл, одоб, адаб, адабиёт, ташвиқот, тарғибот, ҳақ, ҳуқуқ [42, 26].

Лексикаи забони адабии тоҷик аз ҳисоби унсурҳои луғавии арабӣ як андоза бойтар шуд. Дертар аз лексикаи забони адабӣ калимаҳои арабӣ ба забони зиндаи (гӯйиш) ворид шудаанд ва дар муомилаву муносибат ва муоширати мардум саҳм гирифтаанд. Калимаҳои арабӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон зиёданд. Онҳо дар гӯйиши мазкур чунон суфта шудаанд, ки соҳибони гӯйиш ин калимаҳоро аз калимаи худи фарқ карда наметавонанд.

«Воҳидҳои луғавии иқтибосӣ ба таркиби луғати забон ё шеваи қарзгиранда ворид шуда, ба мурури замон дар фонди асосии он ҷой мегиранд ва дар калимасозию ба вуҷуд овардани низоми лексикию семантикӣ фаъол мегарданд. Тақдири бисёр калимаҳои арабӣ, ки яке аз қабатҳои қадимтарини воҳидҳои луғавии иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои он ба шумор мераванд ба ҳамин тарз сурат мегиранд» [42, 18]. Воҳиди луғавии вақт дар гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон, инчунин, дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ бо тағйири овози фонетикӣ вахт бо маъниҳои «замон, вақт» ва

«барвақт, бармаҳал» истифода мешаванд. **waxt омад** (барвақт омадан), **waxt шъд** (фурсат шудан), **waxt олӣ** (фурсат ҳоло аст), **у waxto** (ким кадом вақт), **waxt хестан** (бармаҳал аз ҷой хестан), **waxt нагърўфтан** (вақтро нагирифтан), **вахти xow** (ҳангоми хоб), **waxtхез** (саҳархез), **ба waxti** (бармаҳал, зуд).

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ на танҳо дар пурра гардонидани таркиби луғавии забони адабӣ, балки дар ташаккули таркиби луғавии лаҳҷаҳо нақши асосӣ ва муҳим доранд.

Забони арабӣ дар рушду камоли ҷузъу кулли забони тоҷикӣ мақоме дорад, ки таҳқиқи он назарияву амалияи забоншиносии моро боз ҳам пуарзиш менамояд. Фаҳмост, ки асрҳои аср забони арабӣ, чун забони илм, дин, коргузорӣ сабаби гоҳ равнақу гоҳ бозистии забони тоҷикӣ гардидааст. Таъсири он ба сатҳи лексикии забони мо хеле амиқ ба назар мерасад. «Таносуби таъсири забони арабӣ дар шакли шифоҳии забони адабии тоҷик ва гуфтугӯии он баробар нест, ки ин гузориш худ муҳтоҷи таҳқиқ аст, зеро ғановати аносири арабӣ дар осори мактуб, дар басти ҷумла ва ифодаи маъно тағйиротҳои сифатӣ андӯхтааст, ки забони гуфтугӯӣ аз ин лиҳоз фарқияте дорад, ки сабабгори фасеҳият ва оммафаҳмии он истеъмоли муродифоти тоҷикии алфози душворфаҳми арабист» [67, 5].

Забони арабӣ на фақат ба сатҳи лексикӣ, балки ба меъёрҳои синтаксисии забони адабии тоҷик таъсир бахшида, ба инкишофи он такон додааст. Осори манзум ва мансури классикиро бояд дар партави таъсири забони арабӣ омӯхт, ки ин мифтоҳи тағйироти ботадриҷи наҳви тоҷикӣ хоҳад шуд.

Тамоюли ба забони адабӣ дохил шудани калимаҳои арабиро Н. Маъсумӣ тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ меҳисобад. Ӯ чунин менависад: «Тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар асри Х аз дохил шудани элементҳои забони арабӣ иборат буда, ин протсес на дар асри IX-X, балки аз рӯзҳои аввали ба хилофат тобеъ шудани Мовароҳуннару Хуросон сар шудааст» [161, 70-89].

Аз ин суханҳо бармеояд, ки калимаҳои арабӣ аз воҳидҳои луғавии туркӣ барвақттар ба лексикаи забони тоҷикӣ дохил шудаанд. Онҳо ҳам паҳлуҳои зиндагии мардуми моро инъикос менамоянд ва дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон чунон мавқеъ гирифтаанд, ки муродифҳои тоҷикии онҳо аз истеъмол афтидаанд. Масалан, воҳиди луғавии **касрат** маънои аслияш «бисёр, зиёд» аст [132, 549]. Аммо дар гӯйиши мазкур ифодагари маънои «одами бехосият, бад қадам, ҳаромзода маҳсуб мешавад. ***И занъки касрати омад тамоми зиндагии акама вайрон кард*** *(Г). (Ин зани бехосият тамоми зиндагии акама вайрон кард).*

Калимаҳои арабӣ аз замонҳои хеле қадим ба забони адабӣ ба гӯйиши тоҷикони Ғорон иқтибос шудаанд. Миқдори калимаҳои арабӣ нисбат ба калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ зиёд аст. Калимаҳои арабӣ ба лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон бо роҳҳои зерин гузаштаанд: а) ба воситаи забони адабии тоҷик; б) бо таъсири дини ислом; в) ба воситаи сарчашмаҳои хаттии қадима; г) ба воситаи рафтуомад ва додугирифти одамон.

Калимаҳои арабӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар се шакл истеъмол меёбанд:

а) дар шаклу маънии аслӣ: касал, алам, ақл, маданият;

б) бо тағйироти шакли талаффузи лаҳҷавӣ: малим-муаллим, субат-суҳбат, мутарам-муҳтарам, ало-аъло.

в) вожаҳое, ки дар лаҳҷа маънои худро тағйир додаанд:

Калимаи **авқот** (вақт) ҳангоми ба гӯйиш ворид шуданаш маънои аслиашро дигар намуда, ба маънои **хӯрок** кор фармуда мешавад ва дар ин маъно дар забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва лаҳҷаҳои тоҷикии бадахшонӣ хусусан, Ғорон хеле фаъол ба назар мерасад. ***Wахти авқотхъри шъдаст.*** *(Вақти таомхӯрӣ шудааст).* ***Да вахти авқотхъри одам гап намезанад.*** *(Дар вақти таохурӣ одам гап намезанад).*

Вожаи **мол** маънои дороӣ сарватманд, қудратмандро дорад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бошад ин калима ба маънои **бузу гӯсфанд** меояд. Инчунин ба маънои **матоъ/материал** ҳам кор фармуда мешавад. Дар лаҳҷаи

Тангнов низ ба ҳамин маъно ифода меёбад [8, 15]. ***Молора ба нубат намебаред.*** *(Бузу гӯсфандҳоро ба пода намебаред).* Ин вожа дар шеваи ҷануби шарқӣ низ ба ҳамин маъно кор фармуда мешавад.

Вожаи арабии **рухсат** дар гӯйиши мазкур дар шакли **ръхсат** истеъмол ёфта маънои иҷозат, хоҳишро дорад калимаи **ръхсатӣ** маънои таътили истироҳат, дамгириро, дорад **ръхсат гърфтан –** иҷозат гирифтан, пурсидан, хоҳиш намудан, **ръхсат додан –** иҷозат додан, розигӣ додан, **ръхсат кардан –** ҷавоб додан, гусел кардан, таркибҳои **ръхсати гърфтан –** ба таътил баромадан, **ръхсатии менатӣ –** рухсатии меҳнатӣ рафтан, ба рухсатии меҳнатӣ баромадан истифода мешавад.

Калимаи **шариат** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон дар шакли **шарийат** истеъмол ёфта дар ин гӯйиш маънои дигарро ифода менамояд. Шарият дар луғат ба маънои оин, суннат, тариқат, дин, расм, одат, роҳ ва қонунҳои дини ислом омадааст [132, 654].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бошад **шариат/шарият** ба маънои ***ҷанҷол кардан*** меояд. ***У амқа занъки шариатии ки фақат шарият мекнад (С).*** *(Ӯ бисёр зани ҷанҷолӣ фақат ҷанҷол мекунад).*

Таъсир ва нуфузи вожаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ то дараҷае зиёд буд, ки онҳо ҷойи калимаҳои тоҷикиро гирифта, то имрӯз дар забонҳои помирӣ ва гӯйишҳои гуногуни тоҷикӣ, аз ҷумла дар гӯйиши тоҷикони Ғорон корбурди васеъ доранд.

Дар асоси маводи гирдоварда бояд хотирнишон созем, ки аксари вожаҳои арабӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бе ягон тағйироти фонетикӣ ва семантикӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Инчунин, бояд гуфт, ки як қатор вожаҳои арабӣ бештар дар гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) роиҷ буда, монанди калимаҳои аслӣ барои омма баробар хизмат мекунанд: осеб, ғараз (қасди бад), тавфиқ, ғализ, ҳақорат, одат, зарурат, заиф, ток, тоифа, сурат, мактаб, илм, малим (муаллим), талим (таълим), маруф (маъруф), шуба (шуъба), тарбия, шер (шеър), адабиёт, мутарам (муҳтарам), китоб, саифа

(саҳифа), азо (аъзо), маданият, маруза (маърӯза), ғазал, рубои, даво (даъво), фаол (фаъол), фел (феъл), тақдир, вакил, субат (суҳбат) ва ғайра.

Калима ва ибораҳои зиёди арабӣ, ки ба соҳаи дин марбутанд, аксаран дар гӯйиши тоҷикони Ғорон роиҷ буда, як қабати калони луғати онро ташкил медиҳанд. Чунин вожаҳо бештар аз ҳадисҳои пайғамбари ислом, аз Қуръони маҷид буда, ҳангоми гузаронидани маросимҳои мазҳабӣ ба таври фаровон мавриди истеъмол қарор мегиранд.

Калимаҳои арабиро аз рӯи ифодаи маъно ва вазифаашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем:

1. Номи одамон: бештари номҳои мардона ва занона дар Ғорон арабиасосанд.

а) номҳои мардона: Амад (Аҳмад), Карим, Алӣ, Нуралӣ, Анвар, Самад, Абдраим (Абдураҳим), Мъзафар (Музаффар), Илом (Илҳом), Аброр, Асан (Ҳасан), Сахӣ, Муамад (Муҳаммад), Усейн (Ҳусайн), Мадаким (Муҳаммадҳаким), Абдъло (Абдуллоҳ) ва амсоли инҳо.

б) номҳои занона: Фотъма (Фотима), Мънира (Мунира), Шъкрона (Шукрона), Заро (Заҳро), Зуро (Зуҳро) ва ғайра.

2. Калимаҳое, ки ба инсон ва касбу кори инсон мансубанд: косиб, малим, талаба, солор, раис, ҳофиз, ходим ва ғайра.

3. Вожаҳое, ки ба илму фарҳанг алоқаманданд: мактаб, мориф (маориф), талим (таълим), китоб, дарс, олим, шер (шеър), шоир, байд (байт, суруд) ва ғайра.

Ё худ, аз забони арабӣ ба тоҷикӣ як миқдор калимаҳое иқтибос шудаанд, ки ҳамвазну ба як категорияи грамматикаи арабӣ – исми макон мансубанд: як гурӯҳи онҳо ба вазни мафъил: маҷлис, манзил, масҷид, маҳфил, мағриб, машриқ; гурӯҳи дигар ба вазни мафъал: мактаб, манзар, марказ, маскан, матбаъ, махрач, маҳбас, маҳшар сохта шудаанд. Дар забони тоҷикӣ ҳамаи ин калимаҳо, чи тавре ки зикр шуд, макони иҷрои амалро ифода мекунанд: машриқ (офтоббаро), мағриб (офтобшинам), масҷид (саҷдагоҳ), маҳбас (ҳабсхона), марқад (қабр).

Боиси ёдоварист, ки вожаҳои номбурда ба гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмолӣ дохил мешаванд.

4. Вожаҳое, ки дар гуйиши тоҷикони Ғорон маънои худро дигар намудаанд. Ин вожаҳо аз нигоҳи миқдор зиёд набошанд ҳам, хеле фаъоланд. Онҳо бо маъноҳои нав касбкардаашон маълуму маъмуланд. Масалан, **хавос** – маънои аслиаш **хислат**. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба маънои **дар ташвиш афтоданро** ифода мекунад. ***Иқа хавос шъдъм, ки бачо ай айлоқ дер омадан. (С).*** *(Ҳамин қадар барои бачаҳо ташвиш кашидам, ки аз айлоқ дер омаданд).*

Манша – сарчашма. Дар гӯйиши мазкур маънои масхара карданро дорад. ***У яка дъхтари маншагари, ки фақат мардъма манша мекънад (К).*** *(Ӯ як духтари масхарагар фақат мардумро масхара мекунад).* Дар лаҳҷаи роғи низ ба ҳамин маъно кор фармуда мешавад.

Аламон (**алƹ амон,** амон), ин вожа дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба маънои **одами дузд** меояд, яъне шахсе, ки ҳамаи чизро дар куҷое бинад ҳатман бо худаш мебарад. ***Дари авлира сахт бъкън ки у занъки аламон да амуҷо бо амаи чира наёд бъдъздад барад*** *(С). (Дар ҳавлиро маҳкам кунед, ки вай як зани дузд аст, боз ягон чиро дуздида набарад).*

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи **алъамон** ин тавр шарҳ ёфтааст: калимаи нидо дар вақти амон ва паноҳ хостан фарёд карда мегӯяд:

Гоҳе ки аз ғазаб ба замин рахнаҳо канам,

Аз ҷони санг наръа барояд, ки **«алъамон»!** Сайидо.

Хотирасон бояд кард, ки калимаҳои арабӣ дар ҳама лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба таври фаровон вомехӯранд. Баъзе аз калимаҳои арабиассос дар ҳама лаҳҷаҳо як маъноро ифода намекунанд, балки дар ҳар ҷо ҳар маъноро ифода мекунанд.

Ҳаминро бояд илова кард, ки як гурӯҳи калимаҳои арабии лаҳҷаи мазкур мафҳуми сифатӣ доранд ва дар ифодаи аломат, ҳолат, хусусиятҳои инсон кор фармуда мешаванд: мафлук-фартут-пири-барҷомонда, муточ - муҳточ-зор, ниёзманд; алим-ҳалим.

Ғайр аз ин, баъзе калимаҳои арабӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон муродиф мегиранд ва онҳо метавонанд хоси забони тоҷикӣ, русӣ ё туркӣ бошанд: аҷиб, интересни (аҷоиб); аҷоибот: қизиқ (аҷоиб); мъшкил, қин (мушкил); вафот, гузаштан, даргузаштан, фавт, қазо (мурдан); авқот, хърок (таъом); сарф, харҷ, масраф, расход (харҷ кардан); арба, ҳарба ҷанг; нъхс, камбудӣ.

Инчунин, дар гуйиши тоҷикони водии Ғорон, махсусан дар шеваи ҷанубӣ, унсурҳои луғавии таркиби боварҳоро калимаҳои аслии тоҷикӣ ва баъзан калимаҳои шевагӣ ташкил медиҳанд. Дар баробар ин унсурҳои калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ташаккули сохтории боварҳо мавқеи муайян дошта, баъд аз калимаҳои аслии тоҷикӣ мақоми дуюмдараҷаро ишғол менамоянд. Ба ҳамагон маълум аст, ки қисми зиёди калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо карда, ба гурӯҳи калимаҳои умумихалқӣ дохил мешаванд. Мо дар ин ҷо чанде намуна аз боварҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем, ки дар гӯйиши тоҷикони Ғорон то ҳоло амал кардаистодаанд.

Либосҳои шаҳу арӯс (хусусан бештар ҷуроб) -ро ба рӯйи чаппа пӯшондан. Миёни мардуми Ғорон, умуман мардуми Бадахшон ақидае ҳаст, ки агар инсон, шаҳу арӯс яке аз либосҳои худ, ҷуроб ё ки наски худро чаппа бипӯшад, чашми бад ва сеҳру ҷоду ба ӯ таъсир расонида наметавонад. Ё агар ҳар шахс либоси худро чаппа пӯшад аз чашми бад ӯро нигоҳ медорад. Ин боварҳо аз рӯйи мазмуни худ таърихи тӯлонӣ дошта, ба даврахои қадим то зардуштӣ алоқаманд буданашро нишон медиҳад.

Калимаи либос аз лиҳози баромади худ, калимаи иқтибосии арабӣ буда, хоси калимаҳои услуби гуфтугӯист. Ин калима дар Ғорон бо калимаҳои **пъшок, матоъ, болопӯш, луқ**, ки дар забони шуғнонӣ **лъқ** ифода меёбад, хусусияти синонимӣ зоҳир менамояд.

Дар вақти мулоқоти дӯстон ошиқон, навхонадорон (шаҳу арӯс) аз байнашон гузаштан манъ аст. Дар байни мардуми Ғорон ақидае мавҷуд аст, ки дар мавриди суҳбат кардани ду шахс ё шаҳу арӯс, аз байни онҳо

гузаштан мумкин нест, зеро дӯстӣ ва ошиқии онҳо канда мешавад. Таркиби лексикаи ин боварӣ аз калимаҳои муайян таркиб ёфта, аз байни онҳо калимаи **вақт** ва **ошиқ** калимаҳои иқтибосии арабӣ мебошанд.

Калимаи **вақт** калимаи ифодагари замон буда, бо калимаҳои **замон, маврид ва лаҳза** ҳаммаъно мебошанд.

Калимаи **ошиқ** низ мансуб ба забони арабӣ буда, маънои он **дӯст доштан, маҳбуба, дилдода** мебошад.

Кафан кашидани мурда. Дар байни мардуми ин водӣ ақидае аст, ки агар мурда дар қабристон кафан кашад, дар он хонадон пайҳам мурда мешавад. Агар ин амал дар хонадоне такрор шавад, яъне пайҳам ҳар сол мурда шавад, мегӯянд, ки мурдаи қаблии аз ҳаёт чашм пӯшида, кафан кашидааст. Калимаҳои **кафан кашидан, мурда** аз ҷиҳати баромадашон калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд. Ин бовар таърихи тӯлонӣ дошта, то замони мо омада расидааст ва дар айни ҳол ҳам ин бовар дар байни мардум истифода бурда мешавад.

Дар вақти авқот хӯрдан касе вориди хона шудан. Ин амал на ин ки дар байни мадуми Ғорон умуман дар байни тамоми тоҷикон хеле маъмул мебошад. Дар вақти авқот хӯрдан касе дарояд, гӯё хушдоманаш он шахсро дӯст медоштааст.

Аз таҳиқоти дар боло зикрёфта ба хулосае омадем, ки дар ташаккул ва таркиби луғати гӯйиши Ғорон, умуман шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии забони арабӣ нақши калон доранд.

3.3.2. Иқтибосоти туркӣ – ӯзбекӣ (муғулӣ)

Калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ аз даврaҳои қадим ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудаанд. Воридшавии воҳидҳои луғавӣ ба забони тоҷикӣ аз асрҳои X- XI оғоз шуда, дар даврaҳои дуру дарози таърихӣ вобаста ба муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ, тиҷоративу фарҳангӣ унсурҳои зиёде аз забонҳои гуногуни туркӣ ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ дохил шудаанд. Воҳидҳои луғавии туркӣ-ӯзбекӣ ба забони умумихалқии тоҷик

дохил шуда, ҳазм гардида, баъдан ба таркиби луғавии забони адабӣ ворид шудаанд.

«Як миқдори ками калимаҳои таркиби луғавии забонамонро вожаҳои туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд. Дар адабиёти мавҷудаи илмӣ, дастуру мақолаҳои методӣ чунин калимаҳо бо истилоҳоти гуногуни ӯзбекӣ, туркӣ, муғулӣ, туркиву ӯзбекӣ, туркиву муғулӣ ба қалам дода шудаанд. Воридшавии калимаҳои туркиву муғулӣ ба адабиёти бадеӣ аз забони зиндаи мардум фақат аз нимаҳои асри XIX шурӯъ шудааст» [21, 115].

Дар айни ҳол як гурӯҳ калимаҳои аслии тоҷикӣ ва аз арабӣ иқтибосшуда куҳна шуда аз истеъмол мебароянд ва ба ҷои онҳо бештар калимаҳои туркиву муғулӣ ба кор бурда мешаванд. Калимаҳое, ки бештар истифода бурда мешаванд **элак** (ордбезак), **қапқон** (дом), **курут** (чаккаи хушк), **қашқа** (ало-було), **кълоч** (қадами пой), **кълоч кашидан** (баднафсона ба тарафи чизе даст дароз кардан), **кълъғ** (раҳмат).

Агар ба гӯйиши тоҷикони Ғорон нигоҳ кунем, аён мегардад, ки дар гӯйиши мазкур нисбат ба лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, алалхусус, лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ ва баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ (махсусан, кӯлобӣ, кӯлобии Ҳисор) калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ миқдоран каманд. Воҳидҳои лексикии туркӣ-ӯзбекӣ дар гӯйиши мазкур ба воситаи забони адабии тоҷик ворид шудаанд: **талқон** (гандуми бирёншуда, ки онро бо шир ҳамроҳ карда мехӯранд), **чоқ** (хуш), **чахмоқ/чақмоқ** (санг), **қайроқ** (санг), **қоқ** (хушк), **қалинг** (лавозимоти тӯйи арӯсӣ), **қапқон** (дом).

Калимаҳои туркӣ-ӯзбекии ба гӯйиши тоҷикони Ғорон дохилшуда тадриҷан ба воҳидҳои таркибӣ ва қисми ҷудонашавандаи он табдил ёфта, ба тағйироти ҷиддии шакливу маъноӣ дучор шуданд. Аз ин рӯ, бисёре аз онҳоро аз вожаҳои худӣ фарқ кардан душвор мебошад.

Калимаҳои туркӣ – ӯзбекӣ аз рӯи ифодаи маъно ва мафҳум ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) калимаҳои ифодагари хислат ва касбу кори одамон: асақол/ақсақол (хостгор), **чатоқ** (дуруғгӯ), **къмғол** (қинғол, номзади духтар).

б) истилоҳҳои хешутаборӣ: **таға** (таго), **къда** (қудо), **янга** (зани бародар), **қайсангъл** (хоҳари зан).

Калимаҳои номбурдаро ба қатори калимаҳои умумиистеъмолӣ дохил намудан ба мақсад мувофиқ аст, онҳо дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ истеъмол мешаванд.

в) калимаҳои марбут ба соҳаи чорводорӣ. Ин калимаҳо нисбатан зиёданд дар ин лаҳҷа: **қоз** (як навъи паранда), **қисир** (нозоянда, бебача), **ағил** (оғил, молхона), **қамчин** (банди барои ҳай кардани хару асп), **байтал** (аспи мода).

г) номи асбобу олотҳои рӯзгор ва хоҷагидорӣ: қап (халтаи орд, қап), **қанор** (ҷувол), **къндоқ** (дастаи милтиқ), **сочма** (тир), **қалпоқ** (сарпӯш), **қамчин** (олоти аспронӣ), **қапқон** (асбоби барои гирифтани муш),

ғ) номи анвои хӯрокворӣ: **талқон** (гандуми бирёнкардашуда), **қайла** (гӯшти бирёнкардашуда), **қаймоқ** (саршир), **къру**т (қурут), **къру**тов (навъи хӯрок), **қатиғ** (шир).

Аксари калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ калимаҳое мебошанд, ки моҳияти умумиҷикӣ доранд ва ҳам калимаҳое, ки дар доираи ин водӣ ё умуман лаҳҷаи ҷанубӣ ба кор мераванд, бо ёварҳои феълӣ ҳамроҳ гашта, ба сифати ҷузъи номӣ дар як таркиб истеъмол меёбанд. Ин феълҳо маънии ҳолату амалиёти гуногуни шахсро дар бар мегиранд: **чаҷа кардан** (обгардон кардани дегу табақ ва либос), **чаҷа шъдан** (дар коре ҳамроҳ шудан) **къ**лоч **кашидан** (баднафсона тарафи чизе даст дароз кардан), **қин кардан** (азоб додан). Воҳидҳои луғавии туркӣ-ӯзбекӣ як қисми хурди калимаҳои иқтибосиро дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон ташкил кунанд ҳам, доираи истеъмолашон васеъ мебошад.

3.3.3. Иқтибосоти русӣ-аврупоӣ

Калимаҳои русӣ тавассути забони тоҷикӣ иқтибос шуда, таърихи чандон тӯлонӣ надоранд. Калимаҳои русӣ аз асри XIX оғоз карда, ба забони умумихалқӣ ва адабии тоҷик дохил шудан гирифтанд. Аввалҳо вобаста ба шароит калимаҳои русӣ дар забони тоҷикӣ аз рӯйи зарурат дохил шуданд. «Вобаста ба навигариҳои зиндагӣ ва ҷамъиятии ибтидои асри XX бо пайдоиши предмет ва мафҳумҳои тоза калимаҳои русӣ-аврупоӣ ба забони умумихалқӣ ва адабӣ дохил шуда, дар таркиби луғавии забон ҳиссаи муҳимеро ташкил намуданд» [19, 127].

Оид ба роҳҳои ба забони тоҷикӣ ворид шудани унсурҳои луғавии русӣ-аврупоӣ зимни омӯзиши забон ва услуби асари бадеӣ муҳаққиқон- Н. Маъсумӣ [20, 21, 22], Р. Ғаффоров [7], Б. Камолиддинов [15], Х. Ҳусейнов [52], Й. Сафаров [1978, 236], С. Сабзаев [42] ва дигарон; доир ба роҳҳои инкишофи лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик Н. Шарофов [60, 185]), Ҳ. Маҷидов [24] ва муҳаққиқони лексикаи шеваҳои тоҷикӣ [18, 30, 105 ва дигарон] ба таври васеъ маълумот додаанд.

Баъди Инқилоби Октябр иқтибоси калимаҳои русию аврупоӣ ба забони тоҷикӣ хеле авҷ гирифт. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар қабулу истифодаи калимаҳои русию аврупоӣ ягон меъёри муайяне вуҷуд надошт.

Аксари калимаҳо ба лексикаи забони умумихалқии тоҷикӣ дохил шуда, ба калимаву ибораҳои тоҷикӣ ё ӯзбекӣ, арабӣ ивазнашаванда буданд. Аз ин рӯ, калимаҳои русӣ-аврупоӣ баъзан ё қисман ҷойи калимаҳои туркӣ-ӯзбекиро дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ишғол намуданд. Бештари ин вожаҳо ифодагари мафҳумҳои соҳаи техникӣ, аз қабили **самалёт, верталёт, инженер, механик, ремонт** ва монанди инҳо буданд.

Як қисми муайяни калимаҳои иқтибосии дар гӯйиши тоҷикони Ғорон мафҳузбуда, калимаҳои русӣ-аврупоиянд: **аптек** (дорухона), **тема** (мавзӯъ), **инжнер** (муҳандис), **духи** (духи), **газит** (газета), **кантралёр** (контролёр), **зопарк** (зоопарк), **праблема** (проблема) **чамадон** (ҷомадон), **сумка** (сумка), **гарантия** (гарантия), **план** (план), **праект** (проект), **орган** (орган), **норма** (норма), **даказат** (доказать) **ахрана** (ахрана), **интересни** (интересный),

парта (парта), **камандировка** (командировка), **сахранит** (сохранить), **практика** (практика), **новости** (новости), **рески** (резки), **сраза** (сразу) **пилус** (плюс), **минус** (минус), **каличества** (количество), **салёни** (саленный), **квартира** (квартира), **пичат** (печать), **журнал** (журнал), **факт** (факт), **пошта** (почта), **актиёр** (актёр), **комнат** (комнат), **свет** (свет) ва ғайраҳо. Чунин калимаҳо миқдоран аз воҳидҳои луғавии туркӣ-ӯзбекӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон зиёдтаранд. Пеш аз инқилоб дар маҳалҳои Ғорон, умуман Бадахшон, русҳо дар дидбонгоҳои сарҳадии замони пеш хизмат мекарданд. Онҳо бо мардуми маҳаллӣ муошират менамуданд ва вожаҳои русӣ ба лаҳҷаҳои мардуми ин ҷо гузаштан гирифтанд. Бо мурури замон як қисми хеле ками калимаҳои русӣ ҷои вожаҳои тоҷикиро ба пуррагӣ ишғол намудаанд. Калимаҳои **ужин** ба ҷои ибораи **хӯроки шом, астанофка** ба ҷои **истгоҳ**, **план** ба ҷои **нақша**, **каникул** ба ҷои **таътил** ва монанди инҳо ба кор мераванд.

Калимаҳои русию аврупоӣ вожаҳое мебошанд, ки ифодагари ҳаёти навин, мафҳумҳои ба зиндагии одамон тоза воридшуда мебошанд ва дар соҳаҳои мухталифи фаъолият ва ҳаёти ҳаррӯзаи мардум истифода мешаванд.

Аз рӯи маъно ва соҳаи истифодашудаашон калимаҳои русӣ-аврупоӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғоронро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

1. Калимаҳои ифодакунандаи сару либос: безрукавка, жемпр, кастум, брук, плаш, музаи керзӣ, берси, римен, красофка, кети, кепка, бушлат, туфли, шортик, платия, насочки, шапка, телпак, шарф, макасин, чулки, пинҷак, палто, куртка ва ғайраҳо.

2. Калимаҳои соҳаи техника: трактор, мошин, комбайн, афтобус, радиё, телевизор, магнитафон, калонка, жигули, камаз, танка, пушка, ракета, айрапорт, видиё, парашут.

3. Калимаҳои соҳаи кишоварзӣ: ферма, калхоз, савхоз, камбайн, плуг, бургадир, склад, капуст, памидор, камиссия, дагавор, шланг, лапатка, бочка.

4. Калимаҳои соҳаи илму фарҳанг: газит, журнал, клуб, магазин, инистут, унвиристет, ачот, каникул, одих, район, кино, кансерт, картъчка,

план, директър, завч, званок, печат, савет (шӯро), отпуск, прагул, вигавор, дагавор.

5. Номи асбобҳои рӯзгор: диван, кресло, кухни, адял, шфанер, буфет, халадилник, тарелка, пиласос, лампъчка, свет, каструл, микравалновка, бакал, чайнак, печка, духовка, вилка, крушка, плитка, лошка, ваза.

6. Номи хӯрокворихо ва ширинихо: калбаса, сасиска, жарик, борш, шакалад, торт, канфет, ирис, сгушёнка, хлеб, булчка, салат, пирог, кетчуп, тамат.

7. Номи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда: паспърт, справка, характиристика, удаставрен, диплом, сертификат, даверност, папка, права.

8. Номи касбҳо: шофёр, лиётчик, завмаг, инженер, прараб, повр, метадист, пъркърор, суд, механик, электрик, калхозчӣ, савхозчӣ, бублатекчи.

9. Номи корхонаҳо: магазин, лесхоз, артел, клуб, магазин, медпунт, каса, банк, калхоз, раяно, облано, сабес, завод, фабрика, камбинат.

10. Номи доруҳо: наркоз, паристамол, маз, аспирин, фурасилин, таблетка, вазелин, спирт, ситрамон.

11. Калимаҳои соҳаи ҳарбӣ: генерал, палковник, летинант, капитан, маёр, началник, салдат, афицер, гранат, мина, бомба, атрияд, рота, афтамат, писталет, коктус, прапорчик, падпалковник, омон, спетсназ.

12. Калимаҳое, ки ороишоти занонро ифода мекунанд: духи, касметика, туш, памада, тен, лак, падвотка, бигуди, укладка, причоска, меникюр, педикюр, стрижка, пудра, салфетка, крем, пилка.

13. Калимаҳое, ки номи ширинихоро ифода мекунанд: торт, булъчка (булочка), кекс, прайник, сухарик, пирог, шакалад, канфет, мармалад, рафаела.

14. Калимаҳое, ки хусусияти одамонро ифода мекунанд: жулик (найрангбоз), хитри (найрангбоз), лапух (танбал), стилни (кару фар, фасон), умни (доно), делавой (кордон), съволич (бадкирдор), криса (мумсик), мастер (усто), палитикант (сиёсатмадор), чесни (ҳаҷҷӯ), серёзни (ҷиддӣ), симпатични (ситорагарм, либосзеб), гарени (зӯр).

15. Номи растаниҳо: шиповник, залатой корен ва ғайра.

16. Номи мевагиҳо: лимон, банан, киви, апелсин, ананас.

17. Калимаҳое, ки миқдорро ифода мекунанд: грамм, киллограм, тонна, литр, миллилитр, миллиграм.

18. Калимаҳое, ки масофаро ифода мекунанд: метр, сантиметр, киллометр, метр, диаметр, периметр.

19. Калимаҳое, ки рахти хоби одамонро ифода мекунанд: адял, простин, пададялник, палатенс, падушка, мадрас.

20. Калимаҳои ифодагари нӯшокиҳо: сок, кагор, напитка, пепси, арсикола, фанта.

Унсурҳои забони русӣ, ки бевосита ба таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон ворид гардидаанд, аз рӯйи муносибаташон ба ҳиссаҳои нутқ бештар моҳияти исмию сифатӣ доранд:

1) Калимаҳои исмӣ, бо ёридиҳандаҳои феълии забони тоҷикӣ ҳамроҳ шуда дар як таркиби феълӣ истеъмол меёбанд: апирация кардан (ҷарроҳӣ), узи кардан, ранген кардан (рентген), заправка кардан-(заправлят), римонт кардан (ремонтироват).

2) Калимаҳои сифатӣ: делаwой (делавой), культурни (культурный), прастой, гадавой (годовой), салитни (салитний), савримени (совримений), умни (умний).

Чи хеле ки дидем, калимаҳои русӣ-аврупоӣ дар ҳама соҳаҳои зиндагии мардуми Ғорон зиёд буда, мавқеи устувори истеъмолӣ доранд.

Калимаҳои иқтибосие, ки тавассути забони тоҷикӣ ба гӯйиши тоҷикони Ғорон ворид шудаанд: фаронсавӣ: Ин калимаҳо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон миқдоран зиёд нестанд, вале бо тағйироти шаклҳои овозӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, маданиву илмӣ истифода бурда мешаванд: кабина, кампания, кумита, парлъмон, конгрес, демакратия, план, буҷет, академия, факултет, клуб, камися, горд, прапаганда, атом, бомба.

англисӣ: ҷинс, жакет, монитор, инфарматсия, глабализатсия. кампютър (компютер), манитор (монитор), жакет (ҷакет).

Калимаҳои иқтибосии аз забонҳои гуногуни бегона ба забонамон воридшуда рафта-рафта ба воҳидҳои таркибӣ ва унсурҳои ҷудонашавандаи он табдил меёбанд. Бо мурури вақт чунин калимаҳо ба тағйироти ҷиддии шакливу маъноӣ дучор мешаванд, ки дар натиҷа бисёре аз онҳоро аз вожаҳои худӣ фарқ кардан душвор мегардад [21, 137]. Ин ҳодиса дар гӯйиши тоҷикони Ғорон низ ба назар ҳам мерасад. Чунки баъзе аз калимаҳои иқтибосӣ дар гӯйиши мардум чунон ҳазм шудаанд, ки мардум аз иқтибос будани онҳо дарак намеёбанд. Яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забон ва шеваю лаҳҷаҳо, ин калимаҳои иқтибосӣ мебошанд.

ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

Лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон низ дар қатори лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосиро дар хазинаи луғавии худ нигоҳ медорад. Ҳамин тавр, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ бисёр калимаҳои арабӣ, ӯзбекӣ ва русӣ-аврупоӣ мавҷуданд, ки дар даврахои гуногуни таърихӣ бо сабабҳои муайян ба забонамон дохил шуда мондаанд. Ба забон ва ё лаҳҷа бештар калимаҳое иқтибос мешаванд, ки истилоҳоти илмию техникӣ, номи асбобу анҷоми рӯзгор, либосу либосворӣ ва хӯрокворирo ифода мекунанд. Дар дунё забоне дучор намешавад, ки танҳо дар доираи калимаҳои асили худ дар як ҳолати шахшуда маҳдуд гашта, аз ҳисоби дигар забонҳо баҳравар нагардад. Иқтибосшавии калимаҳо ҳамчун усули маъмулаи иникшофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Яке аз ҳамин забонҳо, ки ба таркиби луғавии форсии тоҷикӣ таъсири назаррас расонидааст, забони арабӣ мебошад.

Калимаҳои арабиро аз рӯйи нишонаҳои забонӣ ва қолаби тарҳезиашон ба осонӣ шинохтан мумкин аст. Бо вуҷуди он ки калимаҳои иқтибосии арабӣ аз асли худ хеле дур рафтаанд ва ба тағйироти ҷиддии забонӣ дучор омадаанд, ба тавассути як идда нишонаҳои умумии савтӣ, сарфӣ ва маъноияшон дар иҳотаи вожаҳои дигар фарқ карда меистанд. Забонҳо аз ҳамзистӣ, тиҷорат, мубодилаи дастовардҳои фарҳангӣ, илмӣ-техникӣ, аз

қабули вожаҳои ҳамдигар фонди луғавии худро бой мегардонанд. Ҳоло наметавон забонеро дарёфт, ки орӣ аз вожаҳои бегона бошад. Вожаҳои иқтибосӣ дар равобит ба фонетикаи забонҳои мубодилакунанда, дар ҳолати тафовути фонетикӣ, шакл ва баъзан мазмуни худро тағйир медиҳанд. Тағйироти шакли вожаҳо ҳатто дар гӯйишҳои як забон низ имконпазир аст.

Агар ба гӯйиши тоҷикони Ғорон нигоҳ кунем, аён мегардад, ки дар гӯйиши мазкур нисбат ба лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, алалхусус, лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ ва баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ (махсусан, кӯлобӣ, кӯлобии Ҳисор) калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ миқдоран каманд. Воҳидҳои лексикии туркӣ-ӯзбекӣ дар гӯйиши мазкур ба воситаи забони адабии тоҷик ворид шудаанд: **талқон** (гандуми бирёншуда, ки онро бо шир ҳамроҳ карда мехӯранд), **чоқ** (хуш), **чахмоқ/чақмоқ** (санг), **қайроқ** (санг), **қоқ** (хушк), **қалинг** (лавозимоти тӯйи арӯсӣ), **қапқон** (дом).

Калимаҳои туркӣ-ӯзбекии ба гӯйиши тоҷикони Ғорон дохилшуда тадриҷан ба воҳидҳои таркибӣ ва қисми ҷудонашавандаи он табдил ёфта, ба тағйироти ҷиддии шакливу маъноӣ дучор шуданд. Аз ин рӯ, бисёре аз онҳоро аз вожаҳои худӣ фарқ кардан душвор мебошад. Аксари калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ калимаҳое мебошанд, ки моҳияти умумиҳоҷикӣ доранд ва ҳам калимаҳое, ки дар доираи ин водӣ ё умуман лаҳҷаи ҷанубӣ ба кор мераванд, бо ёварҳои феълӣ ҳамроҳ гашта, ба сифати ҷузъи номӣ дар як таркиб истеъмол меёбанд. Ин феълҳо маънии ҳолату амалиёти гуногуни шахсро дар бар мегиранд: **чаҷа кардан** (обгардон кардани дегу табақ ва либос), **чаҷа шъдан** (дар коре ҳамроҳ шудан) **қълоч кашидан** (баднафсона тарафи чизе даст дароз кардан), **қин кардан** (азоб додан). Воҳидҳои луғавии туркӣ-ӯзбекӣ як қисми хурди калимаҳои иқтибосиро дар лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон ташкил кунанд ҳам, доираи истеъмолашон васеъ мебошад.

Калимаҳои русию аврупоӣ вожаҳое мебошанд, ки ифодагари ҳаёти навин, мафҳумҳои ба зиндагии одамон тоза воридшуда мебошанд ва дар соҳаҳои мухталифи фаъолият ва ҳаёти ҳаррӯзаи мардум истифода мешаванд. Калимаҳои иқтибосии аз забонҳои гуногуни бегона ба забонамон воридшуда

рафта-рафта ба воҳидҳои таркибӣ ва унсурҳои ҷудонашавандаи он табдил меёбанд.

ХУЛОСА

Аз таҳқиқ ва пажӯҳиши лексикаи гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикии водии Ғорон аз нигоҳи этнолингвистӣ ба чунин хулоса омадем:

1. Лексикаи гӯйиши мазкур аз вожаҳои қадимӣ, куҳнашуда, ки дар онҳо тарзи зиндагӣ, расму оин, анъана, урфу одат таҷассум ёфтаанд, саршор аст ва ба ин восита ба таъриху этнографияи тоҷикони Ғорон шинос кардани мардум, бахусус аҳли илм, аз аҳамият холӣ нест.

